**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ**

**АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ**

**ВБД: 32.019.51**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**САЛОМЗОДА НЕКРӮЗ МАҲМАДХОҶА**

# ТАШАККУЛИ ИМИҶИ СИЁСӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

# (ДАР МИСОЛИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН)

**ДИССЕРТАТСИЯ**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои**
**сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 5.6.2. Ниҳодҳо, равандҳо**
**ва технологияи сиёсӣ**

Роҳбари илмӣ:

Доктори илмҳои сиёсӣ

Назарзода Пиралӣ Сафар

Кӯлоб – 2026

## Мундарича


Номгӯйи ихтисораҳо ........................................................................ 3

Муқаддима ........................................................................................ 4

Тавсифи умумии таҳқиқот ................................................................ 10

**БОБИ I ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ ТАҲҚИҚИ ИМИҶИ СИЁСӢ..........................................** 18

1.1. Имиҷи сиёсӣ ва хусусиятҳои муҳимми он дар илми муосир........................................................................ 18

1.2. Нақш ва мавқеи имиҷи сиёсӣ дар низоми ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ........................................................ 37

**БОБИ II ЗАРУРАТИ ТАШАККУЛИ ИМИҶИ СИЁСӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР……………………………………** 58

2.1. Имиҷи сарвари сиёсӣ ҳамчун воситаи таъмин намудани устувории ҳокимияти давлатӣ.......................................... 58

2.2. Таъсири омилҳои дохилӣ ва хориҷӣ ба ташаккули имиҷи сиёсии давлат ……………………………………………….. 86

**БОБИ III ХУСУСИЯТҲОИ МУҲИММИ ТАШАККУЛЁБИИ ИМИҶИ СИЁСИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН** 107

3.1. Заминаҳои ташаккулёбии имиҷи сиёсии Ҷумҳури Тоҷикистон........................................................................ 107

3.2. Дурнамои такмили имиҷи сарвари сиёсӣ ва ниҳодҳои давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.................................... 126

Хулосаҳо ............................................................................................ 148

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот .................... 151

Рӯйхати адабиёт……………………………………………………… 153

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия............................................ 168

## НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО

**ВАО** – воситаҳои ахбори омма

**ИМА** – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

**ИҶШС** – Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ

**НАТО** – Созмони Паймони Антлантикаи Шимолӣ

**САҲА** – Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо

**СММ** – Созмони Милали Муттаҳид

**СҲШ** – Созмони Ҳамкориҳои Шанхай

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии таҳқиқи мавзуъ.** Ҷаҳони муосир, махсуан оғози асри XXI дар марҳилаи амиқи таҳаввулоти сохторӣ ва функсионалӣ қарор гирифтааст. Ин раванд боиси тағйирёбии муҳтаво ва муҳити институтсионалии ҷомеаи байналмилалӣ гардида, дар он давлатҳо ва сохторҳои минтақавию фароминтақавӣ нақши калидӣ доранд. Баъзе аз ин субъектҳо аз фазои байналмилалӣ хориҷ шуда, гурӯҳҳои дигар дар заминаи таҳрири ҳадафҳои функсионалӣ, таркиби аъзо ва самти сиёсии худ майл ба мутобиқшавӣ нишон додаанд. Дар айни замон баъзе воҳидҳои миллӣ аз байн рафта, дигарон мавқеи геополитикии худро таҳким бахшидаанд. Давлатҳо дар шароити тағйирёбандаи муносибатҳои байналмилалӣ барои муайянсозии ҳувияти сиёсӣ ва фарҳангии худ талош доранд. Равандҳои демократикуноние, ки хосияти гуногунҷабҳа доранд, ба муҳити дохилии давлатҳо таъсир гузошта, ба ташаккули консепсияи нави имиҷи сиёсӣ мусоидат менамоянд.

Имиҷи сиёсӣ имрӯз ҳамчун як унсури стратегии идоракунӣ ва таъминкунандаи суботи сиёсӣ ва легитимияти дохилӣ ва хориҷии кишвар арзёбӣ мешавад. Самаранокии идоракунии давлатӣ, инчунин марҳилаҳои минбаъдаи рушди иҷтимоӣ то андозае маҳз тавассути механизмҳои ташаккули имиҷи сиёсӣ муайян мегарданд. Ташаккули устувори робита миёни давлат ва ҷомеа, таҳкими нақши раҳбарияти сиёсӣ ва фароҳамсозии муҳити мусоиди идорӣ бештар ба сатҳу самаранокии ин равандҳо вобаста мебошад. Ба ин маъно, имиҷи сиёсӣ ба унсури калидии ҳифзи мақоми элитаи сиёсӣ ва давлати миллӣ дар назди аудиторияҳои дохилӣ ва байналмилалӣ табдил ёфтааст.

Баъди фурӯпошии ИҶШС Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари дигар кишварҳои иттифоқӣ истиқлолияти давлатии худро эълон намуд. Раванди рушди минбаъдаи давлатдорӣ ба души худи субъектҳои сиёсии мамлакат вобаста гардид. Аз ҷумла тағйири пурраи имиҷи сиёсии давлати Тоҷикистон, ки дар моддаи якуми Конститутсияи кишвар Тоҷикистонро ҳамчун «давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона» [1] эълон намуд, кафолатдиҳандаи гуфтаҳои болост.

Бо дарназардошти равандҳои муосири сиёсӣ ва хусусиятҳои ҷараёнҳои глобалӣ, таҳқиқ ва таҳлили механизмҳои ташаккули имиҷи сиёсӣ дар сатҳи миллии давлатҳо ба унсури муҳимми таҳқиқоти илмию амалии замони ҳозира табдил ёфтааст. Дар шароити мураккаби равандҳои сиёсӣ ва геосиёсӣ имиҷи сиёсӣ ва равандҳои марбут ба ташаккули он ҳамчун нишондиҳандаи асосии ҳувияти сиёсӣ ва намоиши байналмилалии давлату роҳбари сиёсӣ баромад мекунад. Истифодаи васеи расонаҳои хабарӣ ва технологияҳои муосири PR муҳити мувофиқро барои фаъолияти самараноки субъектҳои сиёсӣ дар муҳити дохиливу байналмилалӣ фароҳам меорад. Ҷаҳонишавӣ ва густариши шабакаҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ аҳамияти ташаккули имиҷи сиёсиро дар фаъолияти сиёсии давлатҳо ва роҳбарияти олӣ бамаротиб афзоиш додааст.

Масъалаи таъсири афзояндаи ВАО ва шабакаҳои муосири коммуникатсионӣ ба сиёсатҳои миллӣ ба таври возеҳ эҳсос мешавад. Пешрафт дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ имконияти интиқоли босуръати маълумот ва дастрасии фарогир ба иттилооти сиёсӣ ва иҷтимоиро таъмин намуд, ки он ба шаклгирии афкори умум ва низоми имиҷсозии элитаи сиёсӣ таъсири ҷиддӣ мерасонад. Дар чунин фазои иттилоотӣ шабакаҳои иҷтимоӣ ва расонаҳои мустақил метавонанд ҳам ҳамчун воситаи таъсиргузор ва ҳам омиле барои ноороmии иттилоотӣ баромад кунанд.

Равандҳои ташаккули имиҷи сиёсӣ имрӯзҳо ба сатҳи баланди иштироки ҷомеа дар муносибатҳои сиёсӣ вобаста буда, ин равандҳо дар ташаккули ҷойгоҳи сиёсии элита ва роҳбарияти давлатӣ нақши асосӣ мебозанд. Маҳз тавассути муҳтавои иҷтимоии имиҷи сиёсӣ метавон муносибати ҷомеа бо сохторҳои ҳокимиятро арзёбӣ кард. Ташаккули имиҷи сиёсӣ дар давлатҳои дар давраи гузариш қарордошта, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, зарурати истифодаи заминаҳои мукаммали назариявӣ ва механизми амалиро тақозо менамояд. Бо дарназардошти вазъияти дохилӣ ва равандҳои глобалӣ, Тоҷикистон дар марҳилаи муосири ташаккули сохтори демокративу ҳуқуқбунёд қарор дорад. Давлат ва роҳбарияти он ҳамчун ниҳодҳои маркази низоми сиёсии ҷомеа вазифадоранд, ки на танҳо робита бо ҷомеа ва ВАО-ро

муназзам гардонанд, балки моделҳои нави муносибат бо институтҳои ҷамъиятиро низ рушд диҳанд.

Механизмҳои ташаккули имиҷи сиёсӣ дар шароити кунунӣ на танҳо ба фаъолияти элитаи сиёсӣ, балки ба сатҳи шуури сиёсӣ ва истиқлоли фикрии шаҳрвандон таъсир мегузоранд. Таҳлилҳо ва таҷрибаи давлатҳои пешрафта нишон медиҳанд, ки канораҷӯии ҷомеа аз муҳити сиёсӣ метавонад боиси паст шудани таъсири имиҷи сиёсии давлат ва афзоиши фосила миёни ҳокимият ва мардум гардад. Баръакс, низомҳои демократие, ки асоси ташаккули имиҷи устувори сиёсӣ мебошанд, дар раванди баланд бардоштани маърифатнокии аҳолӣ ва робитаи муассири элита бо мардум нақши муайянкунанда доранд. Аз ин ҷост, ки ташкили барномаҳои омӯзиши сиёсӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифати шаҳрвандӣ ва таҳкими масъулияти иҷтимоии аҳолӣ нисбат ба давлат, яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи сиёсати муосир арзёбӣ мегардад. Мавқеи марказии имиҷи сиёсӣ дар ҷомеаҳои демократӣ ба равандҳои мунтазами интихоботӣ бастагӣ дорад, зеро навсозии элитаи сиёсӣ ба шакли пай дар пай сурат мегирад. Масъалаи ташаккули имиҷи сиёсӣ дар ин замина ҳамчун як падидаи дорои хусусиятҳои хоси муосир таҳқиқ мешавад. Яке аз омилҳои асосии идоракунии муваффақи давлатӣ дар асри XXI таъсири арзишҳои меъёрии имиҷи сиёсӣ мебошад, ки он бояд мутобиқ ба шароити тағйирёбандаи иҷтимоӣ таҳлил ва такмил дода шавад.

Дар ин замина, таъкидҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мавриди таҳкими асосҳои давлатдории муосир ва ташаккули пояҳои давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ, ҳамчун омилҳои конститутсионии имиҷи сиёсии кишвар аҳамияти илмӣ ва амалӣ дошта, зарурати таҳқиқоти имиҷи сиёсиро дар ин самт тақвият мебахшад.

Дар шароити муосири рушди ҷомеа ташаккули имиҷи сиёсӣ ба сифати навъи мустақили фаъолияти институтсионалӣ баромад менамояд ва аз ҷониби субъектҳои низоми сиёсӣ бо такя ба қоидаҳо, усулҳо, меъёрҳо ва арзишҳои демократии ҷаҳонӣ амалӣ мегардад. Имиҷи сиёсӣ дар чунин замина ҳамчун

падидаи мураттаби идеологӣ ва коммуникатсионӣ зуҳур намуда, заминаи асосии ташаккули муносибатҳои муосири сиёсии ҷомеаро ташкил мекунад. Ҳамин тавр, раванди ташаккули имиҷи сиёсӣ натиҷаи эволютсияи таърихии равандҳое мебошад, ки дар тули шаклгирии низоми идораи давлатӣ ва таҳкими легитимияти он нақши калидӣ бозида, ба баланд бардоштани самаранокии ҳукуматдорӣ мусоидат менамояд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Аҳамияти омузиши илмии имиҷи сиёсӣ дар шароити муосир дар он ифода меёбад, ки меъёрҳои сохтории давлат бо таҳаввулоти мазмунӣ дар фазои сиёсӣ мутобиқ гардонида мешаванд. Дар натиҷа имиҷи сиёсӣ ҳамчун заминаи таҳлили илмӣ васеътар мавриди таваҷҷуҳ қарор мегирад. Имиҷи сиёсӣ ва вижагиҳои ташаккулёбии он таваҷҷуҳи сиёсатшиносон, файласуфон, ҳуқуқшиносон, ҷомеашиносон ва таърихнигоронро ба худ ҷалб намуда, ҳамчун омили таъсиргузор дар муносибати байни давлат ва роҳбарияти сиёсӣ арзёбӣ мегардад. Консепсияи имиҷи сиёсӣ ҷанбаҳои муносибат миёни шахсият ва ҳокимияти сиёсиро фаро гирифта, дар таҳқиқоти илмии муҳаққиқони дохилӣ ва хориҷӣ мавриди омӯзиш ва арзёбӣ қарор дода шудааст. Тамоми адабиёти илмии вобаста ба мавзуи таҳқиқот истифодашударо ба гуруҳҳои зерин ҷудо намудан мумкин аст.

**Гуруҳи аввалро** осори илмию назариявие ташкил медиҳад, ки ба омузиши имиҷи сиёсӣ ва роҳҳои ташаккули он бахшида шудаанд. Дар баробари ин сарчашмаҳои мазкур дар муайяннамоии мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои асосии имиҷи сиёсӣ аҳамияти зиёди илмӣ доранд. Дар таҳқиқоти Е.А. Дегаева [70], Е.Б. Перелигина [36; 124], Е.П. Костенко [24], И.П. Шкуратова [104], И.А. Федоров [49; 132], Б.Г. Ушаков [48], А.Ю. Панасюк [35], А.А. Деркач [13; 14] ва дигарон масъалаҳои назариявию методологии таҳқиқи имиҷи сиёсӣ омухта шудаанд.

**Гурӯҳи дуюмро** таҳқиқоти илмие ташкил медиҳад, ки дар онҳо масъалаи имиҷи сиёсӣ, механизмҳои идоракунии он дар системаи идораи давлатӣ ва таъсири он ба муносибатҳои мутақобилаи байни ҷомеа ва субъекти ҳокимияти

сиёсӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Дар ин самт саҳми сиёсатшиносон, равоншиносони сиёсӣ ва мутахассисони соҳаҳои дигари илм назаррас мебошад. Аз ҷумла, асарҳо ва таҳқиқоти илмии чунин муҳаққиқон, ба монанди Л.В. Матвеева, Т.А. Кравсова, О.А. Хасбулатова [28], А.Ю. Багрина [111], Э.А. Галумов [67], Т.В. Зонова [18; 19], Ю.Б. Кашлев [21; 22], И.В. Илъин [74], О.Г. Леонова [76], И.А. Василенко [6; 64; 65] ва дигарон дар таҳқиқи паҳлуҳои гуногуни таъсири имиҷи сиёсӣ ба равандҳои идоракунии ҷомеа ва низоми сиёсӣ нақши назаррас доранд.

**Гурӯҳи сеюмро** таҳқиқоти назариявӣ ва амалии вобаста ба фаҳмиш ва идоракунии имиҷи сиёсӣ дар низоми давлатдорӣ ташкил медиҳанд. Осори илмии чунин муаллифон, ба монанди А.А. Чичановский [99], П. Шампан [102], Д.А. Лучкин [121], М.В. Яковлев [138], Е.Б. Перелигина [36], О.С. Драгачева [120], Е. Егорова [71], И.Р. Феоктистова [134], А.М. Суладзе [135], В.М. Шепел [55], С.Е. Захарова [72], И.Ю. Кисилёв [75], О.А. Феофанов [91] ва дигарон ба таҳлили маҷмуии воқеияти сиёсии муосир, моделсозии имиҷи сиёсӣ дар фазои демократӣ ва таҳаввули низоми муносибатҳои давлат ва ҷомеа бахшида шудаанд. Ин манобеъ, дар баробари шарҳу тавзеҳи консепсияҳои имиҷсозӣ, ба таҳкими фаҳмиши принсипҳои ташаккули имиҷи роҳбарияти сиёсӣ дар шароити муосири давлатдорӣ мусоидат мекунанд. Сарчашмаҳои илмии номбаргардида ба таҳлили воқеияти имиҷи сиёсӣ, ташаккули имиҷи сиёсӣ дар шароити шаклгирии низоми давлатдории миллӣ, принсипҳои имиҷи сиёсӣ дар рушди давлати муосир ва консепсияи давлати демократӣ равона шудаанд.

**Гурӯҳи чорумро** адабиёти илмии муҳаққиқони ватанӣ, аз ҷумла осори сиёсатшиносон ва таҳлилгарони тоҷик ташкил медиҳанд. Онҳо дар таҳқиқи махсусиятҳои имиҷи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми назаррас доранд. Дар таҳқиқоти олимони ватанӣ омилҳои дохилию берунаи ташаккули имиҷи сиёсӣ ва байналмиалии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд. Аксари олимони кишвар рушди бомароми Тоҷикистон ва таъмини амнияти миллии мамлакатро омили муҳимтарини ташаккулдиҳии имиҷи

сиёсии Тоҷикистон медонанд. Аз ҷумла, асарҳои А.Н. Муҳаммад [30; 32], С.С. Ятимов [107; 108; 109], Г.Н. Зокиров [16; 17], З.Ш. Саидзода [42; 87], М.У. Хидирзода [93; 94], П.А. Муҳаммадзода [82; 83], Р.Ҷ. Ҳайдаров [92], З.И. Рустамзода, М.А. Акмалова [86], Х.К. Сафарализода [88], И.И. Баротов [61], М.Б. Худоёрова [96], Е.Е. Юсупова [106] ва дигар муҳаққиқон ба масоили инъикоси арзишҳои миллӣ дар имиҷи сиёсӣ, нақши сарвари сиёсӣ дар ташаккули имиҷ, таъсири он ба легитимияти ҳокимият ва барқарорсозии муносибатҳои мутақобила миёни давлат ва ҷомеа бахшида шудаанд.

Дар доираи ин таҳқиқот имиҷи сиёсӣ ҳамчун яке аз унсурҳои муҳимми идораи давлатӣ арзёбӣ гардида, тавассути он робитаи байни шаҳрвандон, давлат ва манфиатҳои миллию сиёсӣ муаррифӣ мегарданд. Таъсири маҷозии имиҷи сиёсӣ дар шаклгирии эътимод, легитимият ва истиқлолияти сиёсӣ мавриди таҳлили ҷиддии назариявию амалӣ қарор гирифтааст. Дар ин замина, ташаккули имиҷи сиёсии давлат низ аҳамияти хосса касб мекунад, зеро он ба дарки ҷомеа аз давлатдорӣ, равандҳои сиёсӣ ва манфиатҳои миллии кишвар таъсир мерасонад. Таҳлил ва омӯзиши маводҳои назариявӣ ва амалии марбут ба ташаккули давлати миллӣ имконият медиҳад, ки сатҳи иртибот ва алоқамандии ин масъалаҳо бо имиҷи сиёсии давлат ва проблемаҳои гуногуни ташаккули он дар шароити муосир равшан гардад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи татбиқи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар мавзуи «Равандҳои иҷтимоию сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ» иҷро гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** – омӯзиши масъалаҳои инкишофи имиҷи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳқиқи механизмҳои ташаккули имиҷи сиёсии кишвар дар марҳалаи нави давлатдории миллӣ ва нақши имиҷи сарвари сиёсӣ дар роҳи татбиқи легитимияти ҳокимият мебошад. Барои амалӣ намудани мақсади таҳқиқот вазифаҳои зерин муайян карда шуданд:

**Вазифаҳои таҳқиқот:**

– муайян сохтани зарурат ва аҳамияти таҳқиқи илмии имиҷи сиёсӣ ва мушаххас кардани самтҳои асосии рушди он дар фазои сиёсии муосир;

– муайян кардани моҳият, сохтор ва вазифаҳои имиҷи сиёсӣ дар низоми институтҳои ҳокимияти давлатӣ;

– нишон додани нақш ва мавқеи имиҷи сиёсии сарвари сиёсӣ дар раванди легитимикунонии ҳокимияти сиёсӣ;

– асоснок намудани таъсири омилҳои дохилӣ ва буран ба имиҷи сиёсии давлат;

– нишон додани заминаҳо ва роҳу усулҳои амалигардонии ташаккули имиҷи сиёсӣ дар Ҷумҳури Тоҷикистон;

– муайян намудани дурнамои ташаккулдиҳии имиҷи сиёсии сарвар ва ташкилотҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Объекти таҳқиқот** – раванди ташаккулёбии имиҷи сиёсии ниҳодҳои давлатӣ дар шароити муосир мебошад.

**Предмети таҳқиқот** – механизмҳои иҷтимоию сиёсии такмили имиҷи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи кунунии давлатдории миллӣ мебошад.

**Фарзияи таҳқиқот.** Ташаккул ва татбиқи имиҷи сиёсӣ метавонад ба сифати василаи муассири муаррифии сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дохил ва хориҷи кишвар хизмат намояд. Ин раванд метавонад таҳкими робитаҳои сиёсиву сохторӣ ва таъсири мусбати он ба идоракунии давлатӣ ва рушди институтсионалии кишварро фароҳам созад. Имиҷи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқоиса бо дигар кишварҳо дорои вижагиҳои хоси миллист,

ки аз таърихи инкишофи ҷомеа, сатҳи шуури сиёсӣ, фарҳанги муоширати сиёсӣ ва равобити давлат бо ҷомеаи шаҳрвандӣ бармеояд. Мутобиқати ин имиҷ ба арзишҳои миллӣ ва ҷомеаи демократӣ метавонад тамоюлҳои мусбати ташаккулро дар худ таҷассум намояд. Дар чунин шароит, имиҷи сиёсӣ на танҳо воситаи муаррифии ҳокимият, балки воситаи стратегӣ дар татбиқи манфиатҳои миллӣ ва таҳкими суботи сиёсиву иқтисодии кишвар маҳсуб меёбад.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот.** Дар таҳқиқоти рисолаи диссертатсионӣ, муаллиф бештар ба муқаррарот ва хулосаҳои назариётчиёни илмҳои сиёсӣ, муҳаққиқони барҷастаи ғарб, рус, тоҷик ва ғайра, ки бевосита ба мавзуи таҳқиқотӣ рӯоварӣ намудаанд, такя кардааст. Ба таҳлили адабиёти илмӣ, ки ба омӯзиши имиҷи сиёсӣ дар хориҷи кишвар ва Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шуда ва хулосаҳои илман асоснокгардида баён намудаанд, диққати махсус равона шудааст. Дар баробари ин, корҳои илмии олимон ва муаллифон, ки дар шакли монографияҳо, дастурҳои таълимӣ, мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи байналмилалӣ нашр гардидаанд, инчунин Паёмҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, махзанҳои электронии интернетӣ, сомонаҳои расмии вазорату идораҳои дахлдори соҳавӣ мавриди истифодаи васеъ қарор гирифтанд.

Ҷанбаҳои назариявию методологияи таҳқиқоти мазкур ба маҷмӯи васеи усулҳои илмии таҳлил такя дорад, ки ҳадафи асосии онҳо таҳқиқи амиқи равандҳо ва хусусиятҳои ташаккули имиҷи сиёсӣ мебошад. Аз ҷумла, методҳои умумии илмӣ, ба монанди усули таърихӣ, системавӣ, объективӣ, мушаххасиятгаройӣ, муқоисавию таърихӣ ва сотсиокултурологӣ дар таҳлили мавзӯи тадқиқот истифода гардидаанд.Методи таърихӣ имконият фароҳам овард, ки раванди ташаккул ва таҳаввули имиҷи сиёсӣ дар давраҳои гуногуни таърихӣ мавриди таҳлили хронологӣ қарор гирад. Бо ёрии он тағйироти сиёсӣ ва фарҳангии вобаста ба имиҷи роҳбарияти сиёсӣ ва давлатдории миллӣ дар

заминаи муқоисавӣ арзёбӣ гардиданд.

Илова бар ин, методҳои консептуалӣ, синергетикӣ, функсионалӣ ва таҳлили таркибӣ дар равшан сохтани иртиботи дохилӣ ва сохтории имиҷи сиёсӣ нақши муҳим бозиданд. Усули муқоисавӣ имкони муқоисаи намунаҳои гуногуни имиҷсозии сиёсӣ дар кишварҳои дорои низоми устувори сиёсиро фароҳам сохт.Гуногунандешии масъалаҳои таҳқиқшуда зарурати татбиқи равишҳои эмпирикӣ, таҳлили сохторӣ ва умумисозии назариявиро ба вуҷуд овард. Методи мушоҳидаи бевосита низ дар ин самт корбурд ёфт, ки дар раванди омӯзиши таҷрибаи ташаккули имиҷи сиёсӣ дар кишварҳои дорои имиҷи мустаҳками сиёсӣ, дар сатҳи амалӣ самаранок истифода шуд.Дар ҷараёни таҳлил ба тавсиф ва тафсири мафҳуму категорияҳо диққати ҷиддӣ дода шуд, зеро дар муҳити илмии сиёсӣ ин истилоҳот аксаран бо мазмунҳои гуногун истифода мешаванд ва ниёз ба возеҳсозии мафҳумӣ доштанд. Ҳамин тавр, методологияи таҳқиқот ба воситаи синтези равишҳои гуногуни илмӣ шароити мусоиди таҳлили сиёсиро фароҳам оварда, дар тавзеҳи моҳият, хусусиятҳо ва дурнамои рушди имиҷи сиёсӣ нақши калидӣ бозид. Бо мақсади таъмини таҳлили ҳамаҷонибаи мавзӯъ ва ироаи арзёбии илмии пурра, муаллиф ба як қатор сарчашмаҳои боэътимод ва манбаъҳои аввалия такя кардааст. Ин манобеъро метавон ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кард:

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки бори аввал дар заминаи илмҳои сиёсии ватанӣ масъалаи ташаккули имиҷи сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун як падидаи мустақили сиёсӣ мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор гирифтааст. Самтҳои асосии навгонии илмии таҳқиқот дар бандҳои зерин ифода ёфтаанд:

– асосҳои назариявӣ ва методологии омӯзиши имиҷи сиёсӣ бо дарназардошти хусусиятҳо ва тамоюлҳои инкишофи он, инчунин тавзеҳи гуногунфаҳмии мафҳумии ин падида дар муҳити сиёсӣ муайян карда шудааст;

– моҳият, сохтор ва заминаҳои ташаккули имиҷи сиёсӣ ба зарурати ташаккули он дар заминаи рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва идоракунии мутамаддин асоснок мегардад; дар ин замина имиҷи сиёсӣ ҳамчун шакли нави

муносибатҳои сиёсӣ ва омили болоравии самаранокии низоми давлатӣ баррасӣ шудааст;

– мазмун ва мундариҷаи идеологии имиҷи сиёсӣ, ки равандҳои пайдоиш, марҳилаҳои шаклгирӣ ва омилҳои таъсиррасонро бо дарназардошти қонуниятҳои таҳаввули иҷтимоию сиёсӣ тавсиф менамояд, муайян карда шудаанд;

– омилҳои дохилию беруние, ки дар раванди ташаккули имиҷи сиёсии давлат таъсиргузорӣ менамоянд, нишон дода шудаанд ва шакливазкунии онҳо асоснок гардидаанд;

– шароити кунунии Тоҷикистон ҳамчун марҳилаи нави шаклгирии давлатдории мустақили демократӣ, ки дар он таъсири арзишҳои сиёсӣ, фарҳангӣ ва идеологӣ ба ташаккули имиҷи сиёсӣ ва муносибатҳои нави давлату ҷомеа ба мушоҳида мерасанд, арзёбӣ гардидаанд;

– дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот дурнамои ташаккулдиҳии имиҷи сиёсии сарвар ва ташкилотҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст.

**Нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда**

1. Имиҷи сиёсӣ падидаи стратегии муосир дар низоми идораи давлатӣ ба шумор меравад, ки махсусан барои кишварҳои пасошӯравӣ аҳамияти устувор пайдо мекунад. Он дар маркази равандҳои сиёсӣ қарор дошта, ба сифати абзори фаъолгардонии идоракунии давлатӣ ва таъминкунандаи мувозинати муносибатҳои байни давлат ва ҷомеа баромад мекунад. Имиҷи сиёсӣ навъи замонавии муносибатҳои иҷтимоӣ-сиёсии давлатест, ки дар асоси арзишҳои воқеӣ ва ратсионалӣ ташаккул ёфта, ба таҳкими сохтори идораи давлатӣ ва баланд бардоштани сатҳи легитимияти он мусоидат менамояд. Имиҷи сиёсӣ равандҳои шинохт ва қабулро дар сатҳи ҷомеа нисбат ба сохторҳои давлатӣ мураттаб менамояд ва шароити иштироки пурмазмуни шаҳрвандонро дар ҳаёти сиёсӣ фароҳам месозад.

2. Ташаккули имиҷи сиёсӣ ба сифати равобити амалии таъсиррасони сиёсӣ дар низоми идоракунии давлатӣ арзёбӣ гардида, ба унсури муҳими

ташаккули сохтори демократӣ мубаддал мегардад. Имиҷи сиёсӣ ба ҳамаи шаҳрвандон имкони интихоби озодона ва огоҳонаро нисбат ба субъекти сиёсӣ пешниҳод намуда, заминаи иштироки фаъоли сиёсиро муҳайё месозад. Аҳамияти ташаккули имиҷи сиёсӣ дар фазои ҷомеаи муосири демократӣ, ки дар он интихобот мунтазам баргузор гардида, тағйири тадриҷии элитаҳои сиёсӣ мушоҳида мешавад, рӯзафзун мегардад. Таҳлили таҷрибаи давлатҳои ғарбӣ нишон медиҳад, ки имиҷи шахсиятҳои сиёсӣ ва демократикунонии низоми сиёсӣ дар як иртиботи зичи функсионалӣ қарор доранд.

3. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамчун давлати демократӣ дар Конститутсияи худ ба принсипҳои демократия такя мекунад, ҳарчанд дар амал татбиқи пурраи ин арзишҳо ҳанӯз дар марҳалаи ташаккул қарор дорад. Имиҷи сиёсӣ дар ин раванд ба сифати абзори муассири гузариш аз шаклҳои анъанавии идоракунӣ ба модели муосири давлатдорӣ нақш мебозад. Таъсири воситаҳои ахбори омма ва афзоиши нақши воситаҳои коммуникатсионӣ дар сиёсати муосир ҷанбаи муҳимро касб мекунад. Рушди технологияҳои иттилоотӣ дастрасии шаҳрвандонро ба маълумоти сиёсӣ афзоиш дода, нақши ВАО-ро дар ташаккули имиҷи сиёсӣ тақвият мебахшад. Бо вуҷуди ин, дар муҳити сиёсӣ бархе аз коршиносон бар онанд, ки тавсеаи шадиди ВАО метавонад ба таҳрифи имиҷи воқеии арбобони сиёсӣ мусоидат намуда, ба шаффофияти муносибатҳои давлат ва ҷомеа таъсири манфӣ расонад. Дар садаи XXI қобилияти сохторҳои давлатӣ барои таъсиргузорӣ ба шуури ҷомеа ва равандҳои ташаккули афкори шаҳрвандон тавассути абзорҳои сиёсӣ ва иттилоотӣ ба таври назаррас вусъат ёфтааст. Давлатҳои муосир ба таври фаъол аз технологияҳои сиёсӣ, захираҳои рақамӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ, телевизион, интернет ва дигар василаҳои коммуникатсионӣ ҷиҳати татбиқи сиёсати худ истифода мебаранд.

4. Ташаккули имиҷи сиёсӣ дар низоми сиёсати муосир як амри тасодуфӣ нест, балки як раванди мақсаднок ва тадриҷӣ мебошад, ки бояд дар асоси арзишҳои миллӣ, принсипҳои ҳуқуқӣ ва меъёрҳои муосири идоракунӣ роҳандозӣ гардад. Он ҳамчун унсури муҳими нерӯи нарми сиёсӣ (soft power)

метавонад дар самти таҳкими мавқеи байналмилалии Тоҷикистон нақши муассир бозад. Тоҷикистон, ки дар Конститутсияи худ ба унсурҳои давлатдории демократӣ таъкид мекунад, имрӯз дар марҳалаи ташаккули низоми муосири сиёсӣ қарор дорад. Барои инкишофи минбаъдаи равандҳои демократӣ ва татбиқи принсипҳои ҳокимияти мардум, зарурати таҳкими имиҷи сиёсӣ-и давлат, танзими равобит бо воситаҳои ахбори омма, ҳамкорӣ бо ниҳодҳои иттилоотӣ ва ҷалби институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба равандҳои сиёсӣ дар сархати авлавият қарор доранд. Ташаккули имиҷи мусбати сиёсӣ метавонад ба болоравии нуфузи Тоҷикистон дар сатҳи минтақавӣ ва байналмилалӣ мусоидат намуда, заминаҳои нави эътимод, ҳамкорӣ ва ҳамбастагии дохилию хориҷиро фароҳам созад.

**Аҳамияти назариявию амалии натиҷаҳои таҳқиқот.** Натиҷаҳои назариявии таҳқиқоти мазкур, пеш аз ҳама, барои омӯзиши минбаъдаи имиҷи сиёсӣ ва рушду инкишофи он заминаи илмию назариявӣ ба шумор меравад. Онҳо барои муҳаққиқоне, ки ба омӯзиши ташаккули имиҷи сиёсӣ дар замони муосир машғуланд аҳамияти консептуалӣ доранд. Инчунин, дар асоси таҳлилу таҳқиқи консепсияҳои илмӣ зарурати ташаккулдиҳии имиҷӣ сиёсӣ нишон дода шудааст. Инчунин, хулосаҳои алоҳидаи диссертатсия метавонанд дар оянда ба сифати асоси бунёдӣ ҳам заминаҳои назариявӣ ва ҳам амалию муқоисавии таҳқиқи бисёре аз масъалаҳои таъсиррасони инкишофу рушди ҳамаҷонибаи имиҷи сиёсии Тоҷикистон ба овдуторияи дохили ва берунӣ баромад намояд. Маводҳои диссертатсияро дар таълими фанҳои «Сиёсатшиносӣ», «Имиҷологияи сиёсӣ», «Манфиатҳои миллии Тоҷикистон», «Равандҳои сиёсии Тоҷикистон», «Геополитика» ва «Модернизатсия» истифода намудан мумкин аст.

Натиҷаҳои амалии таҳқиқоти мазкурро дар самти таҳияи барномаҳои давлатӣ ва стратегияҳои рушди давлати демократӣ, стратегияи рушди устувори давлати навини Тоҷикистон, заминаҳои ташаккули мақоми сарвари сиёсӣ дар кишвар, ташакуули мавқеи мусбии институтҳои сиёсии давлатӣ истифода намудан мумкин аст. Метавон ишора намуд, ки натиҷаҳои амалии

таҳқиқот метавонанд дар раванди пажӯҳиши муносибатҳои мутақобилаи давлат бо ҷомеа ва давлатҳои ҷаҳон, ҳангоми таҳияи стратегия ва консепсияи сиёсати давлатӣ дар мавриди рушди муносибатҳо ва ҳамкории судманд ва фаъол бо ҷаҳони муосир ва ҷомеа мавриди истифодаи васеъ қарор гиранд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ** дақиқияти маълумот, кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми корҳои нашргардида, гузаронидани таҳқиқи эътимодноки диссертатсионӣ мебошанд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ манзур карда шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Мавзуи ташаккули имиҷи сиёсии дар шароти муосир (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ ба шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷуммҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.6.2. Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мутобиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Таҳия, коркард ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ маҳсули чандинсолаи фаъолияти илмии муаллиф мебошад. Ҳамаи давраи иҷроиши нақшаи кории илмӣ-таҳқиқотии пешбинишуда бо иштирок ва пешниҳоди бевоситаи муаллиф оҳандозӣ карда шудаанд. Саҳми шахсии муаллиф дар муайян намудани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, муайян намудани объект ва предмети таҳқиқот, гузоштани масъалаҳои асосии таҳқиқот, коркард ва тафсири маълумотҳои бадастомада, коркарди муқаррароти назариявӣ ва методӣ, пешниҳод намудани тавсияҳои амалӣ инъикос меёбад. Хулосаҳое, ки дар диссертатсия ба назар мерасанд, натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи унвонҷӯ ба шумор мераванд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар ҷаласаи васеи кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ муҳокима гардида, барои ҳимоя тавсия шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаҳои диссертатсия дар ду конференсияи ҷумҳуриявӣ маъруза гардидаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯйи мавзуи диссертатсия муаллиф 6 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз номгӯи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб, шаш зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва интишороти довталаб аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат буда, дар ҳаҷми 169 саҳифаи матни компютерӣ таҳия гардидааст. Рӯйхати адабиёти истифодашуда аз 156 номгӯ иборат аст.

# БОБИ I. ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ ТАҲҚИҚИ ИМИҶИ СИЁСӢ

## 1.1. Имиҷи сиёсӣ ва хусусиятҳои муҳимми он дар илми муосир

Дар шароити муосир масъалаи ташаккули имиҷи сиёсӣ ва таҳкиму нигоҳ доштани эътибори сиёсӣ ба як бахши муҳимми баҳсҳои илмӣ табдил ёфтааст. Дар тули 20 соли охир пажӯҳишҳои зиёде барои омӯхтани усулҳо ва роҳҳои ташаккул ва идора кардани имиҷи сиёсӣ анҷом дода шудаанд. Аммо то ҳол дар бораи маъно ва таърифи дақиқи мафҳуми «имиҷ» байни донишмандон назари ягона вуҷуд надорад. Сабаби ин ихтилофот дар он аст, ки «имиҷ як мафҳуми байнисоҳавии илмӣ буда, ҳар як пажӯҳишгар бо усулҳои таҳқиқии худ ва дар доираи манфиатҳои илмии ҳоким онро шарҳ медиҳад.

Дар таҳқиқоти олимони кишварҳои ғарбӣ мафҳуми «имиҷ» бештар ба таври умумӣ қабул шудааст, новобаста аз он ки онҳо кадом усули таҳқиқро истифода мебаранд. Вале дар доираҳои илмии кишварҳои пасошуравӣ, бахусус дар байни олимони рус дар миёни мафҳумҳои «имиҷ» ва «образ» тафовут гузошта мешавад. Аксари муҳаққиқони рус бар ин назаранд, ки ин ду мафҳум яксон нестанд. Масалан, Д.А. Леонтев иброз медорад, ки «имиҷ як тасвир ё таассуроте аст, ки мақсаднок ва ба таври огоҳона сохта мешавад, дар ҳоле ки образ худ аз худ, бедахолат ва бевосита пайдо мешавад» [77, с.20]. В. Егорова ва К.В. Плешков низ имиҷиро ҳамчун «образе медонанд, ки ба таври махсус ва бо нияти муайян барои расидан ба ҳадафҳои мушаххаси сиёсӣ эҷод карда мешавад» [15, с.75]. О.Н. Гундар низ аз ҳамин дидгоҳ пайравӣ намуда, имиҷро ҳамчун «натиҷаи бунёди огоҳона ва мақсаднок» маънидод мекунад [119].

Е.Ю. Савина дар таърифи пешниҳоднамудаи худ ба такроршавандагии имиҷ ишора мекунад [126], дар ҳоле ки М.Н. Шашлов номувофиқатии имиҷ бо воқеиятро таъкид менамояд [103]. Бо назардошти таърифҳои зикршуда

метавон ба хулосае омад, ки дихотомияи «образ» – воқеӣ ва «имиҷ» – сохташуда дар байни муҳаққиқони муосир хеле маъмул аст.

Ҳамзамон, баъзе олимон тафовути байниҳамдигарии ин мафҳумҳоро ба таври равшан муайян намекунанд. Масалан, И.В. Гринев бар он аст, ки «имиҷ – ин як андешаи дорои хусусияти ратсионалӣ ё як таассуроти эҳсосӣ нисбат ба объекте мебошад, ки дар шуур ё зершуури гурӯҳи муайян ё номаълуми одамон дар асоси образе, ки  ба таври мақсаднок, ё худ ба худ ташаккул ёфтааст, ба вуҷуд меояд. Имиҷ метавонад дар натиҷаи дарки мустақими хусусиятҳои муайяни объект, ё ба таври ғайримустақим бо ҳадафи ҷалби таваҷҷуҳ ва ҷаззобият ба он ташаккул ёбад. Он метавонад зери таъсири эҳсосот ё ақл ба таври огоҳона, ё ғайриогоҳона бо нияти муайян, ё ба таври тасодуфӣ офарида шавад» [118, с.65].

Инчунин равиши назариявӣ ва истифодаи васеътари мафҳуми «имиҷ» дар асарҳои як гурӯҳ олимон мушоҳида мешавад. Масалан, муҳаққиқони соҳа С.Ю. Игнатев ва А.П. Панухин ба масъалаи ҳаммаъноии мафҳумҳои «имиҷ» ва «образ» аз дидгоҳи технологияҳои маркетингӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд. Онҳо асосан мафҳуми «имиҷ»-ро истифода бурда, таърифи онро дар шакли зерин пешниҳод намудаанд: «Имиҷ – ин образи объектест, ки дар шуури инсон ташаккул ёфта, нисбат ба он арзёбӣ ва бардошти мушаххасе шакл мегирад ва дар шакли андеша зоҳир мешавад. Имиҷ як сохтори мураккаб буда, ҷузъҳои семиотикӣ, когнитивӣ, тасвирӣ ва эҳсосиро дар бар мегирад. Имиҷ (образ) як падидаи сеқабатаи шуури инфиродӣ, гурӯҳӣ ё ҷамъиятӣ мебошад, ки ҳадафҳои офаридгорони онро инъикос ва татбиқ мекунад» [73, с.11].

Дар доираи ин равиш муаллифон мафҳуми сеюми марбут ба «бренд»-ро низ ворид месозанд, ки он ҳамчун тамғаи тиҷоратӣ тавассути мушаххасоти беназири образӣ аз ҷониби истеъмолкунандагон шинохта мешавад ва дарк мегардад. Ҳангоми баррасии фарқиятҳои байни «бренд» ва «имиҷ», С.Ю. Игнатев ва А.П. Панухин чунин нишонаҳои фарқкунандаро таъкид мекунанд:

- бренд ҳамеша дорои арзиши мусбат аст, дар ҳоле ки имиҷ метавонад ҳам мусбат ва ҳам манфӣ бошад;

- бренд бо сифат ва арзиш алоқаманд аст, имиҷ хосияти сифатӣ надорад;

- бренд ҳамеша бо тамғаи визуалӣ (логотип) пайваст аст, ва имиҷ метавонад бидуни визуализатсия вуҷуд дошта бошад;

- бренд дорои арзиши иқтисодӣ аст, ҳол он ки имиҷ арзиши моддӣ надорад ва муайян кардани арзши иқтисодии он ғайриимкон аст.

Бо назардошти ин хусусиятҳои номбаргардида розӣ нашудан бо ин тафсирҳо душвор аст. Аммо, бояд қайд кард, ки дар илмҳои сиёсӣ мафҳуми «бренд» назар ба «имиҷ» ва «образ» камтар истифода мешавад ва маънои он низ маҳдудтар мебошад.

Аз нуқтаи назари забоншиносӣ, «имиҷ» ва «образ» ба як мафҳуми семиотикӣ тааллуқ доранд. Бо истинод ба таърифи пешниҳодшудаи имиҷи сиёсӣ ҳамчун «образи эҳсосан рангёфта ва қолабишуда, ки тавассути воситаҳои забонӣ аз ҷониби расонаҳо аз иштирокчиёни системаи сиёсӣ ба гирандагони иттилоот интиқол дода мешавад», равиши лингвистӣ низ метавонад ба гурӯҳи дуюми таҳқиқотҳо шомил карда шавад. Бо ҷамъбасти таърифҳо ва хусусиятҳои зикршуда, метавон хулоса кард, ки «имиҷ», «образ» ва «бренд» мафҳумҳои гуногунанд, аммо вобаста ба самти таҳқиқот метавонанд ҳамчун мафҳумҳои ивазшаванда истифода гарданд.

Дар доираи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур, ки ҳадафи он омӯзиши моҳият ва хусусиятҳои имиҷи сиёсӣ, раванд ва технологияи ташаккули имиҷи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, таърифи пешниҳоднамудаи В.С. Феклюнина аз ҳама муносибтар ба назар мерасад. Ба андешаи ӯ: «Имиҷи сиёсӣ – ин образи эҳсосан рангёфтаи субъекти сиёсӣ мебошад, ки дар шуури оммавӣ дар натиҷаи ҳамгироии амалҳои мақсаднок ва ғайримақсаднок (стихиявӣ) ташаккул ёфта, худи субъект ва воситаҳои коммуникатсияи оммавӣ онро пайваста таҷдид ва бозсозӣ мекунанд» [133, с.91]. Ба назари мо, имиҷи сиёсии давлат метавонад ҳамчун таҷзияи тасаввуроти худҷӯш (стихиявӣ) ва мақсаднок (сохташуда) таъриф карда шавад. Дар доираи ин таҳқиқот бренди давлат ҳамчун зуҳуроте фаҳмида мешавад, ки татбиқи хусусиятҳои мусбатро бо ҳадафи дарёфти манфиат (молиявӣ ё сиёсӣ) дар назар дорад.

Дар таҳқиқоти марбут ба ташаккули имиҷи сиёсӣ ҳамчун унсури раванди сиёсӣ маъмулан ба навъҳои асосии он такя намудан лозим меояд. Ин таснифот шартан ба ду гурӯҳ тақсим мешавад:

1. Имиҷи сиёсии мусбат – ҳадафи он эҷоди эҳсосоти мусбат дар робита бо объект аст.
2. Имиҷи сиёсии манфӣ – боиси шаклгирии эҳсосоти манфӣ нисбат ба объект мегардад.

Ба ин таснифот метавон усулҳои ташаккули имиҷи сиёсиро низ илова кард. Имиҷи стихиявӣ – имиҷе, ки ба таври табиӣ ва бевосита ташаккул меёбад, имиҷи сохташуда – тасаввуроте, ки ба таври мақсаднок ба шуури оммавӣ ворид карда мешавад. Баррасии ин таснифот нишон медиҳад, ки барои аксари меъёрҳо самтнокии ташаккули имиҷи сиёсӣ хос аст. Вобаста ба қабулкунандаи иттилоот дар бораи объект, имиҷ ба се гурӯҳ тақсим мешавад:

- имиҷи хеш – тасаввуроти мо дар бораи худ;
- имиҷи қабулшуда – он чӣ ки дигарон дар бораи мо мебинанд ва мефаҳманд;
- имиҷи талабшуда – имиҷе, киба таври мақсаднок сохта мешавад.

Аксари таҳқиқотҳо ба омӯзиши механизмҳои сохтани имиҷи талабшуда нигаронида шудаанд, зеро ин навъи имиҷ аҳамияти амалӣ дорад. Таснифи имиҷ дар доираи равиши функсионалӣ низ ҷолиби диққат аст. Масалан Г.Г. Почепсов дар доираи равиши функсионалӣ имиҷро ба чунин гурӯҳҳо ҷудо мекунад: имиҷи инъикоскунанда, имиҷи муқаррарӣ, имиҷи дилхоҳ, имиҷи гуногунҷабҳа ва имиҷи корпоративӣ [37, с.278]. Имиҷи корпоративӣ баҳсбарангез мебошад, зеро он бештар ба тақсимоти сохтории имиҷ марбут аст ва бо имиҷи инфиродӣ, сиёсӣ ва корпоративӣ, ки дар таснифоти Т.Э. Гринберг омадааст, бештар мувофиқ мебошад [68].

Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки ҳувияти давлатӣ ин тасаввури давлат дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ ва мавқеаш дар байни дигар давлатҳост. Хусусияти фарқкунандаи ҳувияти миллӣ дар он аст, ки он фардӣ (персоналӣ) мебошад, гарчанде қисман аз тариқи ҳамкориҳои байналмилалӣ

шакл мегирад. Аз ин рӯ, ҳувият ва мансубияти миллӣ бояд ба таври алоҳида ҳамчун масъалаи муҳим баррасӣ шавад. Саволеро бояд баррасӣ намуд, ки оё имиҷ ҳамчун воқеияти ифодаёфта аст, ё мафҳуми сохташуда? Дар посух ба ин савол ба андешаи Э. Галумов бармегардем. Ӯ иброз дошта буд, ки: «Имиҷ на воқеияти моддӣ, балки тасаввуроти инсон дар бораи объект ва тарзи дарки он мебошад» [8, с.112]. Бо назардошти андешаи мазкур метавон идорашаванда будани имиҷ, имкони тағйири тафаккури ҷамъиятӣ ва мутобиқсозии имиҷ бо мақсадҳои мушаххасро ҳамчун амалияҳои воқеӣ арзёбӣ кард.

Имиҷи сиёсӣ ва хусусиятҳои муҳимми он дар илми муосир ба сифати яке аз категорияҳои асосии татбиқкунандаи самараноки идораи давлатӣ ва ташаккули мақоми субъекти сиёсӣ дар сатҳи шуури ҷамъиятӣ тавсиф гардида, он дар заминаи таҷрибаи гузашта, имрӯза ва ояндаи шахс, ҷомеа ва давлат шакл мегирад. Бинобар ин, дар асоси идеяҳо вобаста ба таҷрибаи гузаштаи таърихӣ имиҷи сиёсӣ як навъи тасвирёбӣ ва арзёбии воқеият дар муносибати ҷомеа буда, дар ҳамин асос заминагузорӣ карда мешавад. Вале, гарчанде тасаввуротҳо дар тафаккури омма ҳамчун як навъи таассуроти воқеӣ муайян карда шаванд ҳам, аммо он як навъи боовариро нисбати имиҷи сиёсӣ дар дараҷаҳои мухталифи эътимоднокӣ инъикос менамояд. Бинобар ин, омӯзиши имиҷи сиёсӣ дар замони муосир хеле мубрам аст, зеро бунёди имиҷи сиёсии давлат ва сарвари сиёсӣ дар фаҳми оммаи мардум дар низоми муносибатҳои мутақобила байни онҳо заминаи воқеии эътирофи хусусияти легетимии ҳокимият ва фаъолияти субъектҳои сиёсиро фароҳам меварад.

Аз ин рӯ, моро мебояд оид ба мафҳуми имиҷи сиёсӣ фаҳми аввали муносибатро аз асосҳои методологии он оғоз намоем. Имиҷ аз калимаи англисии «imige» гирифта шуда, маънои симо ва намудро инъикос менамояд, ҳамчунин тасвири мақсадноки сохташудаи шахсе, ки ба дигарон барои мақсадҳои тарғиботӣ татбиқ мешавад ва таъсири эҳсосию психологиро дар ин самт муайян менамояд. Имиҷи сиёсӣ ба саволи он, ки омма чӣ гуна муносибатро нисбати субъекти тарғибшаванда муайян месозад, посух мегардонад. Дар асри XX истилоҳи имиҷ аслан дар доираи муносибатҳои

тарғиботии соҳаи иқтисодиёт истифода гардида, барои тафовути байни мол нақши асосиро иҷро менамуд. Дар раванди инкишофи таърихӣ ва зарурати истеҳсолӣ истифодаи мафҳуми имиҷ ба соҳаи сиёсии ҳаёти ҷамъиятӣ гузашта, он барои тафовути  ходимони ҷамъиятӣ ва сиёсӣ истифода мешуд.

Дар робита ба ин мафҳуми имиҷ ҳамчун симои сунъии сиёсат, соҳибкорӣ, ҳунармандӣ, маҳсулот ва ширкат истифода гардида, ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ва сиёсӣ дар равандҳои оммавӣ дар асоси фаъолиятҳои субъективӣ пешниҳод гардид. Тактикаи хуби ин омил инкишоф дода шуда, барои роҳбарони сиёсию давлатӣ шароити мусоиди самаранокии идораи давлат ва ҷомеаро фароҳам намуд.  Маънои имиҷ аввалин маротиба аз ҷониби иқтисодчии амрикоӣ Болдуинг дар солҳои 60-уми асри XX ба истифода ворид карда шуд. Аввалин асарҳое, ки арзиш ва аҳамияти амалии «имиҷ»-ро асоснок мекунанд, «Подшоҳ»-и Никколо Макиавелли ва «Психологияи халқҳо»-и Гюстав Лебон [140] ба ҳисоб мераванд.

Имрӯз дар бораи имиҷ тафсирҳои гуногун мавҷуданд. Масалан, дар луғати Вебстер имиҷ ҳамчун «таассуроти сунъӣ ё пешниҳоди шакли берунии як объекти мушаххас, хусусан шахс» муайян карда шудааст. Ҳамчунин, имиҷ тасаввуроти зеҳнӣ дар бораи шахс, мол ё муассиса мебошад, ки тавассути реклама ё таблиғот бо ҳадафи муайян шакл дода мешавад.

Дар аксар маврид имиҷ ҳамчун «образи сунъие, ки барои шахс ё чизе, масалан, сиёсатмадор, соҳибкор, ширкат ё мол» сохта мешавад, маънидод мегардад. Яке аз аввалин нафароне, ки мафҳуми «имиҷ»-ро дар доираҳои илми олимони рус таҳқиқ намудааст, О.А. Феофанов буд. Ӯ «имиҷ»-ро ҳамчун воситаи асосии таъсири психологии реклама ба истеъмолкунанда номида, онро дар чунин шакл таҳқиқ намудааст [50, с.144].

Имиҷ ҳамчун шакли тасвире баррасӣ мешуд, ки тавассути методи ассотсиасияҳо объекти муайянро бо арзишҳое мепайваст, ки шояд дар хусусиятҳои воқеии он вуҷуд надоштанд, вале барои шахсоне, ки ин образро қабул мекарданд, аҳамияти иҷтимоии баланд дошт. Олимон бо ёрии имиҷ на танҳо маъруфияти як навъи молро дар нисбати дигараш шарҳ медиҳанд, балки

равандҳои иҷтимоиро низ таҳлил мекунанд. Интихоби имиҷ маънои хос дорад, зеро сухан дар бораи инъикоси воқеият дар шуури одамон меравад, ки дар ташаккули афкори ҷомеа нақши муҳим мебозад.

Дар илмҳои ҷомеашиносӣ мафҳуми имиҷ аксар вақт тавассути мақоми иҷтимоӣ ифода карда мешавад. Имиҷ маҷмуи тасаввуроте мебошад, ки дар сохтори ҷамъиятӣ мавқеъ ва мақоми шахсро ифода менамояд. Яъне, дар бораи он, ки шахс вобаста ба мақоми иҷтимоии худ бояд чӣ гуна рафтор кунад, имиҷи ӯ низ шакл мегирад. Ин мафҳум ҳамчунин муносибати байни ҳуқуқ ва вазифаҳои шахсро дар доираи ин мақом муайян месозад. Имиҷ метавонад муносибати муайянеро ба сиёсат, роҳбарон ва ҳизбҳо ташаккул диҳад, шахсони алоҳидаро ба амалҳои фаъолона ҳидоят намояд ва рафтори сиёсӣ ва шаҳрвандии онҳоро танзим кунад. Имиҷи мусбат, ки дар шуури ҷомеа шакл мегирад, яке аз омилҳои асосии муваффақияти маъракаҳои интихоботии сатҳ ва миқёси гуногун мебошад.

Хусусиятҳои технологии имиҷи сиёсиро Т.Э. Гринберг чунин тавсиф мекунад: «имиҷи сиёсӣ нисбат ба объект содатар аст ва бо маълумоти зич ва рамзҳои маҳдуд ифода мешавад. Баръакси стереотип, ки умумиятро нишон медиҳад, имиҷи сиёсӣ ба хусусиятҳои фарққунандаи объект таъкид мекунад» [68, с.79]. Имиҷи сиёсӣ тағйирпазир аст ва вобаста ба омилҳои гуногун дигаргун мешавад. Имиҷи сиёсӣ ҳамчун коммуникатсия дар шакли «аксуламал» зоҳир мешавад. Дар ин замина паёмҳо бо назардошти вокуниши интизоршавандаи шунаванда сохта мешаванд. Имиҷи сиёсӣ тасаввуроти умумии аудиторияро муттаҳид мекунад ва хусусиятҳои пешакӣ ташаккулёфтаро фаъол месозад.

Самти таҳқиқоти илмие, ки бо назардошти таснифоти мавҷуда ва хусусиятҳои зикршуда амалӣ мегардад, имиҷи сиёсии ҷории қабулшударо меомӯзад. Чунин имиҷ дар натиҷаи таъсири бевосита ва мақсадноки ВАО шакл мегирад. Э. Галумов ду унсури асосии имиҷи сиёсиро пешниҳод намудааст:

- унсурҳои шартан статикӣ (объективӣ). Инҳо унсурҳое мебошанд, ки тағйирпазирии кам доранд. Захираҳои табиӣ ва иқтидори стратегӣ, мероси миллӣ ва фарҳангӣ, нишондодҳои геополитикӣ, ҳофизаи таърихӣ ва шакли идоракунии давлатию сохтори сиёсӣ ба онҳо шомиланд. Ин нишондодҳо ҳамчун хусусиятҳои таърихӣ ва бунёдии давлат қабул мешаванд. Ҳангоми танзими имиҷи сиёсии давлат ин хосиятҳоро тағйир додан душвор аст. Танҳо муҳтавои маънавии онҳо метавонад дигар шавад;

- унсурҳои шартан динамикӣ (субъективӣ). Ин унсурҳо вобаста ба равандҳои дохилӣ тағйир меёбанд. Онҳо раванди ҷамъиятӣ ва иҷтимоӣ, хусусият ва усулҳои фаъолияти иттиҳодияҳои сиёсӣ, масъалаҳои ахлоқӣ ва арзишҳои иҷтимоӣ, устувории иқтисодӣ ва фазои ҳуқуқии давлатро ифода мекунад [79].

Бар асоси чунин махсусиятҳои сохторӣ муҳаққиқони соҳаи имиҷологияи сиёсӣ тарҳҳои гуногуни имиҷи мусбатро таҳия кардаанд. Онҳо нақши худшиносии миллиро дар ташаккули имиҷи сиёсӣ бештар арзёбӣ намудаанд. Бо вуҷуди ин, пеш аз омӯзиши раванди ташаккули имиҷи сиёсӣ бояд нақши худшиносии миллӣ дар дохили кишвар ба инобат гирифта шавад, зеро он таҳкурсии ҳама гуна стратегияҳои имиҷсозӣ мебошад.

Раванди ташаккули имиҷи сиёсӣ дар шуури ҷамъиятӣ бо махсусиятҳои рекламаи сиёсӣ вобаста буда, ҳадафи он ба даст овардани эътибор ва нуфуз дар ҷомеа барои сиёсатмадор ё гурӯҳи сиёсӣ мебошад. Ҳадафҳои асосии сохтани имиҷи сиёсӣ аз ҳамоҳангсозии маъракаҳои интихоботӣ, амалӣ сохтани барномаҳои сиёсӣ, ҷалби мардум ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоие, ки аҳамияти умумимиллӣ доранд, иборат мебошад. Дар луғати илмҳои сиёсӣ, ки дар аввали асри XXI таълиф шудааст, имиҷи сиёсӣ чунин маънидод мешавад: «Образи сиёсатмадор ё узви ҳизб, ки дар шуури ҷамъиятӣ ташаккул дода мешавад. Имиҷи сиёсӣ метавонад бидуни талоши шахс ё гурӯҳ бо роҳи табиӣ пайдо гардад ё бо истифода аз усулҳои махсусе, ки мутахассисони соҳа коркард мекунанд, ба вуҷуд оварда шавад» [75, с.76]. Дар илмҳои сиёсӣ субъекти асосии имиҷ дар асри XXI шахсияти сиёсӣ дониста мешавад. Танҳо

дар сатҳи дуюм имиҷи ҳизбҳои сиёсӣ қарор мегирад, ки он метавонад як созмони сиёсӣ ё ҳатто давлатро дар бар гирад.

Назарияҳои илмӣ тақрибан дар ҳар даҳ сол тағйир меёбанд. Ж.Т. Тошенко имиҷи сиёсиро на танҳо ҳамчун имиҷи сиёсии шахсият, балки ҳамчун имиҷи сиёсии ташкилот, ҳаракати сиёсӣ ва давлат муаррифӣ кардааст [45, с.135]. Яке аз таърифҳои қобили қабули имиҷи сиёсӣ, ки аз ҷониби сиёсатшиносони Донишкадаи техникии Маскав ба номи Бауман пешниҳод шудааст, чунин мебошад: «Имиҷи сиёсӣ – образи субъекти сиёсӣ ё воқеаи сиёсӣ ба шумор рафта, бо мақсади гирифтани вокуниши зарурӣ аз ҷониби ҷомеа тавассути манипулятсияи сунъӣ шакл дода мешавад» [39, с.37].

Ин таъриф на танҳо худи падидаи имиҷи сиёсӣ, балки шаклҳо, ҳадафҳо ва низомҳои субъективӣ-объективии ташаккули онро низ дар бар мегирад. Нишонаи асосии имиҷ, ки барои илмҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла ҷомеашиносӣ ва сиёсатшиносӣ муҳим аст, хусусияти иҷтимоӣ доштани он мебошад. Имиҷ наметавонад дар сатҳи инфиродӣ мавҷуд бошад, балки барои ташаккули он объект, субъект ва робитаи мутақобила зарур аст. Барои фаҳмидани хусусиятҳои умумӣ ва хоси имиҷи сиёсӣ бояд ба моҳияти он таваҷҷуҳ кард. Аксари муҳаққиқон имиҷро бо образ, тасаввур ва стереотипҳои иҷтимоӣ алоқаманд медонанд. Аз ин рӯ, дар таҳқиқоти олимон образ ва тасаввур категорияҳои асосии иҷтимоӣ-психологӣ дониста мешаванд. Образ натиҷаи инъикоси воқеият мебошад. Барои мисол, дар луғати равоншиносӣ мафҳуми образ чунин тавсиф шудааст: «Образ - тасвири субъективии ҷаҳон ё ҷузъҳои он мебошад, ки дар шуури шахс дар робита бо дигар одамон, муҳити атроф ва пайдарҳамии рӯйдодҳои воқеӣ шакл мегирад» [27, с.113].

Бо вуҷуди ин образ ҷузъҳои субъективии инъикоси воқеиятро ифода мекунад. Он наметавонад комилан мусбат ва қобили қабул бошад. Он танҳо як нусхаи наздик ба воқеият аст. Дар маҷмуъ, имиҷ ҳамеша як образи рамзие мебошад, ки метавонад вобаста ба мавқеи шахс ё гурӯҳи сиёсӣ бо воқеияти комилан дуруст ё номуайянию таҳриф алоқаманд бошад. Тасаввур ба инсон имкон медиҳад, ки объектро бозсозӣ кунад, ҳатто агар маълумоти кофӣ дар

бораи он мавҷуд набошад. Ин қобилияти инсон образҳои навро бар асоси тасаввуроти қаблан шаклгирифта эҷод мекунад. Тасаввур ҳамчунин қобилияти табдил додани тасаввуроти дигарро доро мебошад.

Агар имиҷро ҳамчун образи тасаввурӣ қабул кунем, бояд таъкид намуд, ки имиҷ ва образ комилан якхела нестанд. Образ дар муқоиса бо имиҷ мукаммалтар мебошад. Сабаби ин фарқият дар он аст, ки имиҷ танҳо ба баъзе хусусиятҳои объект тамаркуз мекунад, дар ҳоле ки образ тамоми паҳлуҳои онро фаро мегирад. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки имиҷ як образи махсусе мебошад, ки бо хусусиятҳои муайян муҷаҳҳаз шудааст. Имиҷ на танҳо образ, балки образи эҳсосотӣ аст. Таҳлили рангорангии эҳсосотӣ маънои дар бар гирифтани ҳисси бевосита ва назари иҷтимоӣ дар бораи вазъият, рӯйдодҳо ва падидаҳоро дорад. Муносибати одамон ба хислатҳои объект бо талаботи шахсӣ алоқаманд мебошад, ки ин ба таъсири эҳсосотии имиҷ мусоидат мекунад.

Илова бар ин, имиҷ метавонад хусусияти стереотипӣ дошта бошад. Стереотип на шахс ё объект, балки образи нисбатан содда ва устуворе аст, ки одатан дар шароити камбуди маълумот дар бораи ин объект пайдо мешавад. Стереотип таҷрибаи шахсиро ҷамъбаст намуда, тасаввуротҳои қаблан қабулшударо, ки дар ҷомеа роиҷанд, инъикос мекунад [84, с.54]. Имиҷи сиёсии сарвари сиёсӣ мустақиман бо хислатҳои ҳокимият ва функсияҳои хоссе, ки ба ӯ мансубанд, алоқаманд аст, яъне он дар асоси вазъияти муайян шакл мегирад. Имиҷи сарвари сиёсӣ, дар айни ҳол, хусусияти стереотипӣ дорад, вале бо стереотип баробар нест. Баръакси стереотип, имиҷ равишҳои якхела ва оддиро нишон намедиҳад, балки хосияти мушаххаси онро таъкид мекунад.

Аз ин рӯ, майдони сиёсӣ дар ҳар лаҳза бо образҳои муайяни имиҷ пур мегардад. Онҳо бо ҳамдигар дар ҳамкорӣ ва таъсиррасонии мутақобил қарор доранд. Ҳар як образ ҳангоми қабул шудан аз ҷониби одамон арзёбӣ мешавад. Образҳои қабулшаванда танҳо дар ҳолате шакл мегиранд, ки таъсири объект ба ҳисси инсон таъсир мерасонад. Дар навбати худ, имиҷ метавонад берун аз вазъияти қабул мавҷуд бошад. Ин яке аз фарқиятҳои он бо образи қабулшуда

аст. Ғайр аз ин, имиҷ дар тӯли вақти муайян тағйир меёбад, дар ҳоле ки объект метавонад бетағйир боқӣ монад. Ин ҳолат имиҷро аз образи хотиравӣ ҷудо мекунад. Имиҷи сиёсӣ ин «образи эҳсосотӣ ва шаклдодашудаи таъсиррасоне мебошад, ки дар хулосаи умумии мардум ташаккул ёфта, хусусияти стереотипӣ дорад ва имиҷи сиёсии мушаххаси роҳбари сиёсӣ ё ташкилоти сиёсиро инъикос мекунад» [5, с.93]. Ҳар як шахс, махсусан касоне, ки бо сабаби касбашон дар муошират доимии иҷтимоӣ қарор доранд (ба монанди сиёсатмадорон), аз чанд имиҷ истифода мебаранд.

Имиҷи сиёсӣ, пеш аз ҳама, дар натиҷаи ҳисси шахсӣ, ки ҳангоми тамошо ё ҳамкории мардум бо ӯ ба вуҷуд меояд, ташаккул меёбад. Дуюм, он дар асоси ақидаҳое, ки тавассути василаҳои гуногуни коммуникативӣ интиқол меёбанд, сохта мешавад. Аз ин рӯ, метавон дар бораи шаклҳои мустақим ва ғайримустақими коммуникатсияи имиҷи сиёсӣ ҳамчун принсипи муҳимми ташаккули имиҷи сиёсӣ сухан гуфт.

Маънои иҷтимоии имиҷ, ки дар имиҷи сиёсӣ ба таври равшан ифода меёбад, метавонад дар фазои сиёсии муносибатҳои ҷойдошта механизми асосии таъсиррасон бошад. Дар ин замина имиҷ метавонад аз ду ҷиҳат таҳқиқ шавад: аз нуқтаи назари дохилӣ (якум сохтори дохилӣ ва механизмҳои ташаккулёбии он) ва дуюм аз нуқтаи назари иҷтимоӣ-психологӣ (таъсири он ба шахс ва ҷомеа). Механизми ташаккулёбии имиҷи сиёсӣ барои дарк намудани моҳият ва имконниятҳои имиҷи сиёсӣ, таҳлили сохтори дохилии он муҳим аст. Бисёр олимон пешниҳод мекунанд, ки чунин сохтор аз се ҷузъи асосӣ иборат аст: асоси имиҷи сиёсӣ, худи имиҷи сиёсӣ ва унсурҳои иттилоотии имиҷи сиёсӣ.

Асоси  имиҷи сиёсиро маълумоти асосии субъект ва объект ташкил медиҳад. Хусусиятҳои миллӣ, худшиносии шахсӣ, хотираи таърихӣ, менталитет, образҳои этномиллӣ, стереотипҳои миллӣ, ғояҳои ифтихорӣ ва ҳувиятсозӣ мундариҷаи иттилоотии имиҷи сиёсиро ташкил медиҳанд. Саволи асосӣ дар интихоби ядрои имиҷ чунин аст: кӣ дар дохил қарор дорад ва кӣ дар берун.

Имиҷи сиёсӣ дар сатҳҳои гуногуни шуури ҷамъиятӣ вуҷуд дорад. Онро метавонем ба таври зерин пешниҳод намоем: ақлонӣ – ҳамчун натиҷаи таъсири барномаи пешазинтихоботӣ, суханронӣ, далелҳо ва асосноккунӣ; ҳиссӣ – вобаста ба он, ки роҳбар ё гурӯҳ то чӣ андоза метавонад барои сафарбарсозии ангезаҳои равонии ҷомеа мусоидат кунад; эҳсосотӣ – вобаста ба намуди зоҳирӣ, тарзи рафтор, одоб ва дигар хусусиятҳои шахсияте, ки имиҷи сиёсиро дорад.

Маъмулан имиҷи сиёсӣ ба талабот ва интизориҳои мавҷудаи ҷомеа, инчунин ба тасаввуроти мардум дар бораи шахсият ва нақши сиёсатмадор мувофиқат мекунад. Ҳангоми сухан рондан дар бораи имиҷи сиёсӣ ҳамчун образи мақсадноку ташкилшуда ва тарғибшавандаи номзад, ҳизб ё ҳаракати ҷамъиятӣ ва сиёсӣ мутахассисон аксар вақт нодида мегиранд, ки имиҷи сиёсӣ ҳамчун падидаи шуури оммавӣ мавҷуд аст, новобаста аз татбиқи технологияҳои пешазинтихоботӣ (ва баъзан ҳатто бар хилофи онҳо). Бояд дар назар дошт, ки имиҷи сиёсӣ метавонад ҳам бо ёрии воситаҳои махсусе, ки дар ихтиёри мутахассисон (имиҷмейкерҳо) қарор доранд, шакл гирад ва ҳам ба таври стихиявӣ, бе кӯшиши шахс ё гурӯҳ ба вуҷуд ояд.

Нақши имиҷи сиёсӣ дар давраи маъракаҳои пешазинтихоботии ҷомеаҳое, ки фарҳанги сиёсии онҳо ба шуури оддӣ, ҳиссиву эҳсосотӣ ва ба сифатҳои шахсии дорандаи имиҷи сиёсӣ такя мекунад, аҳамияти калон дорад. Аксари мардум дар кишвари мо ба ҳамин навъи фарҳанги сиёсӣ мансубанд, бинобар ин, масъалаи ташаккули имиҷи сиёсӣ барои Тоҷикистон аҳамияти хосса дорад. Асри XX дар фазои истифодаи мафҳуми имиҷ таҳаввулотро ба вуҷуд оварда, дар робита ба равандҳои дигар истифода гардид. Масалан, таҳқиқотчӣ Т.С. Мелникова мафҳуми имиҷро дар робита бо масъалаи номбаргардида чунин шарҳ медиҳад: «Имиҷи ташкилот аз рӯйи ақидаи кормандони тамоми сохтори он муайян мешавад ва ё дар маҷмуъ, хусусиятҳои асосии ин созмонро инъикос мекунад; имиҷ ҳамчун реклама воситаи фаъоли эътимод дониста мешавад; азбаски имиҷ дар натиҷаи таъсири омилҳои гуногун дар доираи муносибатҳо ташаккул меёбад, раванди таъсири он ба

одамон ва ҷомеа аҳамияти зиёди иҷтимоию сиёсӣ дорад» [123, с.89]. Ба ҳамин монанд баъзе муҳаққиқони дигар низ ташаккули имиҷро бевосита ба сатҳи инкишофи маданияти сиёсӣ ва шуури сиёсии инсонҳо вобаста медонанд. Ҳамчунин, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки имиҷи сиёсии роҳбарон дар ҳама сатҳҳо дар ҳаёти сиёсии ҷомеа нақши муҳим мебозад ва он дар аксар кишварҳои ҷаҳон ба воситаи PR- технологияҳо бомуваффақият омӯхта шуда, дар натиҷа тартиб ва технологияҳои таъсиррасонӣ ба объект бунёд шуда, ба сардари сиёсӣ, сарварони ҳизбӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ пешниҳод гардида, амалӣ карда мешаванд.

Мафҳуми имиҷи сиёсӣ, пеш аз ҳама, нисбат ба сарвари сиёсӣ дар доираи муносибатҳои сиёсӣ ва фазои сиёсӣ ташаккул дода мешавад. Муҳаққиқи рус О.П. Березкина қайд менамояд, ки «консепсияи имиҷи сиёсӣ берун аз консепсияи сарварии сиёсӣ (сиёсатмадорӣ) баррасӣ карда намешавад, зеро хусусияти муҳимми ин консепсия дорои ихтиёрии сиёсӣ аст» [113, с.16]. Тибқи иттилои О.Гордеева, «сифати намояндагии сиёсӣ ба хусусияти на танҳо раванди сиёсинамоӣ пайваст аст, ҳамчунин имиҷи сиёсии ояндаро муайян мекунад ва ин ба он вобаста аст, ки дар амалисозии объектҳои ҷудогона ин навъи имиҷ хусусиятҳои банақшагирии худбоварӣ дорад» [117, с.17]. Айни замон консепсияҳои мухталифи имиҷи сиёсӣ дар доираи илмҳои гуногун: антропология, психология, сиёсатшиносӣ ва сотсиология дар асоси доираи муносибатҳои илмӣ-назариявӣ фаъолона ташаккул ёфта истодааст. Дар шароити муосири муносибатҳо бозори сиёсии имиҷи сиёсӣ дар аксари кишварҳои ҷаҳон ташаккул ёфта, хусусияти бозори сиёсиро аз муносибатҳои сиёсӣ, ки мантиқи талабот, ифодаи манфиатҳои дастаҷаъмӣ, гурӯҳӣ ва умумӣ дар ҳокимият мебошад, муайян мекунад. Олимони соҳаи психология дар фаҳми тасвири бозори сиёсии имиҷи сиёсӣ занҷираи сиёсиеро ба хотири пайванди шахсиятҳои сиёсӣ бо ҷомеа муайян мекунанд.

Дар ин росто илми сиёсатшиносӣ имиҷи сиёсиро дар заминаи омӯзиши муассисаҳои гуногуни сиёсӣ, ҳизбҳо, сарварон, ҳокимият ва давлат қарор медиҳад. Таълимоти дигаре, ки дар асоси он консепсияи муосири имиҷи сиёсӣ

инкишоф ёфтааст, «фазои иҷтимоӣ-сиёсӣ» ба шумор меравад. Вай метавонад ҳамчун маҷмуи ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ ифода шуда, муқаррар карда шавад. Соҳаҳои иҷтимоию сиёсӣ аз рӯйи муносибати сиёсӣ нақши омилҳои муайянкунандаро, ки хоҳиши шахсро ба як гурӯҳи дигар дар заминаи манфиатҳои сиёсӣ мутобиқ месозад ва муносибату таҳияи фикри мушаххаси онро дар бораи давлат ва ҳокимияти сиёсӣ муайян менамояд, равона гардида, ҳамин тариқ ташаккули таҷрибаи иштироки сиёсиро барои он пайдо менамояд. Масалан, заминаи муносибатҳо байни субъектҳои ҳокимият ва шаҳрвандон дар доираи чунин муносибат амал мекунад. Ин тамоюлҳо манфиатҳои шаҳрвандон ва манфиати субъектҳои сиёсиро ба ҳам пайваста, барои бартараф кардани монеаҳои асосии инкишофи ҷомеаи демократӣ хизмат менамоянд. Ҷомеаи демократӣ нақш ва мавқеи шаҳрвандонро дар қабул ва иҷрои қарорҳо мушахас менамояд. Ин аст, ки шаҳрвандон дар раванди фаъолиятҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ, зери таъсири иттилооти сиёсӣ қарор мегиранд ва маҳсули иттилооти сиёсӣ ва беҳтарин манфиатҳои худро метавонанд ҳар вақте ки шароити лозим фароҳам гардад, амалӣ месозанд.

Дар робита бо масъалаҳои номбаргардида олимони рус якчанд таърифи имиҷи сиёсиро ташаккул додаанд. Масалан, О.И. Бударина чунин иброз медорад: «имиҷи сиёсӣ натиҷаи фаъолияти субъекти сиёсӣ мебошад, ки он бо вазъи муайяни иҷтимоию сиёсӣ таъмин карда шуда, имконпазирии фаъолияти минбаъдаи сиёсиашро муайян мекунад» [114, с.12]. Дар таҳқиқоти худ С.М. Тучков имиҷи сиёсиро «ҳамчун ҳадаф ва натиҷаҳои мувофиқати ақида байни иштирокчиёни раванди сиёсӣ - шаҳрвандон, ҳизбҳо, гурӯҳҳои ташаббускор ва роҳбарони давлат муайян кардааст» [131, с.14]. Е.С. Сарокина қайд менамояд, ки «дарки имиҷи сиёсӣ дар натиҷаи таҳлили муоширати сиёсӣ бунёд мегардад ва ҳамчунин қайд менамояд, ки имиҷи сиёсӣ дар ҷараёни интиқоли итилооти сиёсӣ аз як қисми системаи сиёсӣ ба қисми дигари он ва байни системаи сиёсию иҷтимоӣ пайдо мешавад» [129, с.15]. Е.И. Манакина бошад, имиҷи сиёсиро байни сарварони сиёсӣ ва пайравонашон миёнарав муайян кардаанд [122, с.15]. Дар рисолаи илмии И. Белоусова дар заминаи таҳлили назарияҳои

психологӣ чунин қайд шудааст: «Имиҷи сиёсӣ ҳамчун инъикоси эҳсосии ҷаҳони беруна буда, тасаввуроти стереотипӣ дорад ва дорои хусусиятҳои мантиқӣ мебошад» [112, с.14].

Зимнан муҳаққиқон боварӣ доранд, ки аз назари психологӣ имиҷ объекти беҳтарин аст, зеро ҳама гуна тасвири психологӣ хосияти намояндагӣ дорад ва омӯзиши мустақими он роҳи беҳтарин имконпазир аст. Муносибатҳои дар боло зикргардида имконият медиҳанд, ки ба омӯзиши мақсадноки имиҷи сиёсӣ розӣ набошем, зеро он имкони ҳамаҷонибаи омӯзишро фароҳам намекунад. Бинобар ин, ҳамчун муносибати созанда то андозае дар фаҳми мафҳуми имиҷи сиёсӣ ақидаҳои Н.В. Трошинро метавон арзёбӣ намоем. Ба ақидаи ин муҳаққиқ, «имиҷи сиёсӣ ҳамчун аксуламали мувофиқ ба овоздиҳии интихобкунандагон, ба тағйироти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ дар раванди маъракаи интихоботӣ муайян мешавад» [130, с.15]. Ҳамин тариқ, метавонем муайян намоем, ки имиҷи сиёсӣ таҳлили муносибат бо фаъолият буда, ба амалисозии мақсади ниҳоӣ имкон медиҳад. Дар доираи мафҳуми имиҷи сиёсӣ ҳамчунин метавон тасаввурот дар бораи мавзуъҳои мухталифи сиёсӣ, пеш аз ҳама, қудрати сиёсӣ, ҳокимияти сиёсӣ, раванди сиёсӣ ва ниҳодҳоеро, ки дар системаи сиёсӣ ё умуман дар ҷомеа муттаҳид мешаванд ва раванди идораи давлатиро таъмин месозанд, фаҳмид.

Дар робита ба масъалаҳои номбаргардида саволе ба миён меояд, ки имиҷи сиёсӣ инъикоси ҳокимияти сиёсӣ аст, ё ин ки тасвири ҳар гуна объекте мебошад, ки дар ҷомеа амал мекунад ва аз ҷониби як кишвар ва ё гурӯҳи иҷтимоие идора мешавад? Имиҷи сиёсӣ оё танҳо ба ҳаёти сиёсӣ алоқаманд аст ё ба ягон тарзи дигари муносибатҳои иҷтимоӣ низ метавонад алоқаманд бошад? Як қатор олимон ба таври расмӣ имиҷи сиёсиро бо тасвири ҳукумат, давлат, сарвари сиёсӣ ва дигар субъектҳои ҳаёти сиёсӣ пайваст менамоянд. Ба андешаи Э.А. Галумов, таъсири имиҷи сиёсии ҳокимият, сарварони сиёсӣ, кишвар, механизмҳои мушаххаси он ва таъмини легитимияти ҳокимият меъёри асосии арзёбӣ мебошанд [9]. Маълум аст, ки мафҳуми легитимият, волоияти қонун, ризоият, бovarии мутақобила ба муносибатҳои ҷомеа ва

ҳокимият, одамон ва қувваҳои сиёсӣ мебошад, ки он дар эътирофи ҳуқуқи худ дар бораи нақши роҳбарӣ заминагузорӣ менамояд. Дар ҷомеаи муосир асосан ду навъи легитимияти роҳбарӣ вуҷуд дорад: 1) либерал-демократӣ дар асоси принсипи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, интихоботи мақомоти марказӣ, маҳдудиятҳои конститутсионии давлат, ҳуқуқи баробари ҳамаи неруҳои сиёсӣ, ки дар доираи Конститутсия амал мекунад; 2) легитимияти роҳбарии низоми авторитарӣ ва низоми тоталитарӣ, ки онҳо ба қувваи роҳбар, ҳизб ва артиш асос меёбанд.

Дар шакли дуюми муносибат ҳокимияти неруҳои сиёсӣ дар ниҳоят ба он вобаста аст, ки ваъдаҳояшон ба оммаи мардум асоснок карда шаванд, зеро ба мақсадҳои гузошташуда ба таври мақсаднок саривақт расиданро мумкин месозад. Қонунҳои ин навъи инкишофи ҳокимият муътадил ва устувор буда, аз насл ба насл мегузаранд. Аммо таҷрибаи таърихии инкишофи ҷомеаи муосир нишон медиҳад, ки асоси бунёдии ин навъи ҳокимият новобаста аз меъёрҳои ҷойдошта ба равандҳои таърихӣ вобаста аст ва қатъшавии дарозмуддат ин шакли идора зарурати бунёди ҳокимияти демократиро ба миён меорад. Масалан, таҷрибаи таърихии инкишофи давлатҳои Шарқи Назик ба таври равшан далели гуфтаҳои болост. Тағйири ин навъи ҳокимият ба навъи дигар раванди мураккаб, баҳснок ва дарозмуддат мебошад. Вобаста ба ин равандҳои ҳокимияти демократӣ инкишоф ёфта, дар устувории ҳокимияти халқӣ хосияти муайянкунандагиро касб менамояд.

Таҳқиқотчиёни ғарбӣ ба он бовар доранд, ки имиҷи кишвар ва сарварони он воқеияти онҳо мебошад. Муаллифони мухталиф барои муайян намудани сарчашмаи имиҷи сиёсии ҳокимияти сиёсӣ ва давлат усулҳои ташаккулёбии онҳоро гуногун муайян менамоянд. Қисмҳои гуногуни дастгоҳҳои давлатӣ (аз ҷумла роҳбарони сиёсии кишвар) ҳамчун мақомоти роҳбарикунанда барои идоракунии равандҳои иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодӣ, ки дар давлатҳои дар ҳоли рушд қарордошта ва инчунин ташкили муносибатҳои байни ҳукумат ва ҷомеа дар маҷмуъ асос ёфтаанд, таъсис дода мешаванд. Табиист, ки чунин мақомот қудрати сиёсии муайяне ба даст овардаанд ва набояд дар доираи

салоҳиятҳои худ барои манфиатҳои гурӯҳӣ кӯшиш намоянд, дар навбати аввал, ба манфиатҳои онҳое амал намоянд, ки онҳоро идора мекунанд.

Муайян кардани сохтори имиҷи сиёсӣ хеле мушкил аст. Ба хотири муайяннамоии сохтори имиҷи сиёсӣ рӯ меорем ба таҳқиқоти муҳаққиқони муосири рус. Масалан, Галумов А.А. сохтори имиҷи сиёсии Федератсияи Русияро чунин муайян менамояд: «Имиҷи сиёсии Федератсияи Русияро демократия, ҳукумат ва иқтисодиёти рус ташкил медиҳад ва имиҷи Русияро бошад, қувваҳои муссалаҳ, сиёсати иттилооти даватӣ ва сиёсати хориҷӣ ташкил месозанд» [9, с.42].

Ба андешаи Л.А. Прудников, дар сохтори имиҷи сиёсӣ се ҷузъи муҳимро фарқ кардан мумкин аст: маълумоти расмӣ дар бораи сиёсат (идоракунии давлат) ҳамчун муассисаҳои гуногуни иҷтимоию сиёсӣ; ақидаҳои умумӣ дар бораи ташкилотҳои сиёсӣ, роҳбарон, элита ташкилотҳои иҷтимоӣ; маълумоти ҳаррӯзаи ҳаёти сиёсӣ дар бораи идоракунии мушаххаси давлатӣ, самтҳои соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва фаъолияти мушаххаси ҳизбҳои сиёсӣ [125].

Сохтори системаи сиёсӣ шароит фароҳам менамояд, ки имкониятҳои гуногуни ҷомеа ба назар гирифта шаванд. Ҳамчунин дар заминаи он муайян кардан мумкин аст, ки муассисаҳои сиёсӣ ба унсурҳои таркибии системаи сиёсӣ чи гуна таъсир мерасонанд? Масалан, маълум аст, ки мақомоти давлатӣ барои ташкил намудани назорати самараноки ҷузъи якум ва ё таъсири якҷониба ба ҷузъи дуюмро салоҳиятҳои зиёд дорад. Аммо амалан ба ҷузъҳои сеюм таъсир намерасонанд. Дар навбати худ, ВАО имконияти таъсиррасонӣ ба ташаккулёбии тамоми ҷузъҳои имиҷи сиёсиро соҳиб мебошад, вале бояд инъикоси васеи идеяҳо дар бораи сиёсат дар ҳаёти ҷамъиятӣ нишон дода шаванд.

Таҳлили воқеияти муносибатҳо имкон медиҳад муайян намоем, ки шаҳрвандони алоҳида ва гурӯҳҳои иҷтимоии дар ҷузъи якум ва дуюм шомилбуда дар ҳаёти ҷамъиятӣ ба таври якхела иштирок менамоянд, аммо ҷузъҳои сеюми фазои муносибатҳо, ки иттилооти ҳаррӯзаи ҳаёти сиёсӣ, сиёсати мушаххаси давлатӣ ва фаъолияти мушаххаси ҳизбҳои сиёсии фаъолро

дар бар мегиранд, боиси ташаккулёбии имиҷи сиёсӣ мегардад [125]. Дар шароити имрӯза қувваҳои сиёсӣ, иҷтимоию сиёсӣ ва расонаҳои хабарӣ кӯшиш мекунанд, ки ба овоздиҳандагон ва дигар гурӯҳҳои иҷтимоӣ ақидаҳои худро дар бораи идоракунии давлатӣ ва дигар мақомоти иҷроияи ҳокимият таҳрик намоянд. Махсусан, тарғибу ташвиқи андешаи солим, ҳисси ватандорӣ ва миллатгароии мусбат барои бунёди имиҷи сиёсӣ ҳамеша аз ҷониби сохторҳои гуногуни сиёсии давлатӣ арзёбӣ мегарданд. Дар мавриди дигар ин арзишҳо дар бораи гурӯҳҳои ҷамъиятӣ ва шахсони алоҳида манфиатҳои гуногуни иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсии ҳизбҳои сиёсиро низ дар бар мегиранд. Ҳамин тариқ, ташаккул ва инкишофи имиҷи сиёсӣ масъалаи рӯзмарра ва воқеӣ буда, ба хотири соҳиб шудан ба ҳокимияти сиёсӣ дар раванди маъракаи интихоботӣ ва ҳамчунин нигоҳ доштани хусусияти легитимияти ҳокимият аз субъектҳои сиёсӣ муносибати мушаххасро талаб менамояд. Дар робита бо гуфтаҳои боло метавон қайд намуд, ки имиҷи сиёсӣ ҳамчун мафҳуми илмӣ дар бораи ҳокимияти сиёсӣ ва дигар муассисаҳои сиёсӣ хусусияти мураккаб ва ҷамъбастии тасаввуротро дорад. Он аз самаранокӣ ва муваффақияти онҳо дар равандҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ вобаста буда, дар ҳамин замина ташаккул меёбад. Таҳқиқи илмии ин мафҳум, мутаассифона, дар кишвари мо танҳо дар давраи пасошуравӣ оғоз ёфт.

Имиҷи сиёсӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ натиҷаи фаъолияти махсуси муассисаҳои сиёсӣ ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ барои ташаккули тасвири мусбати худ мебошад. Ҳадафи он ҷалби бечунучарои аксарияти аҳолӣ ба дастгирии қарорҳо ва амалҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ аст. Яъне, имиҷи сиёсӣ маъмулан нисбат ба сиёсати воқеӣ дуввумдараҷа аст. Аммо дар навбати худ, сатҳи дастгирии ҳокимияти давлатӣ, роҳбарони сиёсӣ ва институтҳои давлатӣ аз ҷониби шаҳрвандон дар бисёр ҳолатҳо кафолати сиёсати муваффақи оянда мебошад. Дар ин замина, алоқаи диалектикӣ байни имиҷи сиёсӣ, сиёсат ва ҳокимият дар шароити муосир равшан эҳсос мегардад.

Хулоса имрӯзҳо имиҷи сиёсӣ ба унсури муҳимми идоракунии давлатӣ ва таъсиррасонӣ ба шуури ҷомеа табдил ёфтааст. Он на танҳо образи субъекти

сиёсӣ, балки василаи муҳимме барои ташаккули афкори ҷамъиятӣ ва дастгирии ҳокимият мебошад. Бо вуҷуди анҷом ёфтани таҳқиқоти фаровон, олимону донишмандон дар мавриди моҳият ва хусусиятҳои мафҳуми «имиҷ» ҳанӯз ҳам ба тавофуқи ягона нарасидаанд. Зеро он хусусияти байнисоҳавӣ дошта, дар равишҳои гуногуни илмӣ бо маъноҳои мухталиф истифода мешавад.

Муҳаққиқон бар ин назаранд, ки омилҳои объективӣ ва субъективӣ метавонад ба имиҷи сиёсӣ таъсир расонад. Захираҳои табиӣ, мероси фарҳангӣ ва мавқеи геополитикӣ омилҳое ба шумор меравand, ки ба имиҷи сиёсӣ таъсири доимӣ мерасонанд. Дар ҳоле ки психологияи ҷамъиятӣ, фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва вазъи иқтисодӣ ҳамчун омилҳои таъсиррасон ба имиҷи сиёсӣ хусусияти динамикӣ доранд. Омилҳои номбаргардида дар якҷоягӣ имиҷи давлатро ташаккул медиҳанд ва ба эътибори байналмилалии он таъсир мерасонанд. Барои идоракунии самараноки имиҷи сиёсӣ таҳлил ва назорати доимии он зарур аст. Дар муҳити муосир, ки рақобати иттилоотӣ афзоиш меёбад, имиҷи сиёсӣ на танҳо воситаи таъсиррасонӣ, балки унсури муҳимми легитимияти ҳокимият ва эътирофи оммавӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, дар шароити имрӯза омӯзиши методология ва технологияи муосири ташаккули имиҷи сиёсӣ аҳамияти афзоянда пайдо кардааст. Бо назардошти таҳқиқоти мавҷуда метавон гуфт, ки имиҷи сиёсӣ падидаи тағйирёбанда буда, бо таъсири муҳит, стратегияҳои сиёсӣ ва афзалиятҳои иҷтимоӣ рушд мекунад. Ҳамин тариқ, таҳлили ҳамаҷонибаи он барои фаҳму дарки беҳтари равандҳои сиёсӣ ва муайян кардани омилҳои таъсиргузор ба имиҷи давлатӣ муҳим мебошад.

Аз нигоҳи назариявӣ имиҷи сиёсӣ ҳамчун як мафҳуми мураккаб ба шумор меравад. Дастовардҳои илмҳои сиёсӣ, равоншиносӣ, сотсиология ва коммуникатсия дар самти омӯзиши имиҷи сиёсӣ истифода гардидаанд. Ин масъала дигар ба тасвири сатҳӣ ё маҷмуи усулҳои манипулятсионӣ табдил дода намешавад. Донишмандони муосир онро ҳамчун тасвири рамзии мақсаднок тарҳрезишуда ва пайваста даркшудаи субъекти сиёсӣ, ки тавассути

таъсири мутақобилаи хусусиятҳои объективии он, паёмҳои сохташуда ва дарки коллективии шунавандагон ташаккул ёфтааст, тафсир мекунанд.

Аз нигоҳи сохторӣ, имиҷи сиёсӣ тавассути модели иерархие, ки ҷузъҳои асосӣ, мундариҷа ва рамзҳои гуногунро муттаҳид мекунад, ошкор карда мешавад. Хусусияти фарқкунандаи давраи кунунӣ бартарии муоширати визуалӣ-эҳсосӣ мебошад, ки дар он расонаҳои рақамӣ ба макони асосии муаррифӣ ва дарки имиҷи сиёсӣ табдил меёбанд.

Аз нигоҳи функсионалӣ, имиҷи сиёсӣ аз як воситаест, ки ба сафарбаркунии интихоботӣ, қонунӣ гардонидан ва идоракунии таваҷҷуҳи одамон дар шароити рақобати доимии иттилоотӣ табдил ёфтааст. Хусусиятҳои асосии он дар шароити муосир мутобиқшавӣ, вокуниш ва қобилияти фаъолият дар фазои хеле парокандаи иттилоотӣ ва муоширати маҷозӣ мебошанд. Имиҷ на танҳо барои фарқ кардан аз рақибон, балки барои муттаҳид кардани гурӯҳҳои гуногун дар атрофи системаи арзишҳо ва шахсиятҳои рамзӣ хизмат мекунад.

Аз нигоҳи технологӣ, сохтани имиҷи сиёсӣ ба фаъолияти хеле касбӣ, аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва ба маълумот асосёфта табдил ёфтааст. Роҳҳои ҳалли ин масъала бо усулҳои ҷойгиркунии амиқ, таҳлили рақамӣ ва маълумоти зиёд бо сегментатсияи аудитория ва ҳадафгирии дақиқи паёмҳо иваз карда шудаанд.

## 1.2. Нақш ва мавқеи имиҷи сиёсӣ дар низоми ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ

Дар зербоби якуми таҳқиқот афзалияти омӯзиши имиҷи сиёсӣ ҳамчун як мафҳуми муҳимми илмӣ асоснок карда шуд. Ин равиш дорои асоси объективӣ мебошад, зеро сардари сиёсӣ ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҳамчун ниҳоди асосии системаи сиёсӣ амал мекунанд. Институтҳои ҳокимияти давлатӣ ва сарвари сиёсӣ дорои ваколатҳои истисноиеянд, ки бо истифода аз онҳо суботи сиёсӣ ва низоми ҳуқуқиро таъмин менамоянд. Аз ҷумла, онҳо дорои захираҳои қудратӣ ва низомию қонунӣ буда, ҳуқуқи соҳибихтиёрии қонунгузорӣ,

ҷамъоварии андоз, татбиқи чораҳои маҷбурӣ ва татбиқи сиёсати дохилӣ ва хориҷиро доро мебошанд.

Бо назардошти нақши марказии институтҳои ҳокимияти давлатӣ дар системаи сиёсӣ, таҳқиқи моҳият, сохтор ва вазифаҳои асосии имиҷи сиёсии онҳо на танҳо аҳамияти назариявӣ, балки арзиши амалӣ низ дорад. Имиҷи сиёсии институтҳои ҳокимияти давлатӣ дар шаклгирии муносибати ҷомеа бо ҳокимият нақши ҳалкунанда бозида, ба сатҳи эътимоди шаҳрвандон ва устувории системаи сиёсӣ таъсир мерасонад.

Таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки имиҷи сиёсии институтҳои ҳокимияти давлатӣ метавонад дар шароити сиёсӣ ва иҷтимоии кишвар нақши муҳим бозад. Дар солҳои охир Ҳукумати Тоҷикистон тавассути татбиқи ислоҳоти гуногуни сиёсӣ ва иҷтимоӣ кӯшиш намуда истодааст, ки имиҷи сиёсии мақомоти ҳокимияти давлатиро дар дохил ва арсаи байналмилалӣ таҳким бахшад. Махсусан, талошҳои ҳукумат дар самти мубориза бо коррупсия, таъмини рушди иқтисод ва беҳтарсозии низоми иҷтимоӣ барои тақвияти имиҷи сиёсии мусбати Тоҷикистон мусоидат намудаанд. Ҳамзамон, мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҳамчун як ташкилоти сиёсӣ низ амал мекунад. Ҳокимияти сиёсӣ, ки асоси имиҷи сиёсиро ташкил медиҳад, то ҳол ҳамчун нишонаи муайянкунандаи мавҷудияти давлат шинохта мешавад. Маҳз имиҷи сиёсӣ ба ташаккули тасаввуроти шаҳрвандон ва ҷомеаи ҷаҳонӣ дар бораи самаранокии сиёсати давлатӣ ва низоми иҷтимоии кишвар таъсир мерасонад. Дар асоси имиҷи сиёсӣ мавқеи мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар арсаи байналмилалӣ, сатҳи эътибори он ва нуфузи шаҳрвандонаш дар ҷомеаи ҷаҳонӣ муайян карда мешаванд. Ҳамин тариқ, имиҷи сиёсӣ на танҳо муносибати дохилии ҷомеа ва мақомоти ҳокимияти давлатиро шакл медиҳад, балки дар раванди ташаккули обрӯи кишвар дар арсаи байналмилалӣ низ нақши муҳим мебозад.

Мақомоти ҳокимияти давлатӣ аз нигоҳи шаҳрвандон ҳамеша бо он меъёре арзёбӣ мегардад, ки то чӣ андоза он ба тасаввуроти одамон дар бораи низоми адолатпарвари иҷтимоӣ мувофиқ ё мухолиф аст. Дар баъзе ҳолатҳо

шаҳрвандон омодаанд онҳоро дастгирӣ кунанд, дар ҳолатҳои дигар ба онҳо бетарафона муносибат намоянд, ва дар ҳолатҳои сеюм бо онҳо муқовимат нишон диҳанд. Ҳамаи ин ба он вобаста аст, ки оё давлат барои зиндагии инсонҳо шароити мусоид фароҳам меорад, муносибатҳои иҷтимоиро бо такя ба эҳтироми ҳуқуқи инсон бунёд мекунад ва то чӣ андоза афкор ва иродаи мардумро дар идоракунии давлатӣ ба назар мегирад.

Чунин нуқтаи назар нишон медиҳад, ки эътимоди шаҳрвандон ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва имиҷи сиёсӣ ба сатҳи адолат ва имкониятҳои фароҳамовардаи онҳо барои ҷомеа вобастагӣ дорад. Бояд қайд намуд, ки мақомоти ҳокимияти давлатие, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои шаҳрвандонро эҳтиром мекунад ва онҳоро дар идоракунии сиёсӣ ҷалб менамояд, метавонад имиҷи сиёсии мусбат ва эътимоди мардумро соҳиб гарданд [46, с.77].

Муаллиф бар он назар аст, ки маданияти сиёсӣ ва шуури сиёсӣ муҳимтарин меъёри арзёбии мавқеи сиёсӣ ва иҷтимоии субъект дар раванди идораи мақомоти ҳокимияти давлатӣ буда, дар муайянсозии мавқеъ ва шаклгирии муносибатҳои сиёсӣ аз он истифода менамояд. Бо таҳлили ҳадафмандона метавон арзёбиҳои гуногунеро дар бораи нақш ва мақоми маданияти сиёсӣ ва шуури сиёсӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон пешниҳод сохт. Ин арзёбиҳо дар воситаҳои ахбори омма ва шабакаҳои интернетӣ нашр мешаванд, дар изҳороти расмии сиёсӣ ва санадҳои меъёрии мақомоти давлатӣ инъикос меёбанд ва инчунин дар таҳлилҳои илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ мавҷуданд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологие, ки дар моҳҳои январ-феврал ва октябри соли 2023 гузаронида шуданд, чунин вазъиятро нишон додаанд: 80% волидони хонандагон аз мазмуни Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон огоҳ нестанд; матни Конститутсия танҳо дар 11% оилаҳо мавҷуд аст; танҳо 29% пурсидашудагон бо Қонуни ҳуқуқи истеъмолкунандагон ошноӣ доранд; аз 600 нафар пурсидашудагон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф»-ро танҳо 9 нафар мутолиа кардаанд [144]. Ин далелҳо нишон медиҳанд, ки мушкилоти ҳуқуқии ҷомеа на танҳо ба сифати зиндагии шаҳрвандон таъсир

мерасонанд, балки ба рушди умумии фарҳангӣ ва сиёсӣ низ монеа эҷод мекунанд. Ҳамин тариқ, равшан аст, ки ҳалли аксари мушкилоти мавҷудае, ки дар боло зикр шуданд, пеш аз ҳама, бояд аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ анҷом дода шавад. Маҳз ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва имкониятҳои сиёсии онҳо шаҳрвандон умед мебанданд ва дар ҳолатҳои зарурӣ аз онҳо кӯмак металабанд. Ин раванд нишон медиҳад, ки ҷомеаи муосир ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва сиёсиро бо усулҳои нав пайгирӣ намуда истодааст. Таҳлилҳо ва таҳқиқоти сотсиологӣ далели онанд, ки сатҳи шуури ҳуқуқӣ ва сиёсӣ дар байни шаҳрвандон, махсусан дар байни ҷавонон ҳанӯз ҳам дар сатҳи зарурӣ қарор надорад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон низ баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ бо чунин мушкилӣ рӯ ба рӯ гардид. Доираҳои илмӣ ва таҳлилгарону коршиносон аксар вақт ба вазъи мадании кишвар бо назари интиқодӣ менигаранд. Онҳо бар ин назаранд, ки сатҳи огоҳии сиёсӣ ва ҳуқуқии шаҳрвандон бояд баланд бардошта шавад, то онҳо дар ҳалли мушкилоти кишвари худ фаъолона иштирок намоянд.

Омилҳои асосии мушкилоти номбаргардида чунин таъриф мешаванд:

1. Сатҳи пасти маърифати ҳуқуқӣ ва сиёсӣ. Аксарият аз қонунҳои асосии кишвар огоҳ нестанд ва намедонанд, ки ҳуқуқ ва вазифаҳои онҳо аз чӣ иборат аст.
2. Дар сатҳи зарурӣ қарор надоштани дастрасӣ ба иттилооти муфид. Дастрасӣ ба қонунҳо ва ҳуҷҷатҳои муҳим дар сатҳи хонаводаҳо маҳдуд аст.
3. Афзоиши рафтори асотсиалӣ. Ҷинояткорӣ ва вайронкунии қонунҳои ҷомеа ҳамчун натиҷаи бетаваҷҷуҳӣ ба тарбияи сиёсӣ ва ҳуқуқӣ дониста мешавад.

Дар чунин шароит аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ муносибатҳои зерин бояд ба роҳ монда шаванд: баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии шаҳрвандон тавассути барномаҳои таълимӣ ва маърифатӣ, таъмини дастрасӣ ба қонунҳо ва иттилооти ҳуқуқӣ дар сатҳи ҷомеа, рушди

маърифати сиёсӣ ва фарҳангӣ тавассути васоити ахбори омма ва шабакаҳои иҷтимоӣ, дастгирии ҷавонон ва қишрҳои осебпазир барои пешгирии рафтори асотсиалӣ.

Агар мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамкорӣ кунанд, метавон ин мушкилотро коҳиш дод. Ин масъала дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон вазъи маданияти сиёсӣ ва шуури сиёсиро нишон медиҳад ва аз таъсири омилҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ вобастагии зиёд дорад. Барои шарҳи амиқтари ин мавзуъ бояд якчанд меъёри арзёбии объективии ин падидаро ба назар гирем:

1. Меъёрҳои арзёбии маданияти сиёсӣ ва шуури сиёсӣ. Маданияти сиёсӣ ва шуури сиёсӣ ба маҷмуи донишҳо, арзишҳо, ҷаҳонбинӣ ва рафтори шаҳрвандон дар соҳаи сиёсат вобаста аст. Барои арзёбии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон ба ин меъёрҳо такя кард: сатҳи иштироки шаҳрвандон дар равандҳои сиёсӣ: Оё мардум дар интихобот, референдум ва дигар чорабиниҳои сиёсӣ фаъолона иштирок мекунанд? Огоҳии ҳуқуқии шаҳрвандон: оё онҳо қонунҳои асосии кишварро медонанд ва ҳуқуқу ухдадориҳои худро дуруст дарк мекунанд? Дастрасии мардум ба иттилооти сиёсӣ: то чӣ андоза расонаҳо ба шаҳрвандон маълумоти воқеӣ ва дурусти сиёсиро мерасонанд? Сатҳи фаъолнокии доираҳои илмӣ: то чӣ андоза муҳаққиқон ва таҳлилгарони сиёсӣ метавонанд таҳаввулоти ҷомеаро арзёбӣ кунанд?

2. Таҳлили вазъи мавҷуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бар асоси таҳқиқоти сотсиологӣ ва мушоҳидаҳо, ҳолати маданияти сиёсӣ ва шуури сиёсӣ ба таври зайл тавсиф мешавад: фаъолияти маҳдуди шаҳрвандон дар сиёсат: ҳарчанд интихобот баргузор мешавад, иштирок ва ҳузури фаъоли шаҳрвандон дар муҳокимаи масъалаҳои ҷамъиятӣ ҳанӯз ҳам кам аст.

Ҳолати маданияти сиёсӣ ва шуури сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сатҳи рушди иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқии ҷомеа сахт вобаста аст. Барои беҳбуд бахшидани ин вазъият ҳукумати кишвар, доираҳои илмӣ, расонаҳо ва шаҳрвандон бояд дар якҷоягӣ амал намоянд. Танҳо дар ин ҳолат метавон

рушди воқеии шуури сиёсӣ ва маданияти сиёсии шаҳрвандиро таъмин намуд ва сатҳи маърифати ҳуқуқиро дар кишвар баланд бардошт. Масъалаҳои мазкур шаҳодат аз он медиҳанд, ки имиҷи сиёсӣ ва эътимоди ҷомеа ба низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба амалҳои воқеии онҳо вобаста буда, дар ташаккули нуфузи ҳокимият интизориҳои мардум нақши назаррас мебозанд.

Бо назардошти масъалаҳои номбаргардида гуфтан мумкин аст, ки имиҷи сиёсии мақомоти ҳокимияти давлатӣ ин маҷмуи тасвирҳо ва тасаввуротест, ки дар шуури сиёсии шаҳрвандон, гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ ва ҷомеа оид ба низоми идоракунии давлатӣ ташаккул меёбанд. Ин тасвирҳо дар асоси фаъолияти иҷтимоӣ-сиёсӣ ва дигар фаъолиятҳои гуногунҷанбаи институтҳои ҳокимияти давлатӣ дар дохил ва хориҷи кишвар, инчунин самаранокии системаи сиёсии мавҷуда шакл мегиранд.

Дар доираи системаи сиёсӣ мақомоти ҳокимияти давлатӣ бо сохторҳои гуногуни сиёсию иҷтимоӣ ҳамкорӣ намуда, на танҳо имиҷи сиёсии худро, балки имиҷи сиёсии дигар субъектҳо ва иштирокчиёни системаи сиёсӣ ва ҳаёти сиёсиро шакл медиҳад. Субъектҳо ва иштирокчиёни ташаккули имиҷи сиёсии мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ғайр аз худи давлат, ҳамчунин сохторҳои ғайридавлатии сиёсӣ ва ҷамъиятӣ, ВАО-и чопӣ ва электронӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва дигар акторҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мебошанд. Иштироки ин ё он субъекти иҷтимоӣ ва сиёсӣ дар раванди ташаккули имиҷи сиёсии ҳокимияти давлатӣ асосан аз режими сиёсӣ, яъне шакли ташкили ҳокимияти сиёсӣ ва тарзи фаъолияти он дар кишвари мушаххас вобастагӣ дорад.

Ба андешаи муҳаққиқ В.В. Яковлев, моҳияти режими сиёсӣ, пеш аз ҳама, аз рӯйи дараҷаи тақсими ҳокимият дар давлат ва хусусиятҳои муносибати байни онҳо муайян мегардад [137]. Инчунин, принсипҳо, усулҳо ва тарзи ташаккули мақомоти давлатӣ, роҳҳои идоракунии равандҳои сиёсии ҷомеа, сатҳи эътибори элитаи сиёсӣ, вазъи қонуният дар давлат, легитимияти ҳокимияти сиёсӣ, хусусиятҳои маданияти сиёсӣ ва анъанаҳои сиёсӣ дар ҷомеа

ва дигар омилҳо низ дар муайян кардани характери режими сиёсӣ нақши муҳим мебозанд.

Фаҳму дарки аввалияи моҳияти режими сиёсӣ дар «назарияи классикии идоракунӣ» таҷассум ёфтааст. Ташаккулёбии назарияи мазкур таҳти таъсири таълимоти М. Вебер дар бораи бюрократия ҳамчун таҷассумгари принсипи ратсионализми расмӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ ба вуҷуд омадааст. Дар чунин ҳолат ҳокимияти сиёсӣ ҳамчун сохтори марказгаро ва расмӣ баррасӣ мешавад. М.Вебер механизми ҳокимияти сиёсӣ ва худи сиёсати давлатиро бо принсипҳои ташкили дохилӣ, фаъолияти бюрократияи давлатӣ ва воситаҳои татбиқи ҳокимияти давлатӣ, ки ҳамаи захираҳо ва ваколатҳоро дар дасти худ мутамарказ мекунад, баробар медонад [7].

Бюрократия ва фаъолияти ниҳодҳои бюрократӣ яке аз омилҳои таъсирбахш зимни ташаккули имиҷи ҳокимияти давлатӣ мебошад. Масалан, муҳаққиқи рус В.И. Буренко дар робита ба ин масъала чунин зикр мекунад: «Масъалаи мутамарказ шудани ҳокимият дар дасти як гурӯҳи маҳдуди одамон имрӯз барои бисёр кишварҳо хос мебошад» [115, с.9]. То ҳол мақоми ҳокимият ҳамчун сохтори аз ҷомеа боло ва таҷрибагузор боқӣ мондааст.

Омилҳои асосии ташаккули имиҷи сиёсии мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар навбати аввал волоияти қонун дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ мебошад. Қонуни асосии давлати ҳуқуқбунёд Конститутсия аст. Маҳз дар он принсипҳои ҳуқуқии низоми давлатӣ ва ҷамъиятӣ муайян карда шудаанд. Конститутсия ҳамчун намунаи умумии ҳуқуқии ҷомеа хизмат мекунад, ки тамоми қонунгузории амалкунанда бояд бо он мутобиқат кунад. Волоияти қонун, пеш аз ҳама, Конститутсия, заминаи устувори риояи қонуниятро дар кишвар таъмин менамояд, адолати иҷтимоӣ ва тартиботи ҳуқуқиро кафолат медиҳад. Ҳамин тариқ, волоияти қонун яке аз шартҳои муҳимтарин барои ташаккул ва нигоҳдории имиҷи сиёсии мақомоти ҳокимияти давлатӣ мебошад.

Омили дигари таъсиргузор ба имиҷи сиёсии мақомоти ҳокимияти давлатӣ таҳкими ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва таъмини рушди озоди шахсият мебошад. Дар низоми иҷтимоӣ-сиёсии муосир озодии инсон на танҳо арзиши

иҷтимоӣ, балки ҳуқуқи бунёдии шахс мебошад. Давлати ҳуқуқбунёд барои ҳар шахс соҳаи муайяни озодиро эътироф мекунад ва мудохилаи давлат дар доираи он ғайриқобили қабул аст. Дар чунин низом ҳуқуқи шахс ба дахолат накардани ҳокимияти давлатӣ ҳамчун ҳуқуқи талаб кардани риояи он аз тарафи давлат баррасӣ мегардад. Агар ин ҳуқуқ поймол шавад, он тавассути муҳокимаи судӣ ҳифз ва барқарор карда мешавад. Бо ин роҳ волоияти қонун ва ҳифзи озодиҳои инсон на танҳо шарти муҳимми идоракунии самарабахши давлат, балки омили калидии ташаккули имиҷи сиёсии мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар дохили ҷомеа ва арсаи байналмилалӣ ба ҳисоб меравад.

Хусусияти ҳуқуқии озодии шахс ва таъсири он ба имиҷи сиёсии мақомоти ҳокимияти давлатӣ назаррас ва таъсиргузор аст. Хусусияти ҳуқуқии озодии шахс дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ зуҳур меёбад. Дар давлати демократии муосир ҳуқуқи объективии озодӣ дар шакли ҳуқуқҳои субъективии шахс, ки дорои мазмуни гуногун мебошанд, амалӣ мегардад. Муҳимтарин ҷанбаҳои ин ҳуқуқҳо иборатанд аз: ҳуқуқ ба дахлнопазирии шахс, ҳуқуқ ба таҳсил, ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ, ҳуқуқ ба ҳифзи судӣ ва ҳуқуқ ба озодии ҳаракат дар ҳудуди давлат. Ҳамин тавр, ҳуқуқҳои шахс ва риояи волоияти қонун аз муҳимтарин хусусиятҳои давлати ҳуқуқбунёд ва ҳамзамон яке аз омилҳои асосии ташаккули имиҷи сиёсии мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар ҷомеаи демократӣ мебошад.

Муносибати байни сиёсати дохилӣ ва имиҷи сиёсии мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар навбати худ заминаи рушду инкишофи он дониста мешавад. Рушди имиҷи сиёсии мақомоти ҳокимияти давлатӣ пайваста аз сатҳи таҳаввулоти иҷтимоӣ, сиёсати ҳукумат ва манфиатҳои шаҳрвандон вобаста мебошад. Барномаи давлатие, ки бештар ба сатҳи фарҳанги сиёсӣ ва талаботи иҷтимоии мардум ҷавобгӯ аст, дар афкори ҷомеа аксар вақт таъсири мусбат мегузорад. Аз ин рӯ, масъалаи робитаи сиёсати дохилӣ ва имиҷи сиёсии мақомоти ҳокимияти давлатӣ моро ба баррасии муносибати сиёсати хориҷии давлат ва имиҷи сиёсии ҳокимияти давлатӣ мерасонад.

Имиҷи сиёсии мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба мақом ва нақши давлат дар муносибатҳои байналмилалии давлат ва нақши он дар низоми ҷаҳонӣ таъсири фаъол мегузорад. Эътирофи имиҷи сиёсии давлат дар муносибатҳои байналмилалӣ ба мустаҳкам гардидани мавқеи хориҷии вай мусоидат менамояд. Имиҷи сиёсии байналмилалии давлат ба мавқеи он дар низоми сиёсии ҷаҳонӣ сахт вобаста аст. Л.С. Рубан таъкид мекунад, ки «таърихи башарият ҳамеша шомили ҷангҳо ва низоъҳо будааст, вале дар баробари ин, ҷомеаи ҷаҳонӣ аз оғози рушдаш кӯшиш кардааст муносибатҳои байналмилалиро ба танзим дарорад. Омоли башарият ҳамеша эҷоди сулҳи ҷовидона буд» [85, с.119].

Ба ин тартиб, сиёсати хориҷии давлат ва муносибати он бо дигар кишварҳо на танҳо ҷойгоҳи онро дар низоми ҷаҳонӣ муайян мекунад, балки имиҷи сиёсии мақомоти ҳокимияти давлатиро дар арсаи байналмилалӣ месозад ва таҳким мебахшад. Айни замон дар муқоиса бо вазъияти пас аз анҷоми Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ тағйироти куллӣ дар тартиботи ҷаҳонии муосир ба амал омадааст. Дар натиҷа, низоми яккутбии бебозгашт таҳти ҳокимияти ИМА ва НАТО ташаккул ёфтааст. Таҳлили вазъи воқеии иҷтимоию сиёсӣ имкон медиҳад, ки чунин таъкид намоем: ин ҳолати ғайриалтернативӣ ба таври объективӣ омили ба вуҷуд омадани низоъҳои муосир мебошад. Ҷомеаи ҷаҳонӣ борҳо ба ин воқеият бовар ҳосил кардааст, масалан, дар раванди ҳалли бuҳрони Косово, ё ҳаводиси халиҷи Форс. Ин рӯйдодҳо нишон доданд, ки дар тартиботи нави ҷаҳонӣ нақши давлатҳои дигари абарқудрат, аз ҷумла Русия ба ҳеҷ ваҷҳ марказӣ нест.

ИМА ва НАТО ба таври якҷониба бо баҳонаи ҳифзи аҳолии ин кишварҳо ва пешгирии фалокати башардӯстона ба мудохилаи низомӣ шуруъ карданд. Натиҷаи ин амалиёти ҳарбӣ харобшавии воқеии кишвар, фурӯпошии Ҷумҳурии Югославия, талафоти зиёди аҳолии осоишта ва заиф гардидани мавқеи байналмилалии дигар давлатҳо, аз ҷумла нуфузи сиёсии онҳо дар ин минтақаҳо гардид.

Ҳамзамон, возеҳ аст, ки дар оғози ҳазорсолаи нав инсоният беш аз пеш дарк мекунад, ки парадигмаҳои кӯҳнаи ташкили тартиботи ҷаҳонӣ, муносибатҳои байни давлатҳо, халқҳо, фарҳангҳо ва пайравони онҳо, мазҳабҳо ва дигар сохторҳои иҷтимоӣ то андозае корношоям гардидаанд. Барои тасдиқи ин андеша метавон чанд нуқтаро таъкид намуд: Ҳамон тавре ки дар давраи муқовимати ду абарқудрат инсоният дар вартаи ҷанги ҳастаии глобалӣ қарор дошт, имрӯз низ бо пайдоиши марказҳои нави минтақавии қудрат ҷомеаи ҷаҳонӣ дигар итминони комил ба амнияти ҳастаӣ надорад. Ин номуайянӣ ба имиҷи онҳо низ таъсири манфӣ мерасонад. Инсоният ниҳоят дарк кардааст, ки ифлосшавии муҳити зист барои ояндаи башарият хатари ҷиддӣ дорад ва масъулияти он бар дӯши наслҳои имрӯза мебошад. Аммо саволи муҳимме боқӣ мемонад: оё мо пеш аз он, ки механизмҳои муассири ҳифзи табиат ташаккул ёбанд, метавонем фалокати экологиро пешгирӣ кунем? Равандҳои муосири ташаккули фазои иттилоотии глобалӣ новобаста аз паҳлуҳои мусбати худ, хатари аз байн рафтани фарҳангҳои миллӣ ва пайравони онҳоро дар бар мегирад. Дар ҳуҷҷатҳои асосии созмонҳои ҷаҳонӣ ба ин масъала таваҷҷуҳи кофӣ дода нашудааст [3].

Хавфу хатари воқеии терроризми байналмилалӣ инсониятро бо мушкилоте рӯ ба рӯ карданд, ки барои ҳалли онҳо омода набуд. Ҳодисаҳои солҳои охир нишон доданд, ки на танҳо ҷомеаи ҷаҳонӣ, балки ҳатто қудратҳои бузурге чун ИМА ва Русия низ ба ин таҳдидҳо омодагии лозимӣ надоштанд.

Дарки ин хатарҳо ва таъкиди онҳо дар сиёсати хориҷии ҳар як давлат, аз ҷумла Тоҷикистон яке  шарти муҳимтарини ташаккули имиҷи байналмилалии институтҳои ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоб меравад. Ин раванд хеле мураккаб ва зиддиятнок аст, зеро таҳти таъсири як қатор стереотипҳо қарор дорад ва дар ҷомеаи муосир ҳукмфармо мебошад. Аз ҷумла, метавон чанд намунаи онҳоро ёдоварӣ намуд:

– тасаввуроти «ҷомеаи истеъмолгаро» ҳамчун ягона модели пешрафтаи ҷомеаи муосир;

– бартарии принсипи фардгароӣ дар ташаккули муносибатҳои иҷтимоӣ ва ҷомеаҳо муосир (модели ғарбӣ). Таъкиди аз ҳад зиёди ҳуқуқи ҳар як давлати миллӣ нисбат ба уҳдадориҳои байналмилалии он;

– баррасии пешрафти илмию техникӣ ҳамчун механизми табиии рушди инсоният;

– бартарияти дастовардҳои илмӣ дар соҳаҳои низомӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва дигар сохторҳои иҷтимоӣ.

Ҳамин тариқ, раванди объективии воридшавии дастовардҳои илмию техникӣ ба ҷомеаи муосир боис гардид, ки инсоният гаравгони хатарҳои босуръат афзояндаи мавҷудияти худ гардад. Айни замон амният ва рушди башарият на танҳо аз консепсияҳои миллӣ, доктринаҳои ҳарбӣ ва амалкарди раҳбарони сиёсӣ вобаста аст, балки ҳамчунин аз ҳадафҳо ва маҳдудиятҳои ахлоқии гурӯҳҳо ва шахсоне, ки давлатро намояндагӣ мекунанд, низ таъсир мегирад.

Метавон якчанд моделҳои сохтории унсурҳои асосии имиҷи сиёсии институтҳои ҳокимияти давлатии замони муосирро ҷудо намоем. Сохтори имиҷи сиёсии институтҳои ҳокимияти давлатӣ, ки дар асоси тасаввуроти субъектҳои гуногун ташаккул меёбад, пеш аз ҳама аз се унсури муҳим иборат аст: маълумоти расмӣ дар бораи институтҳои ҳокимияти давлатӣ ва функсияҳои онҳо, тасаввуроти умумӣ дар бораи институтҳои ҳокимияти давлатӣ, маълумоти рӯзмарра дар бораи фаъолияти институтҳои ҳокимияти давлатӣ ва фаъолиятҳои мушаххаси мансабдорон ва ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ.

Чунин таркиби имиҷи сиёсии институтҳои ҳокимияти давлатӣ имкон медиҳад, ки таъсири институтҳои гуногуни иҷтимоию сиёсӣ ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ ба унсурҳои алоҳидаи имиҷи сиёсии институтҳои ҳокимияти давлатӣ муайян карда шавад. Возеҳ аст, ки мақомот ва сохторҳои давлатӣ метавонанд унсури аввалро самаранок назорат намуда, ташаккул диҳанд, ба унсури дуюм то андозае таъсир расонанд, аммо ба унсури сеюм амалан наметавонанд таъсир расонанд. Воситаҳои ахбори омма метавонанд дар ташаккули ҳамаи ин се

унсур нақши фаъол дошта бошанд, аммо асосан ба ташаккули тасаввуроти умумӣ дар бораи институтҳои ҳокимияти давлатӣ бештар таъсир мерасонанд. Шаҳрвандон, новобаста аз он ки амали инфиродӣ доранд, ё дар гурӯҳҳои иҷтимоӣ ҳастанд, дар ташаккули ду унсури аввал нисбатан ғайрифаъол мебошанд, аммо унсури сеюм, яъне маълумоти рӯзмарра дар бораи фаъолияти институтҳои ҳокимияти давлатӣ ва фаъолиятҳои мушаххаси мансабдорон ва ниҳодҳои институтҳои ҳокимияти давлатиро хеле фаъолона ташаккул медиҳанд.

Яке аз намунаҳои дигари сохтори имиҷи сиёсии фаъолияти институтҳои ҳокимияти давлатӣ ва фаъолиятҳои мушаххаси мансабдорон бо сохтори дохилии давлат ҳамчун институт алоқаманд аст. Дар ин маврид, метавон ҷузъҳои зеринро ҷудо кард: имиҷи раҳбари давлат, имиҷи дастгоҳи давлатӣ ва имиҷи хизмати давлатӣ. Ҳамчунин, метавон имиҷи ҳокимияти иҷроия, қонунгузор ва судиро аз ҳамдигар ҷудо намуд. Функсияи асосии имиҷи сиёсии институтҳои ҳокимияти давлатӣ  дар ҷомеаи муосир аз он иборат аст, ки вай фаҳмишеро дар ҷомеа ташаккул медиҳад, ки тибқи он давлат ва ниҳодҳои асосии он барои мавҷудияти ҳар як кишвар зарурӣ мебошанд  ва ҳамчун институти сиёсӣ ҳамеша зарурӣ буда, барои фаъолият дар низоми идораи давлатӣ боқӣ мондаанд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло мо зарур мешуморем, ки якчанд вазифаҳои асосии имиҷи сиёсии институтҳои ҳокимияти давлатӣ ба таври зайл баён намоем:

1. Идентификатсия (ҳувиятсозӣ) ҳамчун вазифаи коммуникатсионӣ барои он пешбинӣ шудааст, ки дарк намудану қабул кардани иттилооти мусбат дар бораи институтҳои ҳокимияти давлатиро осонтар гардонад. Дар шароити ҷомеаи муосир одамон бештар танҳо иттилооти муҳимми асосиро қабул мекунанд, на ҳама ҷузъиёти мураккабро.
2. Идеализатсия ҳамчун вазифаи имиҷи сиёсӣ ба он нигаронида шудааст, ки қабул ва баррасии имиҷи сиёсии институтҳои ҳокимияти давлатиро дар аудиторияи мақсаднок мусбат гардонад. Он хусусиятҳое, ки барои

гурӯҳҳои муайяни мардум муҳим ва ҷолибанд, ба таври мусбат муаррифӣ карда мешаванд.

3. Муқоиса ва муқобилгузорӣ имиҷи сиёсии институтҳои ҳокимияти давлатиро дар муқоиса бо дигар институтҳо ё ҳатто бо замони гузашта месозад. Мақсади асосии он ташаккули имиҷи сиёсии институтҳои ҳокимияти давлатӣ мебошад.
4. Номинативӣ (номгузорӣ ва фарқкунанда) – ин вазифаи имиҷи сиёсии институтҳои ҳокимияти давлатӣ дар муҳити фаъолияти сиёсӣ хусусиятҳои фарқкунандаи онро нишон медиҳад ва онҳоро аз дигар институтҳо дар системаи сиёсӣ ҷудо месозад.
5. Эстетикӣ – ин вазифа барои он пешбинӣ шудааст, ки имиҷи сиёсии институтҳои ҳокимияти давлатӣ ва таассуроти умумии онҳо барои ҷомеа дар муносибатҳои амалии сиёсӣ ва идоранамоӣ ҷолибтар гардад.
6. Ҳадафмандӣ – ин вазифа нишон медиҳад, ки имиҷи сиёсии институтҳои ҳокимияти давлатӣ бояд ба талабот ва ниёзҳои аудиторияи муайян мувофиқат намояд ва бо он иртиботи мушаххас дошта бошад.

Ҳамин тариқ, имиҷи сиёсии институтҳои ҳокимияти давлатӣ на танҳо як имиҷи сиёсии сохташуда мебошад, балки як воситаи муассир барои идоракунии таассуроти ҷомеа дар раванди муносибатҳои мутақобилаи сиёсӣ ба шумор меравад. Ғайр аз ин, аз нуқтаи назари функсионалӣ, имиҷи сиёсии институтҳои ҳокимияти давлатӣ барои ҳалли як қатор вазифаҳои асосӣ пешбинӣ шудаанд.

Вазифаи аввал – ташаккули имиҷи сиёсии мусбат (таъсирбахш, қавӣ, нерӯманд ва ғайра), самаранокии институтҳои ҳокимияти давлатӣ ва сохторҳои он, инчунин таъмини фаъолияти самараноки онҳо дар ҷомеа. Ин маънои онро дорад, ки институтҳои ҳокимияти давлатӣ, ҷомеа, ВАО ва роҳбарияти сиёсӣ бояд дар бораи он, ки системаи иҷтимоӣ, ба мисли дастгоҳи давлатӣ, дар кадом ҳолат қарор дорад ва то чӣ андоза омода аст вазифаҳои сиёсӣ ва идоракуниро иҷро намояд, ҷавоби равшан дошта бошанд. Барои расидан ба ин ҳадаф, ғайр аз ВАО, бояд ниҳодҳои махсуси мутахассисон низ

вуҷуд дошта бошанд. Дар чунин шароит вазифаи асосии онҳо таҳкими имиҷи сиёсии мусбати институтҳои ҳокимияти давлатии Тоҷикистон ё ҳар кишвари дигар хоҳад буд.

Вазифаи дуюм – тарғибу рекламаи хизмати давлатӣ ва институтҳои гуногуни ҳокимияти давлатӣ. Дар бисёр кишварҳои демократӣ рекламаи хизмати давлатӣ як ҷузъи муҳимми стратегияи идоракунии давлатӣ ва институтҳои ҳокимияти давлатӣ мебошад. Ин раванд барои таъмини мақомоти давлатӣ бо захираҳои лозима, аз ҷумла неруи инсонӣ ва маблағгузорӣ накши муҳим мебозад.

Дар шароите, ки муносибатҳои бозорӣ ҳукмфармо мебошанд, рекламаи васеъ ва ҳадафмандона имкон медиҳад, ки дар фаъолияти институтҳои ҳокимияти давлатӣ ҷавонони болаёқат ва таҳсилкарда ҷалб карда шаванд. Ин, дар навбати худ, имконият медиҳад, ки сатҳи баланди касбият дар байни хизматчиёни давлатӣ нигоҳ дошта шавад ва мутахассисони ҷавони умедбахш сари вақт ба ниҳодҳои давлатӣ шомил гарданд. Ҳамин тариқ, имиҷи сиёсии институтҳои ҳокимияти давлатӣ на танҳо абзори муаррифии давлат дар арсаи байналмилалӣ аст, балки механизми муҳимми идоракунии кадрӣ ва таъмини муассирии фаъолияти давлат низ ба шумор меравад.

Вазифаи сеюми имиҷи сиёсии институтҳои ҳокимияти давлатӣ ба назари мо, тақвияти шаффофияти фаъолият дар раванди идораи давлатӣ ва қарорҳои он дар соҳаҳои сиёсӣ, молиявӣ, иҷтимоӣ ва иттилоотӣ мебошад.

Ниҳодҳои сиёсӣ ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ, новобаста аз сатҳи худ, бояд пайваста маълумоти пурра ва воқеиро дар бораи татбиқи амалии барномаҳои сиёсӣ ба роҳбарияти кишвар пешниҳод кунанд. Ин имкон медиҳад, ки қарорҳои сиёсӣ сари вақт ва бо асоси илмӣ қабул карда шаванд. Ба таври дигар, сухан дар бораи назорати шаҳрвандон нисбат ба системаи сиёсӣ ва худи институтҳои ҳокимияти давлатӣ меравад, ки онҳоро ба ниҳодҳои шаффоф ва фаҳмо барои ҷомеа табдил медиҳад. Ҳадафи асосӣ таъмини фаъолияти давлат дар доираи вазифаҳои он тибқи Конститутсия ва қонунҳои кишвар мебошад [11].

Ҳамин тариқ, имиҷи сиёсии мусбати институтҳои ҳокимияти давлатӣ на танҳо ба муаррифии хориҷии он таъсир мерасонад, балки воситаи муҳимми таъмини масъулият ва шаффофияти идоракунии давлатӣ низ ба ҳисоб меравад. Назорат дар равандҳои иҷтимоию сиёсӣ низоми чорабиниҳоеро дар бар мегирад, ки барои ошкорсозии саривақтии падидаҳо ва тамоюлҳои манфӣ дар фаъолияти ин ё он объект, ташкилот ва институтҳои ҳокимияти давлатӣ мусоидат мекунанд. Моҳияти асосии он на дар ҳалли мушкилоти бамиёномада, балки дар ҷамъоварии иттилоотест, ки метавонад дар бораи вуҷуди эҳтимолии онҳо шаҳодат диҳад. Ошкор кардани саривақтии сабабҳои асосии онҳо ва асоснок намудани зарурати вокуниш ба онҳо, инчунин ирсоли ин иттилоот ба ниҳодҳое, ки тибқи мақоми худ вазифадоранд қарорҳои дахлдор қабул намоянд, хеле муҳим мебошад.

Назорати шаҳрвандӣ ҳамчун нишонаи рушди ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ду шакл зоҳир мешавад: тавассути давлату институтҳои ҳокимияти давлатӣ ва тавассути иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ (ассотсиатсияҳо, кумитаҳо, ҳизбҳо, ҳаракатҳо). Чунин фаъолият ба он равона шудааст, ки вазъи давлат, институтҳои ҳокимияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ, фаъолияти онҳо дар асоси заруратҳои иҷтимоию сиёсӣ мухолифи қонун набошанд ва ба ниёзхову манфиатҳои ҷомеа мутобиқат намоянд.

Таҳлили таҷрибаи хориҷӣ нишон медиҳад, ки шаклҳои гуногуни тарбияи ватандӯстӣ ва омӯзиши аҳолии кишвар мавҷуданд. Масалан, дар бисёр кишварҳои ҷаҳон хидмати ҳарбӣ ҳамчун навъи махсуси хидмати давлатӣ арзёбӣ мегардад, бинобар ин, дар як қатор давлатҳо хадамоти махсус таъсис дода шудаанд, ки ба салоҳияти онҳо таҳия, истеҳсол ва паҳн кардани маводи таблиғотии дорои муҳтавои ватандӯстӣ дохил мешавад. Масалан, дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико таблиғи қувваҳои мусаллаҳи худ дар асоси барномаҳои махсус амалӣ мегардад. Ин корро хадамоти иттилоот ва робита бо ҷомеаи артиши ИМА анҷом медиҳад, ки аз ҷониби ёвари вазири мудофиа оид ба робита бо ҷомеа роҳбарӣ карда мешавад. Ба ӯ як идора дар сохтори вазорат

итоат мекунад, ки аз чанд шӯъба иборат аст: иттилооти ҳарбӣ, шӯъбаи маъмурӣ ва шӯъбаи банақшагирӣ.

Хадамоти робита бо васоити ахбори оммаи маҳаллӣ рӯзномаҳои вилоятӣ, ширкатҳои телевизионӣ ва радиоиро бо мавод дар бораи афсарону сарбозони ҳирфаӣ таъмин менамояд. Масалан, танҳо дар соли 1990 ин хадамот 1,6 миллион маводи иттилоотиро оид ба 335 ҳазор хизматчиёни ҳарбӣ барои нашрияҳои гуногуни ИМА ва хориҷи кишвар омода намудааст. Илова бар ин, тақрибан 800 навори телевизионӣ нашр гардида, зиёда аз 2000 мусоҳиба бо сарбозону афсарони шоиста гузаронида шудааст. Маводди омоданамудаи ин хадамот ба аҳолии ИМА тавассути 838 радиостансия, ки дар саросари кишвар фаъолият доранд, саривақт расонида мешуданд.

Дар ихтиёри хадамоти телевизион ва радиои марказҳои иттилоотии Қувваҳои мусаллаҳи ИМА бузургтарин шабакаи радио ва телевизионии ҷаҳон (AFBS) мавҷуд мебошад, ки 160 истгоҳро дар бар мегирад (дар ИМА, Аврупо, Гренландия, Аляска ва минтақаи укёнуси Ором ҷойгир шудаанд). Аудиторияи ин хадамот беш аз 250 ҳазор нафарро ташкил медиҳад. Хадамоти иттилоот ва робита бо ҷомеаи Қувваҳои мусаллаҳи ИМА инчунин дорои марказҳои минтақавӣ ва гурӯҳҳои касбӣ барои роҳнамоии ҷавонон мебошад, ки тавассути онҳо тарғиби фаъолонаи афзалиятҳои хидмати ҳарбӣ анҷом дода мешавад. Бузургтарин марказҳо дар Чикаго, Лос-Анҷелес ва Ню-Йорк ҷойгиранд. Дар сафи қувваҳои мусаллаҳ, ин хадамот бо афсарони шуъбаи иттилоот ва робита бо ҷомеа то сатҳи баталионҳо намояндагӣ мекунад [43, с.64].

Хусусияти асосии фаъолияти таблиғотию ватандӯстонаи Вазорати мудофиаи ИМА ҷалби ҳамкории ташкилотҳои гуногуни ниманизомӣ мебошад, аз ҷумла: Ассотсиатсияи Артиши ИМА, Лигаи нерӯҳои баҳрӣ, Ассотсиатсияи Гвардияи миллӣ, Ассотсиатсияи афсарони захиравӣ, Ассотсиатсияи миллии тирпарронӣ ва дигарон. Ин ташкилотҳо тибқи анъанаи ташаккулёфта ба таблиғи густурдаи қувваҳои мусаллаҳ машғул шуда, ҳамзамон вазифаи агентиҳои таблиғотиро низ иҷро мекунанд.

Дар баробари дигар вазифаҳои худ, инчунин ҷудо кардани таълими сиёсӣ ҳамчун унсури муҳим мақсаднок мебошад. Тибқи сарчашмаҳои илмӣ, таълими сиёсӣ на вафодорӣ ба як идеология, балки раванди тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи дарки сиёсати роҳбарияти давлат ва маъқул донистани сиёсати ҳарбии Сарвари давлат ва Ҳукумати кишварро дар назар дорад. Дар ин таъриф мафҳумҳои «дарк» ва «маъқул шуморидан» калидӣ маҳсуб меёбанд, зеро муаллиф бар он назар аст, ки ҳар шаҳрванде, ки дар соҳаи сиёсат огоҳии камтар дорад, сиёсати давлатро дарк намекунад ва қарорҳои сиёсиро ё ҷонибдорӣ намекунад, ё нисбат ба онҳо бетафовут аст, барои давлат ва ҷомеа манфиати зиёд оварда наметавонад.

Таҳлили адабиёти мавҷуда нишон медиҳад, ки дар бисёр кишварҳои Ғарб ва ИМА чунин андеша роиҷ аст, ки шаҳрвандони имрӯза ва ояндаи давлат бояд на танҳо моҳияти демократияро фаҳманд, балки дар рушди он саҳми худро гузошта тавонанд. Дар ин кишварҳо бар он ақидаанд, ки сохтори устувори давлатӣ танҳо дар сурате ба вуҷуд меояд, ки тамоми шаҳрвандон зарурати мувозинат байни озодиҳои шахсӣ ва ӯҳдадориҳои онҳо дар назди қонун ва ҷомеаро дарк намуда, кӯшиш намоянд, ки ин зиддиятро дар ҳаёти амалӣ бартараф созанд. Масалан, олимони олмонӣ таъкид мекунанд, ки «эгоизми маҳдуд, набудани ҳисси ҳамбастагӣ ва бетафовутӣ ба сиёсат таҳдид ба рушди демократӣ ба шумор мераванд. Пешгирии чунин таҳдид вазифаи ҳар як шаҳрванд, ҷомеа ва давлат мебошад» [110, с.69].

Дар ҷомеаи олмонӣ одатан чунин ҳисобида мешавад, ки ҳар як шаҳрванд бо иштироки воқеии худ дар фаъолияти сиёсӣ ба ҳаёти мардуми худ саҳм мегузорад ва давлат ба иштироки фаъоли шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсӣ ниёз дорад. Ҳар гуна ҷонибдорӣ аз шиори «бидуни ман» ба таври объективӣ демократияи муосирро заиф мегардонад. Аз ин рӯ, шаҳрванди олмонӣ бояд дар ҳаёти маънавӣ ва сиёсии ҷомеаи худ бошуурона ва фаъолона иштирок кунад.

Дар шароите, ки ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Федеративии Олмон ҳамчун як раванди объективӣ ва бебозгашт арзёбӣ

мегардад, фаъолияти иттилоотӣ бо ҳадафҳои сиёсӣ ҳамчун шарти ногузири таъмини иштироки бошуурона ва ташаккули дастгирии воқеии амалҳои ҳокимият аз ҷониби ҳам шаҳрвандони худ ва ҳам ҷомеаи байналмилалӣ дониста мешавад. Ин маънои тақвияти легитимияти дохилӣ ва хориҷиро дорад. Тавре ки дар «Китоби сафеди Олмон» зикр шудааст: «... иштироки масъулонаи шаҳрвандон дар раванди сиёсӣ бештар устувор хоҳад буд, агар он ба афкоре такя кунад, ки дар асоси иттилооти воқеъбинона ташаккул ёфтааст» [62, с.6].

Бо назардошти он иттилооте, ки аз ҷониби мақомоти Олмон пешниҳод мегардад, бояд барои шаҳрвандон шаффофияти фаъолияти ҳукумат ва идоракунии давлатӣ, инчунин тавзеҳи ҳадафҳои стратегии онҳоро таъмин намояд ва шаҳрвандонро ба иштироки фаъоли сиёсӣ ташвиқ кунанд. Муҳим он аст, ки вазифаҳои асосии маърифати сиёсӣ дар ҷомеаи олмонӣ аз ҷониби Бундестаг муайян карда шудаанд: пешниҳоди маълумоти ҳарчи бештари воқеъбинона дар бораи омилҳо ва робитаҳои равандҳои сиёсии ҷорӣ; шаклгирии шуури сиёсӣ нисбат ба мушкилот, қобилият ва омодагӣ барои арзёбии сиёсӣ; ҳавасмандсозии дарки мавқеи шахсӣ дар доираи ҷомеа; дастгирии арзишҳои асосии ҷомеаи демократии озод; кӯмак ба дарки моҳияти қоидаҳои рафтор, ки дар ҷомеаи демократӣ муқаррар гардидаанд ва ташаккули тарзи рафтори демократӣ [4, с.154].

Бо назардошти таҷрибаи мусбати олмонӣ қайд намудан мумкин аст, ки имиҷи сиёсии институтҳои ҳокимияти давлатӣ дар шароити муосир на танҳо аз муқаррароти дар Конститутсия сабтшуда ва дигар санадҳои ҳуқуқии давлатӣ шакл мегирад, балки имиҷи сиёсии мусбати институтҳои ҳокимияти давлатӣ дар зеҳну шуури шаҳрвандон дар натиҷаи амалҳои мушаххаси давлат ташаккул меёбад.

Аз ин рӯ, дар ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ танҳо зикр кардани он, ки давлат демократӣ аст ва институтҳои ҳокимияти давлатӣ дар асоси арзишҳои демократӣ фаъолият менамоянд, кофӣ нест. Муҳим он аст, ки онҳо дар амал чунин бошанд. Танҳо дар ин сурат имиҷи сиёсии институтҳои ҳокимияти

давлатӣ воқеан демократӣ хоҳад буд. Дар ин ҷо муайян кардани фарқият байни расмият (легалӣ) ва легитимияти маънавии ҳокимияти сиёсӣ аҳамияти калон дорад. Агар расмият маънои мутобиқат ба қонунро дошта бошад, пас легитимияти маънавӣ маънои ҷонибдорӣ ва қабул шудани амалҳои воқеии ҳукумат аз ҷониби аксарияти аҳолиро дорад. Дар чунин ҳолат ташаккулёбии имиҷи сиёсии институтҳои ҳокимияти давлатӣ аз ду омил: расмият ва легитимияти маънавии ҳокимияти сиёсӣ, инчунин аз амалҳои мушаххаси онҳо вобаста мебошад. Ҳамин тариқ, имиҷи сиёсӣ ҳамчун маҷмуи тасвирҳо ва тасаввурот дар бораи мақомоти давлатӣ дар шуури шаҳрвандон, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва ҷомеаи байналмилалӣ баррасӣ шуда, инъикосгари самаранокии ҳокимият ва фаъолияти давлатӣ дониста мешавад.

Дар раванди таҳқиқот муайян гардид, ки имиҷи давлат аз фаъолияти воқеии он, аз ҷумла сатҳи адолати иҷтимоӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва дастгирии иқтисодии аҳолӣ сарчашма мегирад. Бо назардошти ин масъала гуфтан мумкин аст, ки имиҷи сиёсӣ дар се сатҳ ташаккул меёбад:

1. **Маълумоти расмӣ** – тавассути қонунҳо, изҳорот ва ҳуҷҷатҳои расмӣ.
2. **Тасаввуроти умумӣ** – тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ва таассуроти оммавӣ.
3. **Маълумоти рӯзмарра** – тавассути воқеияти фаъолияти мансабдорон.

Дар чунин шароит имиҷи сиёсӣ функсияҳои зеринро иҷро менамояд: ҳувиятсозӣ (идентификатсия), идеализатсия, муқоиса, номгузорӣ, эстетикӣ ва мақсадгузорӣ. Ин вазифаҳо барои шаклдиҳии симои мусбат, дастгирии оммавӣ ва тақвияти легитимияти ҳокимият заруранд.

Як гурӯҳ олимон ба нақши қонун, озодиҳои шахсӣ ва ҳуқуқи инсон ҳамчун омилҳои бунёдии ташаккули имиҷи мусбат ишора мекунанд. Онҳо бар он назарнд, ки имиҷи сиёсии муассир на аз изҳорот, балки аз амалҳои воқеӣ ва шаффофияти идоракунӣ ташаккул меёбад. Дар баробари ин, сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ, мавқеи байналмилалии давлат, фарҳанги сиёсӣ ва сатҳи иштироки шаҳрвандон ба раванди сиёсӣ таъсиргузор мебошанд.

Тарғиби ватандӯстӣ, маорифи сиёсӣ, дастрасӣ ба иттилоот ва масъулияти институтҳои давлатӣ барои ташаккули имиҷи мусбат зарур шуморида шудаанд. Муаллиф бо овардани намунаҳои кишварҳои пешрафта, ба монанди ИМА ва Олмон, нишон медиҳад, ки муваффақияти имиҷи сиёсӣ ба фаъолиятҳои воқеии ҳукумат, иштироки шаҳрвандон ва озодии иттилоот вобаста аст. Имиҷи сиёсии институтҳои ҳокимияти давлатӣ танҳо як образи сохташуда нест, балки он натиҷаи амалҳои воқеӣ, шаффоф, боэътимод, идоракунии масъулона ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон мебошад. Барои таҳкими он муносибати ҳамоҳанг миёни ҳукумат ва ҷомеа, дастгирии ВАО ва барномаи равшани сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ зарур аст.

Ҳамин тариқ, таҳлили гузаронидашуда ба мо имкон медиҳад изҳор дорем, ки имиҷи сиёсӣ аз василаи ёрирасони муоширати интихоботӣ ба унсури низомии муттаҳидсозанда табдил ёфтааст. Маҳз бо чунин хусусият вай ба фаъолияти муассисаҳои давлатии муосир ба таври амиқ ворид шудааст. Нақши он аз маркетинги сиёсӣ хеле фаротар рафта, аҳамияти назарраси институтсионалӣ ва функсионалӣ пайдо мекунад.

Аввал ин, ки имиҷ ҳамчун манбаи стратегӣ барои таъмини легитимияти ҳокимият дар заминаи сиёсати миёнаравӣ хизмат мекунад. Он робитаи рамзӣ байни муассисаҳои расмии давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандиро таъмин мекунад ва расмиёти мураккаби институтсионалиро ба ривоятҳои фардӣ ва аз ҷиҳати эмотсионалӣ дастрас табдил медиҳад. Тавассути имиҷ шаҳрвандон салоҳияти абстрактии давлатиро дарк мекунанд. Чунин тамоюлот имиҷи сиёсиро барои нигоҳ доштани эътимод ва муттаҳидсозии иҷтимоӣ, махсусан дар давраҳои ноустувор хеле муҳим мегардонад.

Дуюм ин, ки имиҷи сиёсӣ, бахусус имиҷи шахсиятҳои калидӣ (сарвари давлат, роҳбарони шохаҳои ҳокимият), дар дохили худи ниҳодҳои давлатӣ вазифаи сафарбаркунанда ва назораткунандаро иҷро мекунад. Он ба маркази қабули қарорҳои дастгоҳи бюрократӣ табдил ёфта, роҳнамоҳои рамзӣ, фарҳанги корпоративӣ ва самтҳои фаъолияти ояндаро муқаррар мекунад. Симои роҳбар метавонад харочоти ниҳодиро ҷуброн кунад, қабули қарорҳоро

суръат бахшад ва ҳамоҳангиро байни ниҳодҳои гуногуни давлатӣ беҳтар созад.

Сеюм ин, ки дар соҳаи фаъолияти давлатӣ имиҷи ниҳодҳои гуногун (президент, парлумон, мақомоти судӣ) дар ҳолати рақобати доимӣ ва мутобиқшавии мутақобила қарор доранд ва баҳси ҷамъиятиро дар бораи самаранокии онҳо ташаккул медиҳанд. Ин рақобати рамзӣ метавонад тавозуни воқеии қудратро тақвият диҳад ва ба тақсимоти сармояи сиёсӣ ва дастгирии ҷамъиятӣ дар байни онҳо таъсир расонад.

Чорум ин, ки дар заминаи сиёсати хориҷӣ имиҷи сарвари давлат ва ниҳодҳои миллии идоракунӣ ба ҷузъи стратегии неруи нарм ва механизми пешбурди манфиатҳои давлат дар арсаи байналмилалӣ табдил меёбад. Он пешгӯишавандагӣ ва эътимодро дар кишварҳои шарик тақвият медиҳад, ба мавқеъҳои гуфтушунид таъсир мерасонад ва ба фароҳам овардани шароити мусоид барои ноил шудан ба сиёсати хориҷӣ ва ҳадафҳои иқтисодии хориҷӣ мусоидат мекунад.

Панҷум ин, ки устуворӣ ва якпорчагии имиҷи сиёсии ниҳодҳои идоракунӣ ба нишондиҳандаи устувории низоми сиёсӣ табдил ёфтааст. Осебпазирии имиҷи мусбати муқарраршудаи ниҳоди калидӣ (масалан, дар натиҷаи як моҷаро ё бӯҳрони амиқ) на танҳо ба паст шудани рейтинги шахсиятҳои мушаххас, балки ба коҳиши эътибори худи давлат, афзоиши бепарвоӣ дар ҷомеа оварда мерасонад.

# БОБИ II. ЗАРУРАТИ ТАШАККУЛИ ИМИҶИ СИЁСӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

## 2.1. Имиҷи сарвари сиёсӣ ҳамчун воситаи таъмин намудани устувории ҳокимияти давлатӣ

Ҳаёти сиёсии ҷомеа ва дарки он дар фазои муносибатҳои ҷамъиятӣ ва дар заминаи имиҷи сарвари сиёсӣ инъикос ёфта, сарчашмаи иттилоотие мебошад, ки шаҳрвандон онро дарк намуда, ҳамчун воситаи асосии тавсифи имиҷи сиёсии ҳокимияти давлатӣ эътироф менамоянд. Самаранокии раванди идоракунии давлатӣ таҷассумгари имиҷи сарвари сиёсӣ дониста мешавад. Дар навбати дигар, мафҳуми «сарвари сиёсӣ» яке аз муҳимтарин истилоҳоти раванди идоракунии давлатӣ ба шумор рафта, дар низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ нақш ва мавқеи муайянкунанда дорад. Бояд ёдовар шуд, ки гарчанде сарвари сиёсӣ ба сифати шахсияти олӣ дар системаи идоракунии давлатӣ ба шумор равад ҳам, фаъолият ва муваффақиятҳои ӯ аз имиҷи сиёсии он вобастагии зиёд дорад.

Зеро заминаи эътирофи ҳокимияти амалкунанда дар асоси эътирофи имиҷи сиёсии сарвари сиёсӣ аз ҷониби ҷомеа сурат мегирад. Барои он, ки масъалаи мазкур хубтару беҳтар фаҳмида шавад, моро зарур аст, ки пеш аз ҳама, ба омӯзиши он дар доираи илмҳои гуманитарӣ муроҷиат намоем. Яъне, сараввал муайян намудан зарур аст, ки мақом ва нақши имиҷи сарвари сиёсӣ дар раванди легитимикунонии ҳокимияти давлатӣ чӣ гуна тавсиф мешавад ва чӣ тавр роҳҳои инкишофи имиҷи сарвари сиёсиро муайян месозанд. Дар доираи илми психология маълумотеро, ки боиси рушди имиҷи сиёсии сарвари сиёсӣ мегарданд, ба ду қисм ҷудо менамоянд: қисми якум, иттилооте, ки коркарди он душвор аст ва ҳамчун меъёри санҷишии имиҷи сиёсии сарвари сиёсӣ аллакай ташаккул ёфтааст.

Қисми дуюми маълумот бар он асос меёбад, ки тибқи дидгоҳи мазкур имиҷи сиёсии сарвари сиёсиро ниҳодҳои сиёсӣ ва васоити ахбори омма ташаккул медиҳанд. Дар доираи қисми якум метавон хислатҳои сарвари сиёсӣ,

муносибат, рафтор, фаъолият ва хусусияти харизматикии ӯро ёдовар шуд. Ҳамаи онҳо ҳамчун омили иҷтимоию психологӣ аллакай тавассути таъсири омилҳои биологӣ ташаккул ёфтаанд. Қисми дуюми муносибат бошад, фаъолияти ниҳодҳои сиёсӣ ва ВАО дар доираи ташвиқу тарғиби мақоми сарвари сиёсӣ дар идоракунии давлатиро фаро гирифта, сарварро ба сифати шахсияти олии раванди идоракунии давлатӣ муаррифӣ менамояд ва муносибати мусбати мардумро нисбати сарвари сиёсӣ инкишоф медиҳад. Раванди ташаккули имиҷи сарвари сиёсӣ хусусиятҳои хосси худро дорад.

Хусусияти муҳимтарин он аст, ки мукотибаи сарвари сиёсӣ ва пайравони ӯ дар саросари кишвар ва ё минтақаҳои алоҳида баъзан мустақиман сурат мегиранд. Инчунин, омили муайянкунанда барои сарвари сиёсӣ ин иртиботи миёнаравӣ мебошад ва ин маънои онро дорад, ки ҳамкорӣ на танҳо бо кумаки расонаҳои мухталиф сурат мегирад, балки дар байни онҳо чун як унсури фосилавӣ имиҷи сарвари сиёсӣ пайдо мешавад. Ҳар як сарвари сиёсӣ, чун қоида, мекӯшад, ки имиҷи сиёсии мусбати худро дар раванди муносибатҳои ҷамъиятӣ инкишоф диҳад, зеро яке аз хусусиятҳои муҳимми ин раванд дар он аст, ки ҳар як шахс дар ҳаёти худ кӯшиш менамояд омилҳои номуайянеро, ки бо нобоварии оянда алоқаманд мебошанд, бартараф созад. Аммо имиҷи сиёсии мусбати сарвари сиёсӣ бартарии рақобати ӯ хоҳад буд.

Ташаккул ва инкишофи имиҷи сиёсии сарвари сиёсиро метавон тавассути омилҳои зерин муайян намуд: хусусиятҳои шахсии роҳбар, ки ин доираи муносибат хусусиятҳои ҷисмонӣ, психофизиологӣ, хислат, намуди шахсияти сарвари сиёсӣ, усулҳои тасмимгирии фардиро дар бар мегирад; таснифи иҷтимоӣ мақоми сарвари сиёсиро на танҳо вобаста ба вазъи марбут ба вазифаи расмиаш дар бар мегирад, инчунин амнияти моддӣ, ҷиҳати пайдоиши муносибати сарвари сиёсӣ бо гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ ва шахсоне, ки манфиатҳои онҳоро намояндагӣ мекунанд, инчунин муносибати сарварро бо рақибони сиёсиаш низ дар бар мегирад; хусусиятҳои рамзие, ки имиҷи сарвари сиёсиро ба таври рамзӣ дар доираи мафкураи муайян ваояндаи имконпазири амалу рафтори ӯ дар самти мушаххас фароҳам меоварад.

Омилҳои дар боло номбаргардида барои ташаккули ҳокимияти сарвари сиёсӣ аҳамияти махсус доранд. Хусусиятҳои сарвари сиёсӣ гуногунранг мебошанд ва тағйир додани бисёре аз онҳо қариб ки ғайриимкон аст. Дар доираи муносибатҳои сиёсию ҷамъиятӣ байни сарвари сиёсӣ ва пайравони он, ки ин гуна иртибот ғайримустақим, яъне тавассути ВАО амалӣ мешавад, аксари сифатҳои шахсии сарвари сиёсӣ ба пайравони ӯ номаълум боқӣ мемонанд. Дигар раванди муносибат, ки барои имиҷи сарвари сиёсӣ нақши муайянкунанда мебозад ва сарвари сиёсиро дар назди дигарон бебаҳо мекунаду барои таъсири самаранок шароит фароҳам меорад, ин муносибати мустақими сарвари сиёсӣ бо мардум мебошад.

Масалан, Гюстав Лебон ин навъи муносибатро «дилрабоӣ», Макс Вебер бошад, харизма номидааст, ки барои рушди имиҷи сарвари сиёсӣ шароити мусоид фароҳам меоварад. Ҳамзамон, омили дигари инкишофи имиҷи сарвари сиёсӣ ба хусусиятҳои иҷтимоие вобаста мебошад, ки ба вазъи сиёсии кунунӣ алоқаманд аст ва сарвари сиёсӣ бояд ба онҳо мувофиқат кунад. Сарвари сиёсӣ ба гурӯҳҳои иҷтимоии муайян таваҷҷуҳ намуда, кӯшиш менамояд, ки шумораи зиёди аҳолиро дастгирӣ намояд. Сарвари сиёсӣ бояд эҳтиёҷоти мардумро вобаста ба мавқеи иҷтимоию демографӣ, манфиатҳои сиёсӣ ва идеологии кишвар дарк намояд ва дар ин ҳолат эҷоди имиҷи сарвари сиёсӣ ба ҳавасманднамоии ассотсиатсияҳои иҷтимоии ҷомеа вобаста мегардад, то пайравони худро мутмаин созад, ки сарвари сиёсӣ орзую умедҳо ва эҳтиёҷоти мардумро дар ҷомеа кафолат медиҳад.

Хусусиятҳои иҷтимоиро метавон як қисми ҳаракаткунандаи имиҷи сарвари сиёсӣ номид, зеро бо талаботи воқеият зич алоқаманд буда, вобаста ба рушди вазъият дар самтҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ навсозӣ меорад. Чунин ҳолат баёнгари хусусияти легитимияти ҳокимияти давлатӣ ба шумор меравад. Имиҷи сарвари сиёсӣ, ташаккул ва инкишофи он дар шароити идоракунии демократӣ барои рушди институти интихоботи умумии озод хеле муҳим аст. Махсусан, тақдири идоракунии давлатӣ ва ҳокимияти давлатӣ ба он вобаста буда, фаъолияти сарвари сиёсӣ, ки имиҷи сиёсии ӯро бунёд менамояд ва аз

ҷониби ҷомеа чӣ гуна қабул карда мешавад, масъалаи рӯз аст. Ҳамзамон, мақоми мардум дар раванди идоракунии давлатӣ, таъсиси ҳокимияти сиёсӣ дар заминаи овози интихобкунандагон ва эътирофи он аз ҷониби неруҳои сиёсӣ баёнгари легитимикунонии ҳокимияти сиёсӣ ба шумор меравад.

Дар ин раванд воқеист, ки мушкилии эҷоди имиҷи сиёсии сарвари сиёсӣ вобаста ба вазъи кунунии идоракунии сиёсӣ, нақш ва мақоми қонунҳо дар идоракунии давлатӣ ва дигар унсурҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ дар асоси ҳолати воқеии рушду инкишофи самтҳои гуногуни ҷомеа бартараф мегардад. Имиҷи сиёсии сарвари сиёсӣ дар шуури аҳолӣ мақоми худро пайдо намуда, эътироф мегардад ва ҳамзамон сарвари сиёсӣ дарк менамояд, ки қаҳрамони асосии идоракунии давлатӣ маҳз ӯ мебошад ва тамоми мушкилиҳои ҷойдоштаро бартараф менамояд [103].

Барои сарвари сиёсӣ эҷоди имиҷи сиёсии ӯ афзалияти зиёд дорад. Технология ва механизмҳои ташаккули имиҷи сиёсии сарвари сиёсӣ бояд ба таври мунтазам истифода шаванд. Аз ҷумла, намуди зоҳирӣ, суханронӣ, хусусиятҳои ғайриодӣ, амалҳо ва намоишҳои он пайваста ба мардум пешниҳод гарданд. Махсусан, дар раванди ташаккули имиҷи сиёсии мароқангези сарвари сиёсӣ сифатҳои шахсии ӯ нақши аввалиндараҷа мебозанд. Аз ин рӯ, «сарвар бояд як қатор хислатҳои шахсиро соҳиб бошад (омодагии касбӣ, иродаи қавӣ, серталабӣ, қобилияти суханварӣ, ҷаҳонбинии васеъ, таҷрибаи зиёд, қобилияти барқарор намудани иртибот бо дигарон, дурусткорӣ, савияи баланди дониш ва ғ.)» [29, с.226].

Бояд қайд намуд, ки имиҷи сиёсии сарвари сиёсӣ яке аз ҷузъҳои асосии сиёсати давлатӣ ва воситаи муҳимми баланд бардоштани легитимияти ҳокимияти сиёсӣ дониста мешавад. Одатан, имиҷи сиёсии сарвари сиёсӣ ҳамчун натиҷаи коркарди объекти мураккаб на танҳо аз ҷониби созандаи имиҷи сиёсӣ пешниҳод мешавад, балки дар доираи муносибатҳо дарк шудану инъикос гардидани он дар шуури ҷомеа низ ҳамин навъи муносибатро бунёд мекунад [34].

Эътирофи имиҷи сиёсии давлат дар арсаи байналмилалӣ ва фазои дохилӣ устувории имиҷи сиёсии сарвари сиёсиро талаб менамояд. Махсусан, нисбат ба давлат пешниҳоди ҳар навъ муносибатҳое, ки кишварро ба қафо мекашад ва ба манбаи ашёи хом табдил медиҳад, боиси ноустувории муносибатҳои ҷомеа гардида, раванди легитимияти ҳокимияти сиёсиро истисно мекунад. Бояд қайд намуд, ки заминаи асосии имиҷи сиёсии сарвари сиёсӣ аз дигаргуншавии сатҳи легитимияти ҳокимияти сиёсӣ вобаста мебошад. Инчунин, вобастагиҳои бисёрҷабҳа низ вуҷуд доранд, ки боиси эътирофи имиҷи сиёсии сарвари сиёсӣ мегарданд. Махсусан, дар ҷомеаи муосири иттилоотӣ, ки дониш ва иттилоот ба сифати захираҳои афзалиятноки неруи ҳокимият дониста мешаванд, коммуникатсияи сиёсӣ, шаклҳо, воситаҳо ва мундариҷаи он дар системаи воситаҳо ва механизмҳои қонунигардонии ҳокимияти сиёсӣ, дар системаи унсурҳои ташаккули имиҷи сиёсии сарвари сиёсӣ ба вуҷуд меоянд, ки афзалияти имиҷи сиёсии сарвари сиёсиро дар идоракунии давлатӣ нишон медиҳанд [98].

Роҳҳои ташаккули имиҷи сарвари сиёсӣ, ки воситаи асосии раванди легитимикунонии ҳокимияти давлатӣ дониста мешаванд, гуногун мебошанд. Яке аз роҳҳои муҳим асосҳои психологии ташаккули имиҷи сарвари сиёсӣ ба шумор рафта, дар ин доираи муносибат имиҷи сиёсии сарвари сиёсӣ образест, ки дар назари гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ махсус ташаккул ёфтааст. Масалан, ба ақидаи М.В. Гундарин, «имиҷи сиёсии саравари сиёсӣ худ ба худ ташаккул наёфта, он дар натиҷаи муносибати мутақобила бо ҷомеа дар асоси арзишҳо ва донишҳо нисбати он пайдо мегардад. Барои оне, ки имиҷи сиёсии сарвари сиёсӣ дар раванди муносибатҳо ба ҷомеа таъсири муассир дошта бошад, бояд ба шуури ҷомеа таъсир расонида, дар он ҷой дода шавад. Зеро принсипҳои тарроҳии имиҷи сиёсӣ бо истифодаи донишҳои иҷтимоӣ-психологӣ дар бораи табиати он асос ёфта, идеяҳоро дар бораи муносибати коллективӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва инчунин дар бораи объекти сиёсӣ муайян мекунад» [12, с.58].

Иттилоот дар бораи сарвари сиёсӣ тавассути механизмҳои дарки пайравони он амалӣ гардида, дар ташаккули имиҷи сиёсии сиёсатмадории он таъсир мегузорад. Иттилооти мазкур тасвири воқеияти мавҷударо нисбат ба имиҷи сарвари сиёсӣ муаррифӣ намуда, бо гузоштани объекти мушаххас ба системаи арзишҳои муайян муқаррар мешавад. Инсоният тағйироти имконпазиреро пешгӯӣ мекунад, ки барои ӯ муҳиманд. Масалан, интихобкунанда дар раванди ташвиқу тарғиби маъракаи интихоботӣ метавонад дарк намояд, ки қудрати сиёсӣ ва тавоноии нокифояи субъекти маъракаи интихоботӣ наметавонад мушкилотеро, ки барои ӯ муҳиманд, ҳал намояд. Аммо дар оянда ба фикри интихобкунандагон вобаста ба қабул, дарк ва таъсири имиҷи сиёсии ҳамин сиёсатмадор он метавонад мушкилоти онҳоро ҳал намояд. Фаъолияти сиёсии омма, пеш аз ҳама, ба мақом ва арзиши имиҷи сиёсии сарвари сиёсӣ муайян карда мешавад. Дастрасӣ ба иттилоот аз ҷониби омма дар бораи имиҷи сиёсии сарвари сиёсӣ муносибати онҳоро тавсиф ва коркард менамояд, ки он ба ташаккули арзиши имиҷи сиёсии сарвари сиёсӣ мусоидат намуда, ба фаъолияти сиёсии омма таъсир мерасонад. Таъсир расонидан ба афкори омма дар асоси донишҳо тӯлонитар ва устувортар мебошад. Дар доираи муносибатҳои омма ва сарвари сиёсӣ иттилоот ҷузъи муҳимтарини ин муносибатро ташкил менамояд ва тасвири эҳсосотӣ бошад, нисбати симои сарвари сиёсӣ ҳамчун тасвири ояндаи зарурӣ нақши ҳавасмандкунии оммаро дар идоракунии сиёсӣ иҷро менамояд. Аз ин рӯ, тасвири имиҷи сарвари сиёсӣ муносибати оммаро нисбати он муайян менамояд ва воситаи эътирофи ҳокимияти сиёсӣ гардида, заминаи легитимияти он мешавад.

Омилҳо ва усулҳои ташаккули имиҷи сарвари сиёсӣ, ки инкишофи имиҷи сиёсии самарабахши ӯро дар шароити муносибатҳои муосир бо ҷомеа муайян мекунад, бояд принсипи тамомияти имиҷи сиёсии додашударо ба анҷом расонад ва принсипи тасмимгирии онро муайян намояд. Дар ин раванд ҳама маводи таблиғотӣ, муаррифӣ ва баромадҳо бояд оммаро ба худи ҳамон маҷмуи хусусиятҳои психологӣ равона намоянд, ки як навъи имиҷи сиёсии

сарвари сиёсиро пешниҳод созад. Ба ақидаи М.Е. Кошелюк, «принсипи таснифот дар раванди баровардасозии муносибати ҷомеа нисбат ба имиҷи сарвари сиёсӣ маънои онро дорад, ки имиҷи сарвари сиёсӣ бояд дар доираи тасаввуротҳо ҷомеаро ҳавасманд намояд, гарчанде ки ҳиссаи тасаввурот ҳамеша аз ҷониби эҷодкунандагони имиҷи сиёсӣ танзим карда мешавад, то ин ки дар раванди амалисозии муносибатҳо ҳамчун фазои муносибатҳои муайяншуда боқӣ монад ва вазифаҳои амалии дақиқро иҷро созад» [26, с.128].

Бояд қайд намуд, ки дар ин доираи муносибатҳои ҷамъиятӣ имиҷи сиёсии сарвари сиёсӣ дар асоси ду омил ташаккул меёбад: интизории муҳити иҷтимоӣ аз сарвари сиёсӣ ва хусусиятҳои шахсии худи сарвари сиёсӣ. Дар ин раванд бояд хусусиятҳои вақт, фазо, макон ва мушкилоти мавҷудаи омма ба инобат гирифта шаванд. Аз ин рӯ, яке аз масъалаҳои муҳимми ташаккули имиҷи сарвари сиёсӣ ин асосҳои бунёдии имиҷи сиёсии ӯ буда, бояд ба ҷомеа ба таври ҷолиб пешниҳод гарданд ва ин раванд дар навбати дигар усули муаррифии худи сарвари сиёсӣ ба ҷомеа мегардад, ки устувории муносибати ҷомеаро бо сарвари сиёсӣ инъикос намуда, иштироки онҳоро дар фаъолияти сиёсӣ таъмин менамояд. Иштироки омма дар асоси таъсиррасонии имиҷи сарвари сиёсӣ маънои қабули он аз ҷониби омма буда, раванди легитимияти ҳокимияти сиёсиро дар фазои дохили давлат ва хориҷии он нишон медиҳад. Сохтори имиҷи сиёсӣ ҳам хусусиятҳои воқеии сарвари сиёсӣ ва ҳам хислатҳои ба ӯ хосро дар бар мегирад.

Таъсири имиҷи сиёсӣ ба таври дақиқ аз қобилияти ба вуҷуд овардани ин гуна таснифот муайн карда мешавад. Бахусус, сарвари сиёсӣ шахсияти олии идораи давлатӣ буда, дар раванди муносибатҳои ҷамъиятӣ ба мақоми он ҳамчун субъекти олии идораи давлатӣ муносибат рабт дода мешавад. Аз ин хотир, имиҷи сарвари сиёсӣ бояд хусусиятҳои шахсии ӯро ифода намояд. Ҳамзамон, ба имиҷи сарвари сиёсӣ қудрати ҷалби пешгӯӣ дода шавад ва он набояд сода ва ҳамвор бошад. Он бояд ҳамчун як навъи таҷассумкунандаи қувваи олии идораи далатӣ зоҳир гардад. Аз тарафи дигар, имиҷи сарвари сиёсӣ, ки ҳокимияти он дар раванди амалигардонии сиёсати давлатӣ мебошад,

бояд дурнамои назоратшавандигиро соҳиб бошад. Зеро дар рушду инкишофи давлатӣ аз ҳокимияти сиёсии амалкунанда вобаста буда, нақши муҳим ба сарвари сиёсӣ дода мешавад. Хосияти муайянкунандагӣ ба дурнамои назоратшавандагии имиҷи сиёсӣ дар он ҳолат дода мешавад, ки ҳадди ақал шабеҳи берунӣ нисбат ба мундариҷаи пешниҳодшуда монанд бошад [26] .

Роҳҳои дигари ташаккули имиҷи сарвари сиёсиро метавон ба арзишҳои идеологии он вобаста намуд. Дар соҳаи фаъолияти сиёсӣ сарвари сиёсӣ тавассути арзишҳои идеологии он муайян мешавад. Ба сифати заминаи чунин муносибат метавон ақидаи муҳаққиқ Г.Г. Почепсовро пешниҳод намоем. Ба андешаи ӯ, «дар шароити имрӯза сарварони сиёсии муваффақтарин онҳое дониста мешаванд, ки воқеан идеяҳои паҳнкардаашон барои рушди устувори ҷомеа ва идораи давлатӣ аз ҷониби омма ҳамчун асосҳои идеологӣ дар фаъолият эътироф мешаванд. Аксарияти пайравон на ба шахсият, балки ба шахсе, ки идеяҳои тавонои онҳоро инъикос мекунад, тобеъ мегарданд» [37, с.278].

Дар шуури омма як навъ муносибати махсус ба сарвари сиёсӣ нуҳуфта аст, ки он метавонад ба сифати шахсияти олии идоракунанда мушкилии онҳоро бартарф намояд ва барои инкишофи минбаъдаи онҳо шароити мусоид фароҳам намояд. Аз ин рӯ, сарвари сиёсӣ, пеш аз ҳама, бояд ба ҳайси як шахсияти фаъол ва бунёдкор ташаккул ёбад, зеро ҷомеа аз ӯ умедҳои зиёдро интизор аст. Ҳамин тавр, сарвари сиёсӣ бояд ба шахсоне, ки роҳбарии ӯро эътироф мекунанд, муносибати боадолатона ва ғамхорона дошта бошад ва тамоми монеаҳоеро, ки боиси боздоштани рушду инкишофи ҷомеа мегарданд, паси сар намояд. Зеро хусусияти муҳимми сарвари сиёсӣ масъулиятнокӣ ва кордонии ӯ мебошад. Ғайр аз ин, эътибори сарвари сиёсӣ ба таври ғайримустақим аз нуфузи иттифоқчиёни ӯ вобаста аст.

Илова бар ин, сарвари сиёсӣ барои ташаккули имиҷи сиёсии худ пайваста ва мустақим бо ҷомеа дар иртибот бояд бошад ва шахсияти худро баробари шахсияти одамони дигар нишон диҳад, зеро яке аз механизмҳои асосии психологии таъсири шахсии сарвари сиёсӣ шахсияти ӯ дониста

мешавад. Ин раванд боиси эътирофи ҳокимияти амалкунанда аз ҷониби ҷомеа буда, муносибатҳои мутақобилаи ҷомеа ва институтҳои ҳокимияти сиёсиро инкишоф медиҳад ва боиси касби летимияти ҳокимият мегардад. Бояд зикр кард, ки асосии самаранокии идораи давлат дар доираи муносибатҳои амалӣ бо дастгирии омма амалӣ гардида, боиси рушди соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ мешавад.

Дигар доираи муносибате, ки нақш ва мавқеи муайянро дар ташаккул ва инкишофи имиҷи сарвари сиёсӣ иҷро менамояду боиси болоравии легитимияти ҳокимияти сиёсӣ мешавад, ин на сухан ва либосҳои сарвари сиёсӣ, балки амалҳои сиёсии ӯ ба ҳисоб мераванд. Маҳз амалҳои сиёсии сарвари сиёсӣ асоси имиҷи сиёсии офаридашударо ба таври возеҳ нишон медиҳанд. Дар ин асно яке аз роҳҳои асосии эҷоди имиҷи сиёсии сарвари сиёсӣ ин «иҷроиш» мебошад. Танҳо бо роҳи мунтазам иштирок кардан ва муҳимтар аз ҳама, бо ташкили намоишҳо ва муносибатҳои мустақим бо ҷомеа дар асоси мушкилиҳо ва бурдбориҳо дар идораи давлатӣ сарвари сиёсӣ имиҷи сиёсии худро ба омма муаррифӣ менамояд ва метавонад дар муддати кӯтоҳ имиҷи сиёсии зарурии худро пайдо намояд. Махсусан, пахши мустақими вохӯрии сарвари сиёсӣ бо ниҳодҳои давлатӣ дар асоси манфиатҳои мардум ва мушкилиҳои раванди идораи давлатӣ тавассути ВАО метавонад имиҷи сиёсии мусбати сарвари сиёсиро ташаккул диҳад ва ҷомеа онро ба сифати шахсияти олӣ дар идораи давлат эътироф намояд, ӯро ҳамчун баёнгари манфиатҳои худ муаррифӣ созанд, ки ин боиси рушди бемайлони мақоми ҳокимияти амалкунанда дар доираи муносибатҳои ҷамъиятӣ гардида, эътирофи ҳокимияти сиёсӣ ва дастгирии он аз ҷониби ҷомеаро меафзояд [128, с.112].

Эътирофи имиҷи сиёсии сарвари сиёсӣ аз ҷониби омма ва дарку қабули он самаранокии идораи давлатӣ ва легитимияти ҳокимияти сиёсиро баён менамояд, зеро дастгирии идораи давлатӣ аз ҷониби ҷомеа баёнгари эътирофи сарвари сиёсӣ буда, боиси татбиқи саривақтии қарорҳо ва қонунҳои қабулгардида мешавад ва барои сарвари сиёсӣ шароити мусоиди идоракуниро фароҳам меоварад. Дар доираи чунин муносибат муҳаққиқи рус Кошелюк

М.Е. чунин андешаронӣ менамояд: «Ба хотири эътирофи имиҷи сарвари сиёсӣ он дар асоси муносибатҳои воқеӣ, ҳолати инкишоф ва талоботи омма бояд пешниҳод гардад, то сарвари сиёсиро ба сифати қаҳрамони афсонавӣ, мушфиқу меҳрубон ва ҳимоякунандаи манфиатҳои миллӣ нишон дода тавонад». Ҳамчун намуна метавон барномаи пешазинтихоботии Ҷимм Картер – президенти ИМА-ро пешниҳод намоем, ки чунин изҳор дошта буд: «Ман деҳқон ҳастам. Ман пули зиёд надорам ва ҳамаи дороиҳои худро аз мардум қарз мегирам» [26, с.75].

Яке аз стратегияҳои самараноки ташаккули имиҷи сиёсии сарвари сиёсӣ ба даст овардани эътимоднокии омма маҳсуб меёбад. Дар ин фазои муносибат нишон дода мешавад, ки сарвари сиёсӣ ба онҳо монанд аст, вай нисбат ба мушкилоти онҳо нигаронӣ дорад ва ӯ яке аз онҳо мебошад. Дар ниҳоят, барои ҳадафи мустақими фаъолияти сиёсӣ мардум бояд донанд, ки сарвари сиёсӣ мушкилотро мебинад ва мехоҳад, ки ба онҳо сарукор дошта бошад ва масъулиятро барои вазъи кор дар кишвару ҳукумат ба дӯш мегирад. Гирифтани масъулият ҳамчун асоси фаъолият аз ҷониби сарвари сиёсӣ барои ҷомеа як маънии муҳимми психологӣ дорад, ки сарвари сиёсӣ барои ҷомеа бо сабабҳои ғайримуқаррарӣ адолат ва оқилӣ меорад.

Ҳамин тариқ, ҷомеа итминон пайдо мекунад, ки давлат дар фазои муносиби идоракунӣ идора мешавад ва ҳаёт мунтазам тағйир меёбад. Иҷрои вазифаҳои сарвари сиёсӣ аз маҷмуи сифатҳое вобаста аст, ки имиҷи сиёсии онро ташкил медиҳад. Имиҷи сиёсии сарвари сиёсиро метавон гуфт, ки тасаввуроти он буда, ташаккули стихиявӣ ва мақсадноки он дар тафаккури ҷамъиятӣ, дар дохили кишвар ва берун аз он таъсири сиёсӣ ва эҳсосию равонӣ дорад. Имиҷи сарвари сиёсӣ, пеш аз ҳама, дар асоси муайяннамоии самаранокии идораи давлатӣ аз ҷониби ҷомеа дарк гардида, вай ҳамеша ба хаёлот алоқаманд аст. Имиҷи сарвари сиёсӣ муносибати воқеии иҷтимоию психологиро ба вуҷуд меорад ва рафтори одамонро нисбат ба он муайян менамояд. Дар ҳаёти сиёсии муосир дар ташаккул ва инкишофи имиҷи сарвари

сиёсӣ на танҳо таҳиякунандагони он нақши муҳим доранд, инчунин ВАО низ саҳми калон дорад, зеро таваҷҷуҳи ҷомеаро ба он ҷалб менамоянд.

Аммо аксар вақт ҷомеа на ба таассуроти шахсии мустақими он ва ё дар бораи сарвари сиёсӣ суҳбат мекунад, балки бо овозаҳое, ки дар бораи сарвари сиёсӣ ба вуҷуд омадааст ва омма дорои нуқтаи муайяни онро соҳиб аст, муносибат менамояд. Ҳамин тавр, имиҷи сиёсии сарвари сиёсӣ дар натиҷаи муоширати байни ҷомеа ва ӯ пайдо мешавад. Таҳияи стратегияи «мақом» нисбати сарвари сиёсӣ ва муайян намудани омилҳои асосие, ки таъсирбахшии имиҷи сарвари сиёсиро муайян мекунад ва воситаи таъсиррасонии он дониста мешавад, ба хотири эътирофи сарвари сиёсӣ аз ҷониби омма масъалаи рӯз аст. Пеш аз ҳама, сарвари сиёсӣ бояд вазифаи баҳодиҳиро дар доираи вазъияти бавуҷудомада дар асоси манфиатҳои миллӣ иҷро карда тавонад, зеро имиҷи сарвари сиёсӣ дар раванди муносибатҳо барои омма ҳамчун системаи арзишҳо муайян мешавад, ки он метавонад тамоми мушкилиҳо ва камбудиҳоро баратаф намояд. Махсусан, дар ҳолатҳои душвор ё бухронӣ бо ҷомеа буда тавонад ва оммаро аз изтироб, тарсу ҳарос берун оварад ва имкониятҳо барои бартарафсозии мушкилии дохилиро таъмин намояд, ки ҳалли мушкилии мавҷуда дар имиҷи савари сиёсӣ аз ҷониби ҷомеа пешбинӣ шудааст [88].

Раванди ташаккули имиҷи сарвари сиёсӣ яке аз масъалаҳои асосии тасдиқи легитимияти ҳокимияти сиёсӣ дониста шуда, ҳамеша як масъалаи мураккаб ва баҳснок боқӣ мемонад. Соҳаҳои фаъолияти иттилоотии сарвари сиёсӣ ба сифати шахсияти пешбар одатан бо дарназардошти омилҳои таъсиррасонии рӯйдодҳои ҷаҳонӣ ва ҷомеа, технологияи нав ва тамоюлҳои рушди сиёсию иқтисодӣ бояд ислоҳ ва тасҳеҳ карда шаванд. Ҳар як сарвари сиёсӣ падидаи гурӯҳӣ дониста мешавад ва дар асоси боварии умумиятҳои иҷтимоӣ соҳиби ҳокимияти сиёсӣ гардида, дастгирии ӯ асоси эҷоди майдони зарурии иттилоот ва барқарор кардани алоқаю иртибот бо ҷомеа мебошад. Роҳҳои самараноки ташаккули имиҷи сарвари сиёсӣ ҳамчун омили легитимияти ҳокимияти сиёсӣ ҳоло ҳам инкишоф дода шуда истодаанд.

Имиҷи сарвари сиёсӣ тағйир меёбад ва ҳар як кишвар одатан имиҷи сарвари сиёсии худро солим ва идеалӣ нишон медиҳад.

Яъне, сатҳу сифати легитимияти ҳокимият сарчашмаи асосии имиҷи сарвари сиёсӣ маҳсуб меёбад. Бо ташкили интихоботи умумӣ ва эҷоди қонунҳо ҳукумати нав қонунӣ мешавад ва легитимияти ҳокимияти давлатӣ тасдиқ мегардад. Дар доираи муносибатҳои ворисӣ, ки ба устувории анъанаҳои ҷомеа асос меёбад, легитимияти ҳокимият таъмин мешавад. Дар шароити муосир раванди устуворгардонии легитимияти ҳокимият дар Конститутсияҳои давлатҳо нишон дода шуда, он бо амалҳои сарвари сиёсӣ тақвият меёбад. Хусусияти асосии муносибати сарвари сиёсӣ бо шаҳрвандон баёнгари муносибати ҳокимияти амалкунанда ба онҳо мебошад, ки таъсири иҷтимоии онро ба ҷомеа ифода мекунад. Ҳар гуна таъсиррасоние, ки ба хотири идораи ҷомеа аз ҷониби сарвари сиёсӣ пешниҳод мешавад, дар доираи қонун ва санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ба амал бароварда мешавад ва ё аз ҷониби ҷомеа ба хотири рушду инкишофи минбаъда дастгирӣ меёбад. Асоси ташаккули имиҷи сиёсии сарвари сиёсӣ дар раванди идораи давлат ва баланд гардидани легитимияти ҳокимияти сиёсӣ ифода меёбад [54].

Дар шароити кунунии рушди давлатдорӣ зарурати дигаргунсозии ҳамаҷониба ба назар мерасад, махсусан рушди демократия, таъсиси бозори мутамаддин, волоияти қонун ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ масъалаҳои асосии инкишоф ва муайянкунандаи легитимияти ҳокимияти сиёсӣ ба ҳисоб мераванд. Шарти фаъолияти босифати ҳокимияти давлатӣ, ки муваффақияти ислоҳот аз он вобаста аст, эътироф ва дастгирии он аз ҷониби омма легитимияти онро таъмин менамояд. Дар ин ҳолат легитимият бояд ҳамчун як хусусияти ҳамаҷонибаи маънавӣ ва ҳуқуқии ҳокимияти давлатӣ баррасӣ карда шавад, зеро ҷанбаҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқиро дар бар мегирад.

Ба андешаи муҳаққиқи илмҳои сиёсӣ Шабо Ж.Л. «раванди амалинамоии легитимияти ҳокимияти давлатӣ дар шароити имрӯза ва ислоҳоти муассир бидуни дарки хусусиятҳои фаъолияти механизми қонунигардонии ҳокимияти давлатӣ ғайриимкон аст. Гузашта аз ин, механизми қонунигардонӣ дар

шароити ташаккули волоияти қонун, бешубҳа дар заминаи мутобиқати қонун бо принсипҳои бунёди давлати ҳуқуқӣ, принсипи конститутсионализм ва талаботи қонунияти конститутсионӣ дақиқ карда мешавад» [101, с.79].

Раванди амалишавии ин муносибатҳо аз иродаи сарвари сиёсӣ вобаста буда, боиси ташаккули имиҷи сиёсии ӯ мегардад ва ҳамзамон сабаби эътироф гардидани ҳукумати амалкунанда аз ҷониба ҷомеа гардида, бо ин роҳ легитимияти ҳокимияти давлатӣ таъмин карда мешавад. Масалан, ба андешаи муҳаққиқи рус Соколов А.В., «дар ҳолатҳои бесуботии сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ арзишҳои эълоншудаи хусусияти либералию демократидошта, ки дар асоси маҷмуи кафолатҳои муассир пуштибонӣ намешаванд, маъруфияти худро аз даст медиҳанд, ки ин, дар навбати худ, ба болоравии тамоюли кам шудани эътимод ба ҳокимияти давлатӣ ва муассисаҳое, ки онро намояндагӣ мекунанд, сабабгор мешавад» [128, с.123-124]. Дар ҳолатҳои буҳронӣ ҷомеа новобаста аз майлу хоҳиш ба шахсияте умед мебандад, ки ҳокимиятро соҳиб гардида, мушкилиро бартараф намояд. Аз ин хотир, ташаккули имиҷи сарвари сиёсӣ дар ин доираи муносибат баёнгари асосии идораи давлатӣ, устувории ҷомеа ва легитимияти ҳокимияти давлатӣ дониста мешавад, ки ин вобаста аст ба фаъолияти амалии ӯ ва таъмини ҳолати инкишофи давлату соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ. Барои бартараф намудани нобоварии мардум аз ҳокимият сарвари сиёсӣ объективона бояд муносибат намояд, зеро ин омил боиси эътирофи имиҷи сиёсии ӯ дар идораи давлат гардида, легитимияти ҳокимияти сиёсиро тақвият медиҳад.

Раванди амалии муносибатҳои идораи давлатӣ аз фаъолияти ҳукумат вобастагӣ дошта, ба сифати сарвари ҳукумат сарвари сиёсӣ шинохта мешавад. Махсусан, кафолати чунин муносибат ба Конститутсияи давлатҳо алоқаманд буда, асоси самараи идораи давлат ва интизории мардум барои шароити мусоиди зиндагӣ ба ӯ рабт дода шуда, дар як вақт ба сифати сарвари давлат ва ҳокимити сиёсӣ шинохта мешавад. Пешниҳоди чунин муносибатро метавон раванди татбиқшавии қонунҳо, эътироф ва эҳтироми ҳуқуқу озодии инсон, ҳимояи истиқлолияти миллӣ, тамомияти арзӣ, пойдории институтҳои

давлатию устувории ҷомеа, ҳимояи манфиатҳои миллӣ номид. Зеро асоси муносибати шахс ва ҷомеа манфиат ва талабот буда, пайваста аз сарвари сиёсӣ шароити беҳтарро талаб менамояд. Ҳамин тариқ, имиҷи сарвари сиёсӣ воситаи асосии легитимикунонии ҳокимият ва устувории муносибати мутақобилаи институтҳои давлатӣ ва ҷомеа буда, дар раванди идоракунии давлатӣ дорои нақш ва мавқеи муайян мебошад.

Самаранокӣ хусусияти муҳимми ҳокимияти сиёсӣ ба ҳисоб рафта, муайянсозии он татбиқи кафолатнокии фармоишҳои ҳокимиятро ба арзиши камтарин имконпазир мегардонад, ки ин далели легитимияти ҳокимият аст. Вале тавассути қонунгузорӣ расмӣ гардонидани ҳокимият маънои онро надорад, ки онро шахсони алоҳида аллакай эътироф намудаанд, зеро самаранокии ҳокимият бештар аз легитимӣ будани он вобаста аст. Қонунгузорӣ муносибати расмии таърихан муқарраршуда ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ қобили қабул аст, ки пайдоиши созиши сохторҳои ҳокимияти сиёсиро ҳам байни худ ва ҳам дар ҳамкорӣ бо ҷомеа муайян мекунад, ки ин роҳи қабул кардани таъсири иҷтимоӣ ва ҳуқуқии он мебошад. Сарвари сиёсӣ расман ҳокимиятро тавассути тартиби тасдиқшуда, яъне (интихобот, ворисӣ) ба даст меорад, аммо барои амалӣ гардонидани ин ҳокимият боварии ҷамъиятӣ низ лозим аст, ки он эътирофи легитимияти ҳокимият буда, амалӣ намудани ваколатҳоро пешниҳод месозад. Механизми психологии фардсозии ҳокимият дар шуури омма нисбат ба роҳбарӣ ба ягон шахси мушаххас аст. Ин шахсият барои муносибати гуногуни интихобкунандагон ба рӯйдодҳои муайяну мушаххаси худи субъекти сиёсӣ асос меёбад.

Сарвари сиёсӣ муаррифгари ғояҳои маъмул, самти муайяни амал, умед ба оянда, нишонаи некӣ мешавад. Сарвари сиёсӣ муносибати мушаххасро дар сиёсати давлатӣ дар асоси арзишҳои инсондӯстӣ фароҳам менамояд ва ба интихобкунандагон имкон медиҳад, ки масъулиятро дар раванди маъракаи сиёсӣ, ҷараёнҳо ва ҳодисаҳо ба дӯши худ гиранд. Пишулин Н.П. ва Соколов С.Ф. сарварии сиёсиро ба маънои васеъ ҳамчун муносибати ҷудонопазири мавзуъҳои ҳукмронӣ ва итоат, таъсир ва пайравӣ дар мавриди нигоҳ доштан

ва истифодаи ваколат дар асоси салоҳиятҳои муайяншуда тавассути қонунгузорӣ муайян мекунанд [38].

Таъсири «ҷанги сард», ислоҳот дар системаи сиёсӣ ва пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ боиси таъсисёбии давлатҳои мустақил дар минтақа гардид. Интихоби режими сиёсии демократӣ барои давлатҳои тозаистиқлол масъалаи рӯз ба ҳисоб мерафт. Дигаргунсозии куллии системаи сиёсии ҷомеа ба устувории институтҳои сиёсӣ ва фаъолияти онҳо таъсири ҷиддӣ расонид, ки ин ба мушкилии ҳокимияти сиёсӣ тааллуқ дошт. Самаранокии идораи сиёсӣ дар шароити тағйири низоми сиёсӣ ҳамоҳангсозии амалдорони сиёсиро дар масъалаи истифодаи ҳокимият талаб менамояд. Мақоми қонунӣ доштани ниҳодҳои давлатӣ эътимоди шаҳрвандонро ба сиёсате, ки онҳо пеш мебаранд, инъикос месозад. Махсусан, барои кишвари мо дар раванди таҳаввулот дар системаи сиёсӣ ташаккули легитимияти ҳокимияти сиёсӣ кори саҳл набуд, зеро вобаста ба он ки як сарвари сиёсӣ то кадом андоза метавонад бо ҷомеа як муколамаи саривақтӣ ва муассир барқарор намояд ва онҳоро ба амали сиёсии институтҳои ҳокимияти сиёсӣ бовар кунонад, кори басо мушкил маҳсуб меёфт. Асоси фаъолияти самараноки идораи давлатӣ аз муносибати мусбати ҷомеа ба ҳокимияти сиёсӣ ва қарору амалҳои он, арзишҳо ва тамоюлҳои иҷтимоӣ вобаста мебошад.

Аз ин рӯ, сарвари сиёсиро зарур буд, ки муносибати мутақобила бо оммаро барқарор намуда, эътимодро нисбати амалҳои сиёсии ҳокимияти сиёсӣ инкишоф диҳад. Муайянсозии легитимияти ҳокимияти сиёсиро метавон ба меъёрҳое, ки қонунияти режими сиёсиро инъикос менамоянд ва ҷомеа онҳоро ҷонибдорӣ мекунад, вобаста намуд, ки ба сифати арзиши эътирофшуда заминаи фаъолияти ҳокимияти сиёсиро ташкил месозад. Дар ин замина муайян намудани робитаи сабабӣ байни арзишҳо ва муносибатҳои дар шуури омма ташаккулёфта барои легитимияти ҳокимият шароит фароҳам меоварад. Сарвари сиёсӣ ҳамчун ҳимоякунандаи тартиботи муайяншуда ва кафолати таъмини арзишҳои режими сиёсӣ шинохта шуда, тасаввуротро дар бораи ҳокимият ва амалу фаъолият, ки ба идораи давлатӣ мувофиқат менамояд, ба

даст мераду муносибати оммаро нисбати идораи давлатӣ инкишоф медиҳад [116].

Раванди гузариш марҳилаи ҳассоси идораи давлатӣ дар доираи таҳаввулоти системаи сиёсӣ буда, асосан бо номуайянӣ дар ин самт ва натиҷаҳои рушд тавсиф меёбад ва дар навбати дигар номуайянии ҳамкории давлат ва ҷомеаро инъикос менамояд. Дар доираи муносибатҳои боло ба хотири легитимияти ҳокимияти давлатӣ гузариш аз як система ба системаи дигар, махсусан гузариш ба низоми демократӣ, ҳадди ақал давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ бояд бунёд карда шавад. Асоси қонунигардонии ҳокимият дар ин раванд ба сарвари сиёсӣ вобаста аст, махсусан, батартибандозии муносибатҳои ҷамъиятӣ дар натиҷаи ташкили тарҳрезии ҳамгироии иҷтимоӣ ва ҳамзамон таҳия ва татбиқи қарорҳои идоракунӣ дар раванди идораи давлатӣ масъалаи рӯз ба ҳисоб мераванд.

Сарвари сиёсӣ дар ин шароит бояд нақши муайянкунандагиро дар идораи давлатӣ аз даст надиҳад ва тамоми идораи давлатро зери назорати худ гирад. Дар идораи сиёсӣ, ки мақом ва нақши асосӣ ба сарвари сиёсӣ дода мешавад, раванди татбиқи легетимияти ҳокимияти сиёсӣ ва касби самаранокии он аз дараҷаи ҳадафҳои стратегӣ ва қабули имиҷи сиёсии он муайян карда мешавад. Самаранокии ҳокимияти сиёсӣ ба дараҷаи сатҳи зиндагӣ вобаста аст, ки он барои баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум нигаронида шудааст. Дар сатҳи дигар мафҳуми ҳокимият имконияти худтаъминкунӣ барои ҳамагон таъриф мешавад. Масъалаи асосии ин раванд мушкилиҳои соҳаи иҷтимоӣ ба ҳисоб мераванд. Аз ин рӯ, сарвари сиёсиро лозим аст, ки сиёсати иҷтимоии давлатро дар сатҳи баланд назорат намояд ва пайваста барои бартараф сохтани мушкилиҳои дар ин самт ҷойдошта чораҳои зарурӣ андешад. Зеро сиёсати иҷтимоии давлат ягона воситаи таъсиррасонии самаранок ба ҷомеа буда, имконият медиҳад, ки сарвари сиёсӣ ва институтҳои давлатӣ ба ин васила эътимоди худро баланд бардоранд.

Махсусан, пешравӣ дар самти иҷтимоӣ ва таъмини шароити зиндагӣ бо дарназардошти имкониятҳои ҷойдошта ва бо баинобатгирии ҳадди ақали

талаботи мардум, инчунин боло гузоштани манфиатҳои миллӣ аз манфиатҳои гурӯҳӣ мақоми сарвари сиёсиро арзанда нишон дода, дар раванди баргузории интихобот имконияти соҳиб шудан ба ҳокимияти сиёсиро пешниҳод менамояд. Ба андешаи муҳаққиқи рус Волков И.П., «муваффақияти сарвари сиёсӣ ба он вобаста аст, ки ҷонибдорон то кадом андоза нуфуз ва роҳбарии ӯро қабул менамоянд. То даврае, ки ҷонибдорон ба ӯ эътимод доранд, сарвари сиёсиро дастгирӣ мекунанд. Дастгирии сарвари сиёсӣ падидаи оморӣ нест, он ташаккули муносибатҳо ва андешаи ҷомеаро дар бар мегирад, ки марҳилаҳои муайянро аз сар мегузаронад» [66, с.235]. Масалан, дастгирии ҳадафҳои гузошташуда аз ҷониби омма, ба даст овардани боварии мардум нисбат ба амалу фаъолияти мақомоти давлатӣ, шинохти сарвари сиёсӣ ҳамчун баёнгари мафиатҳои миллӣ ва ғ.

Дар раванди идораи давлатӣ мақом ва нақши марказӣ ба ҳокимияти сиёсӣ ва сарвари сиёсӣ гузошта шудааст. Ба хотири бартараф сохтани монеаҳои асосии ҷойдошта, махсусан, нисбат ба самаранокии он, сарвари сиёсӣ нақши калидиро соҳиб мешавад, то ки тавонад эътирофи оммавии ҳокимият ва адолати ҳокимияти сиёсиро таъмин созад. Соҳиб будан ба шахсияти аввали идоракунӣ дар системаи сиёсӣ, гарчанде ба сарвари сиёсӣ истифодаи тамоми захираҳои ҳокимияти сиёсиро пешниҳод намояд ҳам, ин фазои муносибатҳо кафолати устувории ҳокимияти амалкунандаро инъикос карда наметавонанд. Аз ин рӯ, сарвари сиёсиро лозим меояд пайваста бо ҷомеа бошад, эътироф ва розигии онҳоро ҷиҳати муносибатҳои амалӣ дар идоракунӣ ба даст оварад. Ба даст овардани захираи ҳалкунанда, яъне розигии ихтиёрии аксарияти аҳолӣ кафолати пояҳои ҳокимияти сиёсии амалкунанда ва ҳукмронии сарвари сиёсиро то давраи анҷоми салоҳиятҳо пешниҳод менамояд.

Раванди амалинамоии самаранокии ҳокимияти сиёсӣ ба фаъолияти сарвари сиёсӣ ва татбиқи қарору қонунҳои қабулгардида вобастагии зич дошта, легитимиятро нисбати ҳокимият кафолат медиҳад. Фаҳми легитимияти ҳокимияти сиёсӣ, эътирофи он аз ҷониби ҷомеа нисбат ба амалу фаъолияти

институтҳои давлатӣ, қарорҳо ва раванди амалии муносибатҳои ҳокимияти сиёсӣ баррасӣ мегардад. Бояд қайд намуд, ки раванди легитимияти ҳокимияти сиёсӣ ба раванди самаранокии он алоқаи зич дошта, консепсияи легитимият бошад, муносибатро ба ҳокимияти сиёсӣ инъикос менамояд ва ҳамчун воситаи созанда дар ташхиси самаранокии ҳокимият ифода мешавад. Дар навбати дигар метавон раванди легитимикунонии ҳокимияти сиёсиро аз мувофиқати низоми идора ба идоракунии амалии давлат, ҳадафҳои гурӯҳи интихобшуда, принсипҳо ва усулҳои идора дар ҷомеа, баинобатгирии меъёрҳои муайяншуда дар қонунгузорӣ ва маъруфияти сарвари сиёсӣ вобаста намоем. Муҳаққиқи рус Скиперских А.В. бо дарназардошти қонунигардонии ҳокимияти сиёсӣ иброз медорад, ки «маҷмуи чораҳо оид ба баланд бардоштани мақоми сарвари сиёсӣ онро чун унсури системаи сиёсӣ муаррифӣ менамояд» [113, с.56-58].

Дар фазои муносибатҳои сиёсӣ омили дигаре, ки легитимияти ҳокимияти сиёсиро пешниҳод менамояд ва асоси самаранокии идоракунии сарвари сиёсиро таъмин месозанд, метавон ба доираи муносиабтҳои ҳуқуқӣ, ахлоқӣ, динӣ, шахсӣ ва идеологӣ пайваст намуд. Доираи муносибатҳои ҳуқуқӣ вобаста ба эътироф ва нақшаи асосии қонун дар идораи давлат, ки сарвари сиёсӣ то кадом андоза нақш ва мавқеи муассирро бо баинобатгирии қонун ва эътирофи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон дар идоракунӣ равона менамояд ва ҷомеаро ба сифати манбаи ҳокимият пуштибонӣ мекунад, легитимиятро дар ҳокимият таъмин месозад. Фазои муносибатҳои ахлоқӣ кафолати қонунии ҳокимиятро пешниҳод менамояд. Сарвари сиёсӣ дар идоракунии давлат ба сифати имиҷи сиёсии ҳокимияти сиёсӣ шинохта мешавад ва тамоми устувории ҷомеа ва давлат дар муносибатҳои дохилӣ ва хориҷӣ ба он вобаста аст.

Раванди эътирофи легитимияти ҳокимияти сиёсӣ дар доираи илмҳои сиёсӣ, дар навбати дигар, ба фаъолияти мақомоти давлатӣ вобаста мегардад. Ҳамин тариқ, ҷомеа муносибати худро бо сарвари сиёсӣ ва ҳокимияти давлатӣ ташаккул дода, муносибати худро бо худидоракунии шахсӣ дар тафаккури худ нисбат ба сарвари сиёсӣ ва ҳокимияти сиёсӣ пайваст менамояд. Маҷмуи чунин

муносибатҳои худидоракунии шахсиро, ки заминаи меъёрии чунин муносибатро ташкил медиҳанд, ба се қисм ҷудо кардан мумкин аст:

1. Идеологӣ - муносибатҳоеро фаро мегирад, ки ба манфиатҳои танҳо қишрҳои ҷомеа нигаронида шудаанд ва маҳз ҷомеа ояндаи худро ба он алоқаманд мекунад. Худидоракунии шахсӣ дар асоси арзишҳои идеологӣ нобаробарии иҷтимоии мавҷударо гарчанде инъикос намояд ҳам, онҳо созишномаи иҷтимоии эътирофшудаи шарикии иҷтимоиро тасдиқ мекунанд. Махсусан, онҳое, ки мансабҳои давлатӣ надоранд, воситаҳои таъсиррасониро соҳиб нестанд, вале розиянд, ки дигарон онро дошта бошанд, барои таъмин кардани мавҷудияти худ дар сатҳи идораи давлатӣ қобили қабул дониста шуда, аз ҷониби ҷомеа ба сифати қонеъкунандаи талаботи иҷтимоии умумиятҳо шинохта мешавад.

2. Ҳуқуқӣ - талаботи ҷомеаро дар танзими давлатии муносибатҳои тарафҳо инъикос намуда, шартномаи иҷтимоиро оид ба шарикии иҷтимоӣ дастгирӣ менамояд ва ё дар навбати дигар шартномаи иҷтимоии ошкоро баста мешавад.

3. Дастгоҳи ахлоқии дорои табиати универсалӣ [78]. Ҳокимияти сиёсии аз ҷониби ҷомеа арзёбишаванда дорои сохтори махсус аст. Субъекти олии ҳокимияти сиёсӣ сарвари сиёсӣ буда, ҳадафҳо ва воситаҳои идеологияи ҳокимиятро ифода менамояд. Мутобиқан се ҳолати легитимияти ҳокимияти сиёсиро метавон ёдовар гардид: шахсӣ, идеологӣ ва сохторӣ. Барои ташаккул додани легитимияти ҳокимияти сиёсӣ зарур аст, ки ҷомеа ҳадафҳо, режими сиёсӣ ва имиҷи сиёсии сарвари сиёсиро эътироф намояд ва онро ба доираи муносибатҳои легалӣ пайваст созад. Дар ин фазои муносибат, ки арзишҳои режими сиёсӣ ба сифати арзиши идеалӣ аз ҷониби ҷомеа дастгирӣ меёбанд ва муносибатҳои мушаххасро дар шуури омма ташаккул медиҳанд, бартарии ҳукумати амалкунандаро инъикос намуда, омодагии ҷомеаро ба итоат кардан ба мақомоти давлатӣ баён менамояд. Легитимикунонӣ як раванд аст ва мисли дигар равандҳои сиёсӣ аз унсурҳои зерин иборат мебошад: объект, воситаҳо, усулҳо, захираҳо ва иҷрокунандагон [127]. Объектҳои қонунигардонии

ҳокимият дар раванди ташаккулёбии он мақоми махсус доранд. Масалан, муҳаққиқи рус Макаренко В.П. сарвари сиёсӣ, институтҳои сиёсӣ, низоми сиёсӣ, системаи сиёсӣ, стратегияҳои рушд, қарорҳо, амалҳо ва нақшаҳои мақомоти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллиро ба сифати объектҳои легитимикунонии ҳокимияти сиёсӣ муаррифӣ менамояд [40].

Легитимияти ҳокимияти сиёсиро пайваста ба фаъолияти сарвари сиёсӣ вобаста менамоянд. Муносибатҳои амалӣ дар идораи давлат далели онанд, ки мавҷудияти ҳокимият дар ҳукумат, дастгирии он аз ҷониби аксарияти шаҳрвандон, розигии тарафайни шаҳрвандону мақомот дар раванди идоракунӣ, эътирофи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва монанди инҳоро инъикос менамояд. Системаи сиёсии ҷомеа маҷмуи институтҳои давлатӣ ва ҷамъиятиро дар бар мегирад, ки унсурҳои асосии онро ҳокимияти сиёсӣ ва сарвари сиёсӣ ташкил менамояд. Асоси эътирофи ҳокимияти сиёсӣ дар системаи амалкунанда аз амал ва фаъолияти сарвари сиёсӣ вобастагӣ дорад.

Дар навбати дигар, ҳокимият ягона воситае мебошад, ки ба сарвари сиёсӣ имконияти амалисозии иродаи ӯро пешниҳод менамояд. Ҳокимият ҳамчунин кӯшиши шахс барои мағлуб кардани иродаи умумиятҳои дигар дар шакли ҳукмронӣ ё таслим ифода меёбад. Дар доираи муносибатҳои системавӣ нисбати ҳокимият чунин таъриф мешавад, ки ҳокимият ҳамчун қобилияти системаи амалкунанда буда, институтҳои ҳокимият уҳдадориҳои худро барои ноил шудан ба ҳадафҳои иҷтимоӣ равона менамоянд. Таълимоти марксизм асоси устувории ҳокимиятро ба моликият ва бартарияти иқтисодии табақаҳои муайян мепайвандад. Муҳаққиқи рус Соколов А.В. дар бораи нақши афзояндаи симои сарвари сиёсӣ ҳамчун омили қонунигардонии ҳокимият чунин қайд менамояд, ки шинохт ва эътирофи симои сарвари сиёсӣ аз ҷониби омма легитимияти ҳокимиятро пешниҳод намуда, сохтмони мақсадноки шифоҳӣ ва рамзии он муаррифӣ мешавад [128, с.7].

Дар ҷомеаи демократӣ раванди соҳибшавӣ ба ҳокимият тавассути муносибатҳои легалии эътирофшуда амалӣ мешавад. Асоси устувории қонун ва меъёрҳои муайяншуда, ки имкониятро ба сарвари сиёсӣ барои даст ёфтан

ба ҳокимияти сиёсӣ пешниҳод менамояд, бояд хосияти устуворӣ дошта бошанд. Зеро оммаи мардум эътирофи ҳокимияти амалкунандаро аз мақоми қонун дар раванди идораи давлат муайян мекунанд ва ба сарвари сиёсӣ умед мебанданд. Сарвари сиёсӣ мақоми махсусро дар ҷомеаи демократӣ дар асоси эътирофи меъёрҳои ҷомеаи демократӣ соҳиб мегардад. Имиҷи сиёсии сарвари сиёсӣ дар раванди муносибатҳои амалӣ ва эътирофи он аз ҷониби шаҳрвандон баёнгари ризоияти онҳо нисбати ҳокимияти сиёсии амалкунанда мебошад, ки легитимияти ҳокимият асоси устувор пайдо менамояд.

Масалан, мурожиат ба раванди соҳибшавии сарвари сиёсӣ дар ҳокимияти шуравӣ далели он аст, ки дар натиҷаи табаддулот марҳилаи муайяни таърихӣ ба сари ҳокимият омад ва хусусияти харизматикии сарвари сиёсӣ нисбат ба ҷомеа истифода гардида, механизмҳои коркарди таблиғотӣ пайваста истифода мегардад, ки раванди рӯоварии ҷомеаро ба чунин система бо муваффақият анҷом додаанд. Чунин доираи муносибат ба худи ҷомеа тааллуқ дошта, умед ба як шахсияти таърихӣ мебастанд ва хусусиятҳои ғайрифавқултабииро нисбати он эътироф мекарданд, ки мушкилиҳои ҷойдоштаро дар ҳаёти сиёсии онҳо, аз қабили ноустувории мақоми ҷомеа дар идораи давлат, кафолати ҳуқуқу озодиҳои онҳо, ба қонун ва мақоми он дар идораи давлатӣ арҷ гузоштан, таъмини шароити зиндагии арзанда вобаста ба талаботи ҷойдошта, ҳимояи манфиатҳои синфи поёнӣ ва ғайра муносибати мушаххасро амалӣ менамояд. Бо вуҷуди ҳамаи ин, ҳар як насле, ки дар ҷомеа вобаста ба гузашти айём тавлид мешавад, дорои талабот ва манфиатҳои махсуси худ аст.

Системаи амалкунанда дар Иттиҳоди Шуравӣ, ки муваффақияти беназирро дар сиёсати ҷаҳонӣ соҳиб гардида буд, лагери бузурги сотсиалистиро ташкил намуда, дар солҳои 80-уми қарни гузашта марҳилаи таназзулро аз сар гузаронида, аз байн рафт. Вале ин маънои паст гардидани сатҳи соҳаи иҷтимоии шаҳрвандон дар охири солҳои 80-умро надорад, баръакс аз ҷиҳати даромад имкониятҳои шаҳрвандон зиёд гардид, махсусан, имкониятҳо барои фаъолияти иҷтимоӣ ва сиёсӣ дар натиҷаи паст гардидани

фишори таблиғоти системаи сиёсӣ ба таври васеъ инкишоф ёфтанд. Меарзад сабаби асосии пошхӯрии системаи сиёсии амалкунандаи Иттиҳоди Шуравиро аз фаъолияти субъекти олии сиёсат, яъне сарвари сиёсии ҳамонвақтаи шуравӣ вобаста созем. Зеро ислоҳоти сиёсии бе дарназардошти заминаи воқеӣ амалишуда сабаби асосии аз байн рафтани легитимияти ҳокимияти сиёсӣ дар сатҳи шуури оммавии шуравӣ гардид.

Дар ин доираи муносибат арзишҳои режими тоталитарӣ нақш ва мавқеи худро аз даст дод ва раванди идоракунӣ рукуд кард. Хосияти рукуд касб кардани идоракунӣ ҳолати нобовариро нисбат ба ҳокимияти амалкунанда зиёд гардонид, зеро идоракунӣ воситаи асосии татбиқи ҳокимияти сиёсӣ буда, амалишавии онро аз эҳтимолият ба воқеият табдил медиҳад. Дар навбати дигар метавон мақоми ҳокимияти сиёсиро дар ҷомеа мавриди баррасӣ қарор диҳем. Ҳокимияти сиёсӣ воситаи асосии татбиқи муносибатҳо дар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ буда, раванди самаранокии он ба фаъолияти сиёсии сарвари сиёсӣ вобаста мегардад. Дар раванди идораи давлатӣ ҳамаи ҷомеа наметавонад пурра иштирок намояд, аммо дар навбати дигар, аз таъсири ташкилотҳои сиёсӣ дур будан ғайриимкон аст.

Дар раванди идораи давлат мақом ва нақши марказӣ ба сарвари сиёсӣ ва ҳокимияти сиёсӣ марбут аст. Раванди касби самаранокии легитимияти ҳокимият ба фаъолияти сарвари сиёсӣ вобаста дониста мешавад, зеро вобаста ба фаҳми мафҳуми ҳокимият ва раванди амалишавӣ нақши асосӣ ба идоракунанда ва ҳукмрони он дода мешавад. Саймон Г. ҳузури ҳокимияти идоракунандаро ба идорашаванда вобаста менамояд. Қобилияти муайян кардани рафтори онҳо бо мавҷудияти муносибатҳои ҷойдошта пешбинӣ мегардад, ки ҳадафноканд ва то ҳадде ба мақсади гузошташуда дар идораи давлат ноил мешаванд.

Ҳамин тариқ, ҳокимияти сиёсиро ҳамчун муносибати тобеият ба сиёсат метавон маънидод кард. Дар асоси гуфтаҳои боло метавон аз нуқтаи назари идоракунӣ ҳокимияти сиёсиро таъсири бевоситаи имиҷи сиёсии сарвари сиёсӣ ба ҷомеа номид. Дар навбати дигар, маҷмуи вазифаҳои идоракуние, ки

тавассути он сарвари сиёсӣ нисбат ба идоракунандагон муносибаташро дар заминаи бунёдшудаи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ амалӣ намуда, механизмҳои давлатиро барои идораи ҷомеа истифода мебарад. Идораи давлатӣ раванди пурихтилофи идораи ҷомеа буда, аз ҷониби субъекти он, шахсияти олии сарвари сиёсӣ дар ҳамбастагӣ бо гурӯҳи идоракунандагон ба хотири минбаъдаи инкишофи давлат тарҳрезӣ мегардад. Ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда вобаста аст ба арзишҳои режими сиёсӣ ва муносибати мусбат ва хайрхоҳонаи ҷомеа нисбат ба ҳокимияти сиёсӣ, ки то кадом андоза ҷомеа онҳоро дастгирӣ менамояд [78, с.109].

Дар шароити ташаккули ҷомеаи муосир рушди шуури сиёсӣ ва маданияти сиёсии умумият ба тобеияти дигарон беш аз пеш вобастагӣ дорад. Зеро амалияи ҷамъиятӣ собит месозад, ки қобилияти зеҳнии сарвари сиёсӣ мақом ва нақши онро дар раванди идораи ҷомеа вусъат мебахшад ва истифодаи вазъияти бавуҷудомадаро ба ӯ пешниҳод менамояд. Ҳатто баъзан мавридҳо дониш ва таҷриба ба сарвар аз ваколатҳои ҷойдошта дида шароити мусоид барои назорати вазъ ва идораи сиёсӣ фароҳам менамояд. Ҳамин тариқ, раванди идораи ҷомеа муносибати махсусро талаб намуда, амалишавии ҳокимияти давлатиро дар асоси манфиатҳои омма тақозо мекунад. Ба хотири касби самаранокии идораи давлатӣ, ки ҳокимияти сиёсӣ унсури меҳварии он мебошад, вазифаҳои мушаххаси худро барои амалишавии мақсадҳо ва ҳадафҳои гузошташуда талаб менамояд.

Аз ин рӯ, метавон ба чор вазифаи асосии ҳокимияти сиёсӣ, аз ҷумла қабули қарор, ташкил, танзим ва баҳисобгирӣ диққати махсус зоҳир намуд. Дар ҷараёни таҳаввули идораи давлатӣ инсоният шаклҳои ташкилиеро, ки ба ин вазифаҳо мутобиқанд, созмон додааст: қабули қарор, соҳибихтиёрӣ, ташкилот -ҳокимияти иҷроия ва маъмурият, танзим - арбитраж, суд ва мақомоти репрессивӣ, баҳисобгирӣ - шуъбаҳои оморӣ, хадамоти иҷтимоӣ ва марказҳои таҳлилӣ. Тақсими ҳокимият, ки моҳияти он вобаста ба таҳаввулоти ҷомеа собит шудааст, заминаи ҷиддии илмӣ дорад. Ба андешаи мутафаккири фаронсавӣ Монтескё Ш., «бояд тартиботе вуҷуд дошта бошад, ки дар он

мақомоти ҳокимияти қонунбарор, иҷроия ва судӣ нисбатан мустақил бошанд ва ҳамдигарро маҳдуд намоянд. Аз зарурати ҷомеа ба санҷишҳо ва мувозинатҳо ҳамчун як навъи зарурати тақсими ҳокимият истифода намоянд» [81, с.291].

Мустақилияти нисбии онҳо ба яке аз принсипҳои бунёдӣ дар фаъолияти низоми сиёсӣ муайян гардида, инчунин дар конститутсияҳо низ инъикос ёфтааст. Махсусан, раванди тақсими ҳокимият дар асоси принсипи таҷзияи он нишонаи асосии легитимияти ҳокимият ба ҳисоб рафта, муносибати воқеиро аз сарвари сиёсӣ ҳамчун шахсияти аввал дар идораи давлатӣ талаб менамояд, ки заминаи этироф ва қабули имиҷи сиёсии он гардида, легитимияти ҳокимияти сиёсиро тақвият мебахшад. Заминаи тақсими чунин тарзи ҳокимият дар режими сиёсии демократӣ зуҳур намуда, нишонаи соҳибихтиёрӣ ва соҳиб будани омма ба ҳокимияти давлатӣ мебошад. Чунин тарзи муносибатро моддаи 9-уми Коститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ муайян намуда, ҳокимияти давлатӣ дар асоси таҷзияи он ба се шохаи асосӣ: қонунбарор, иҷроия ва судӣ тақсим мешавад [1].

Вазифаи баҳисобгирӣ дар идораи давлатӣ мақом ва накши махсус дошта, ба таври ғайримуқаррарӣ мақоми нақшаи даркшударо мебозад. Раванди чунин муносибат моҳияти ташаккули идеяи муносиби вазъият дар раванди амалишавии муносибат вобаста ба соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ дар идораи давлатӣ буда, иҷрои он барои тамоми мақомоти ҳокимият зарур аст. Ғайр аз ин, баррасии дуруст ва саривақтии омилҳои ҳалкунанда дар идоракуни давлатӣ бе мавҷудияти иттилоот дар идораи давлат ва татбиқи уҳдадориҳои мақомоти давлатӣ мушкилӣ эҷод намуда, ба қабули қарори самаранок монеа мешаванд. Тасодуфӣ нест, ки дар системаи мураккаби иҷтимоӣ кӯшиши ғасби ваколати як шохаи ҳокимият барои ишғоли мавқеи бартаридошта барои шохаҳои дигари ҳокимият ноустувориро инкишоф медиҳад ва дар ниҳоят ба коҳиш ёфтани назорат оварда мерасонад. Заруряти тақсими ваколатҳо мустақиман аз фарқияти функсияҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии онҳо дар самтҳои гуногун ба самаранокии идора вобаста мешавад.

Ҳокимияти қонунбарор ҳамчун ниҳоде dониста мешавад, ки ирода ва манфиатҳои ҷомеаро ҳимоя мекунад ва фаъолияти он ба ҳадафҳои иҷтимоию идеологӣ, ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ нигаронида шудааст. Инчунин, ҳокимияти қонунбарор дар ҷомеаи демократӣ амалҳои худро ба андешаи интихобкунандагон вобаста менамояд, ки ин меъёри асосии самаранокии он мебошад. Ҳокимияти иҷроия ҳамчун шохаи дигари ҳокимияти давлатӣ вазифаи дигарро низ дорад, ки таъмини иҷрои иродаи ҷамъиятӣ дониста мешавад. Самаранокии он мутаносибан аз дараҷаи ноил шудан ба ҳадаф ва кӯшишу воситаҳои барои он сарфшуда вобаста буда, арзиши иҷтимоии амал арзёбӣ мегардад ва раванди эътирофи ҳокимиятро инкишоф медиҳад. Раванди касби легитимияти ҳокимияти сиёсӣ дар навбати дигар аз фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ вобаста гардида, муносибати мусбати омма нисбати ҳокимият аз амал ва фаъолияти мақомоти мазкур вобастагии калон дорад.

Сарвари сиёсӣ меҳвари идораи давлатӣ, муттаҳидкунандаи ҷомеа, институтҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад. Ӯ бояд идораи давлатиро зери назорати худ қарор диҳад. Бояд қайд намуд, ки дар раванди идораи давлатӣ ҷараёни қабули имиҷи сарвари сиёсӣ аз ҷониби ҷомеа як ҷузъи инфиродии қонуният буда, муҳимтарин унсури таъсири ҳокимияти сиёсӣ ба омма мебошад [116, с.58].

Ҳамин тариқ, легалияти ҳокимияти сиёсӣ ба самаранокии он алоқаманд буда, консепсияи легититмият  бошад, муносибати оммаро ба ҳокимият инъикос менамояд ва ба воситаи созанда дар ташхиси самаранокии он табдил меёбад. Эътирофи легититмияти ҳокимияти сиёсиро дар навбати дигар ба ҳолатҳои муайян аз мувофиқати арзишҳои режими сиёсӣ ба идораи давлатӣ ва фаъолияти субъектҳои сиёсӣ низ метавон арзёбӣ намуд. Барои ба даст овардани эътирофи сартосарии ҷомеа сарвари сиёсӣ дар раванди идора ва амалисозии ҳокимияти сиёсӣ бояд манфиатҳои табақаҳои гуногуни ҷомеаро ҳимоя созад ва усулҳои ташаккулдиҳии имиҷи сарвари сиёсӣ ва имиҷи сиёсии давлат яке аз масъалаҳои муҳимми идоракунии давлатӣ дониста шуда, таъмини самаранокии идораи давлат ва легитимияти ҳокимияти сиёсӣ аз онҳо

вобастагии зиёд дорад. Муайян намудани роҳу воситаҳои ташаккули имиҷи сарвари сиёсӣ ва муассисаҳои давлатӣ дар раванди имрӯзаи муносибатҳо проблемаи рӯзмарраи давлатдорӣ ҳисобида мешавад. Зеро мақом ва нақши сарвар дар раванди идоранамоӣ муҳим арзёбӣ гардида, инкишофи минбаъдаи муассисаҳои давлатӣ ва нақши онҳо дар раванди идораи ҷомеа аз қобилият ва фаъолияти сарвари сиёсӣ вобастагии калон дорад.

Омилҳои асосии ташаккули имиҷи мусбати сарвари сиёсӣ:

- Хусусиятҳои шахсӣ – харизма, қобилияти баланди идоракунӣ, масъулиятнокӣ ва адолатпарварӣ.

- Муносибати фаъол бо ҷомеа – тавассути ВАО, мулоқоти мустақим бо мардум ва ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ.

- Ифодаи арзишҳои миллӣ ва мафкураи давлатдорӣ – сарварро ҳамчун рамзи ваҳдати миллӣ ва ҳомии манфиатҳои давлатӣ муаррифӣ менамояд.

- Самаранокии идоракунӣ ва иҷрои ваъдаҳои додашуда таъсири амалии сиёсати давлатӣ ба ҳаёти шаҳрвандонро инъикос мекунад.

Дар шароити демократикунонии муосир, ки интихоботи озод ва иштироки фаъоли шаҳрвандон дар идоракунии давлатӣ арзишҳои асосӣ мебошанд, имиҷи сарвари сиёсӣ барои таҳкими суботи дохилӣ ва пешбурди сиёсати хориҷӣ аҳамияти бузург дорад. Эътимоди ҷомеа ба роҳбар метавонад заминаи таҳкими суботи сиёсӣ шавад.

Хулоса, ташаккули имиҷи сиёсии сарвари сиёсӣ воситаи муҳим барои нигоҳ доштани эътибори ҳокимият, таъмини легитимияти он ва мустаҳкам кардани робита байни давлат ва ҷомеа мебошад. Сарвари сиёсие, ки имиҷи қавӣ ва мусбат дорад, на танҳо эътимоди мардумро ба даст оварда метавонад, балки рушди устувори сиёсӣ ва иҷтимоиро низ таъмин месозад.

Такмили муносибат бо ҷомеа ва иртиботи мустақим иртиботи самаранок бо ҷомеа яке аз рукнҳои асосии имиҷи сиёсии сарвари давлат ба ҳисоб меравад. Сарвар бояд пайваста бо мардум мулоқот намояд, то ҳам аз мушкилоти иҷтимоиву иқтисодӣ огоҳ гардад ва ҳам эҳсоси ҳамбастагиро таҳким бахшад. Вохӯриҳои мунтазам дар минтақаҳо, иштироки фаъолона дар

чорабиниҳои фарҳангӣ ва иҷтимоӣ, инчунин қадамҳои амалӣ барои ҳалли масъалаҳои мардум, ба баланд шудани эътимод ва легитимият мусоидат мекунанд. Ин таҷриба дар кишварҳои демократӣ низ мавҷуд аст, ки сарварони сиёсӣ тавассути «дипломатияи мардумӣ» худро ҳамчун намояндаи воқеии ҷомеа муаррифӣ месозанд.

Таҳкими коммуникатсияи сиёсӣ тавассути ВАО ва технологияҳои муосир дар асри иттилоот, истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ ва расонаҳо ба унсури муҳимми сиёсати муосир табдил ёфтааст. Сарвар бояд тавассути ВАО ва шабакаҳои иҷтимоӣ сиёсати давлатро шарҳ диҳад ва аз ҳамин роҳ бо ҷомеа иртиботи доимӣ барқарор кунад. Истифодаи стратегияи муосири PR имкон медиҳад, ки имиҷи сиёсии сарвар дар дохил ва хориҷи кишвар мусбат шакл гирад. Ҳамзамон, баланд бардоштани сатҳи саводи сиёсӣ ва иттилоотии шаҳрвандон низ зарур аст, зеро ҷомеае, ки аз равандҳои сиёсӣ огоҳ аст, эътимоди бештар нисбат ба ҳокимият зоҳир мекунад.

Таъмини шаффофият ва ҷавобгарӣ дар идоракунии давлатӣ яке аз роҳҳои муҳимми таҳкими имиҷи сиёсӣ мебошад. Қарорҳои калидӣ бояд бо иштироки ҷомеа ва сохторҳои шаҳрвандӣ баррасӣ шаванд. Истифодаи механизмҳои «ҳисоботдиҳӣ ба мардум» (public accountability) имконият медиҳад, ки сарвар на танҳо ҳамчун шахсияти қавӣ, балки ҳамчун роҳбари масъулиятшинос муаррифӣ гардад. Ин амр, махсусан дар кишварҳое, ки сатҳи эътимоди мардум ба ҳукумат коҳиш ёфтааст, аҳамияти фавқулода дорад.

Таҳкими сиёсати иҷтимоӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва имиҷи сиёсии сарвар бевосита аз сиёсати иҷтимоӣ вобаста аст. Агар давлат тавонад шароити зиндагии қишрҳои осебпазирро беҳтар созад, дастгирии иҷтимоиро васеъ намояд ва адолати иҷтимоиро таъмин кунад, ин ба эътибори ҳукумат таъсири мусбат мерасонад. Дар баробари ин, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон яке аз нишондиҳандаҳои асосии легитимияти ҳокимият ба шумор меравад.

Тарғиби арзишҳои миллӣ ва мафкураи мусбат барои мустаҳкам сохтани эътибори сиёсии сарвар, арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ, ҳифзи истиқлолияти

давлатӣ ва тарғиби ваҳдати миллӣ нақши муҳим доранд. Сарвар бояд ҳамчун ҳомии манфиатҳои миллӣ, муҳофизи истиқлолият ва рамзи ваҳдати ҷомеа муаррифӣ гардад. Дар баробари ин, ташаккули мафкураи мусбат, ки ба рушди фарҳанг, илму технология ва ҳамзистии осоишта такя мекунад, ба таҳкими имиҷи шахсии роҳбар ва ҳукумат мусоидат менамояд.

Баланд бардоштани сатҳи илмию касбии сарвари сиёсӣ ва шахсияти сиёсии роҳбар танҳо бо қудрати сиёсӣ маҳдуд намешавад. Дар асри муосир, сатҳи донишу малакаи идоракунӣ ва донишҳои байналмилалӣ низ омилҳои асосӣ мебошанд. Гузаронидани омӯзишҳои мунтазам дар соҳаи идоракунии давлатӣ, иқтисоди ҷаҳонӣ ва равобити байналмилалӣ, инчунин такмили малакаҳои идоракунӣ пеш аз ба мансаб расидан ва дар давраи роҳбарӣ зарур аст. Ин кор ба сарвар имкон медиҳад, ки на танҳо дар дохил, балки дар арсаи байналмилалӣ низ ҳамчун шахсияти сатҳи ҷаҳонӣ пазируфта шавад.

Истифодаи технологияҳои муосир дар идоракунии давлатӣ, бахусус татбиқи ҳукумати электронӣ (e-Government) яке аз воситаҳои муҳимми баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатӣ ба ҳисоб меравад. Инчунин, истифодаи маълумоти рақамӣ барои қабули қарорҳои стратегӣ имкон медиҳад, ки идоракунии давлат бо талаботи замон мувофиқ гардад. Ин иқдом на танҳо шаффофиятро афзоиш медиҳад, балки иртибот бо шаҳрвандонро низ осон ва самаранок мекунад.

Мустаҳкамсозии легитимияти ҳокимият тавассути механизмҳои демократӣ легитимияти воқеии ҳокимият танҳо бо роҳи қонунӣ ва шаффоф таъмин мегардад. Ташкили интихоботи демократӣ, баланд бардоштани иштироки шаҳрвандон дар қабули қарорҳои муҳимми давлатӣ тавассути машваратҳои оммавӣ ва референдумҳо, нишон медиҳад, ки сарвар ва ҳукумат иродаи мардумро эҳтиром мекунанд. Ин гуна механизмҳо ба таҳкими эътимоди шаҳрвандон ва устувории низоми сиёсии кишвар мусоидат менамоянд.

## 2.2. Таъсири омилҳои дохилӣ ва хориҷӣ ба ташаккули имиҷи сиёсии давлат

Имиҷи сиёсии давлат дар замони муосир яке аз мавзуъҳои мубрами таҳқиқотчиёни соҳаи сиёсӣ гардидааст. Зеро давлат яке аз ниҳодҳо ва субъектҳои асосии имиҷи сиёсӣ маҳсуб ёфта, муайянсозии мақоми он дар низоми муносибатҳои дохилию байналхалқӣ бо таъсири омилҳои гуногуни имиҷи сиёсии он вобаста аст. Масъалаи имиҷи сиёсии давлатро дар адабиёти илмӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, ба хулосае омадан мумкин аст, ки баъзан вақт дар адабиёти илмӣ мафҳумҳои имиҷи сиёсии давлат ва имиҷи сиёсии кишварро аз ҳам фарқ мегузоранд. Махсусан, ба имиҷи сиёсии кишвар хусусиятҳои ҷуғрофӣ, фарҳангӣ, таърихӣ, динӣ, миллию этникиро пайваст мекунанд.

Тамоми хусусиятҳои дар боло зикршуда дар мудатҳои тулонӣ ташаккул ёфта, устувории назарраси имиҷи сиёсии кишварро муайян месозад. Муайянсозии имиҷи сиёсии давлат бошад дигар навъ шарҳ дода мешавад. Дар муқоиса ба имиҷи сиёсии кишвар, имиҷи сиёсии давлат асосан тавассути идеяҳои сиёсӣ дар бораи ташкили системаи сиёсии ҷомеа, институтҳои ҳокимияти сиёсӣ, механизмҳои татбиқи ҳокимият, низоми ҳуқуқию иқтисодӣ ва сиёсати пешгирифтаи дохилию хориҷии мамлакат баррасӣ мегардад.

Дар баробари ин мафҳумҳо, муҳаққиқон Е.Г. Соловев ва А.Н. Смирнов мафҳуми имиҷи сиёсии давлатро имиҷи сиёсии кишвар ва имиҷи миллӣ медонанд. Дар ин росто ба хулосае омадан мумкин аст, ки чун қоида мафҳумҳои давлату кишвар зич алоқаманд буда, хусусиятҳои хоси миллӣ, минталитет, фарҳангӣ, анъанавӣ, устувории ҷуғрофӣ, таърихию сиёсӣ ба онҳо хос аст. Бояд гуфт, ки имиҷи сиёсии давлат ва имиҷи сиёсии кишвар ду паҳлуи як падида мебошанд, ки тафовут гузоштан ба онҳо аз назари ин муҳақиқон ғайриимкон аст. Бо дарназардошти оне, ки имиҷи сиёсии давлат ҳамчун қисми ҷудонашавандаи имиҷи сиёсии кишвар ба ҳисоб меравад, хусусиятҳои устувори ҷуғрофӣ, фарҳангӣ, таърихӣ ва хусусиятҳои системаи сиёсӣ вобаста

ба макон ва замонро дар бар мегирад, инчунин як созмони сиёсии устовор ва мустаҳкаму дахлдори кишвар буда, низоми идораи дохилӣ ва хориҷиро амалӣ менамояд. Ҳамзамон Ф. Котлер қайд менамояд, ки: «имиҷи сиёсии давлат маҷмуи эътиқод, дарк ва таассурот нисбат ба ин макон ва системаи сиёсии давлат мебошад» [25, с.178].

Имиҷи сиёсии давлат ин ақида дар бораи идораи давалат ва системаи сиёсии давлат буда, дар асоси тасаввуроте пайдо шудааст, ки бо кушиши субъектони дохилӣ (субъектҳои ҳукумрон, аҳолии кишвар, институтҳои давлатӣ) ва хориҷӣ (гурӯҳҳои иҷтимоӣ, васоити ахбори оммаи хориҷӣ) ҳадафмандона ташаккул дода мешавад. Имиҷи сиёсии кишвар бошад ташаккули мақсадноки ақидаҳоро дар бораи кишвар дар бар мегирад: аҳолии кишвар ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ, шахсони алоҳидаи берун аз кишвар.

Дар ин заминаи инкишоф ду навъи имиҷи сиёсии давлат мавҷуд аст. Имиҷи сиёсии дохилии давлат – қабулкунанда. Ин шакли имиҷи сиёсии давлат аҳолии кишвар буда, дар асоси тасаввурот дар бораи идораи давлатӣ, системаи сиёсӣ, институтҳои сиёсӣ, маъмурӣ, қудратӣ ва истифодаи амалии арзишҳои режими сиёсӣ ба воситаи донишҳо ва тасаввуротҳо пайдо гардида, инкишоф меёбаду василаи асосии эътирофи давлат ба сифати механизми идора дар муносибатҳои ҷамъиятӣ мегардад.

Имиҷи сиёсии хориҷии давлат – эътирофкунанда. Ин шакали имиҷи сиёсии давлат аҳоли кишварҳои дигар ва сарварони сиёсии онҳо, ташкилотҳои байналмилалии сиёсӣ ва ташкилотҳои минтақавӣ буда, омили асосии пайдоиши ин шакли муносибат устувории низоми идора, маданияти сиёсии ҷомеа, таъмини амнияти миллию давлатӣ, мақоми сиёсии давлат ва сарвари сиёсии он дар ҳалли мушкилиҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Ба андешаи Д.В. Олшанский, имиҷи сиёсии давлат - ин тасвири хаёлии як давлати додашуда дар байни шаҳрвандони кишвар ва берун аз он аст [33, с.166]. Дар навбати дигар имиҷи сиёсии дохилӣ ва хориҷии давлат бо ҳам вобаста буда, дар заминаи таъсири омилҳои байниҳамдигарӣ рушд менамоянд.

Имиҷи сиёсии давлат ташаккули мураккаби системавие мебошад, ки ҷузъҳои таркибии зеринро дар бар мегирад:

1) Имиҷи институтҳои сиёсӣ - раванди идораи давлатӣ ва қабули мақоми онҳо аз ҷониби ҷомеа.

2) Имиҷи сиёсии сарвари давлат – яъне, сарвари давлат, ки шахсияти аввали идоракунӣ ба шумор меравад, ҷузъи асосии имиҷи сиёсии давлат буда, устувории ташаккулу эътирофи имиҷи сиёсии таҷассумёфтаи давлат дар муносибатҳои ҷамъиятӣ мегардад.

3) Имиҷи сиёсии элитаи ҳукумрони сиёсӣ - таваҷҷуҳи мардум пайваста ба фаъолнокии гурӯҳи интихобшудаи ҳукумрон равона гардида, самаранокии фаъолияти онҳо дар раванди ҳимояи манфиатҳои ҷомеа ва идораи давлатӣ ҷузъи муҳимми имиҷи сиёсии давлатро ташкил менамояд.

4) Шуури оммавии сиёсӣ, минталитети сиёсӣ - сатҳи олии дарки унсурҳои имиҷи сиёсии давлат аз ҷониби омма буда, дарку таҳлили сиёсӣ ва фаҳми ҷомеаро дар нисбат ба имиҷи сиёсии давлат ба вуҷуд меорад.

5) Табиати демократии низоми сиёсӣ - пайваста ба мақом ва нақши оммаи халқ бартарӣ додан дар раванди идораи давлатӣ ва татбиқи идораи давлатӣ дар асоси арзишҳои эълоншудаи режими сиёсӣ.

6) Хусусияти сиёсати дохилии давлат – самаранокӣ дар идоракунӣ ва татбиқи легалият дар раванди муносибати мутақобила байни ҷомеа ва институтҳои давлатӣ, бартарияти қонун нисбат ба ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ.

7) Дипломатия, хусусиятҳои сиёсати хориҷӣ ва мақоми байналмилалии давлат – амалигардонии муносибатҳои хориҷии давлат аз ҷониби сарвари сиёсӣ ва субъектҳо ба хотири ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар заминаи тадбиқи сиёсати хориҷӣ ва муайянсозии мақоми давлат дар низоми муносибатҳои байналхалқӣ ба сифати давлати сулҳҷӯ ва ҷонибдор аз манфиатҳои умумисайёравӣ.

8) Сиёсати миллӣ ва байниминтақавии давлат – мавқеъ ва нақши идораи давлат дар самтгирии муносибатҳои миллӣ байни умумиятҳои этникиро дар

дохили давлат танзим намудан ва бологирии ҳувияти миллӣ аз этникиро ташкил намуда, баробарии байни онҳоро новобаста аз мансубияти динӣ амалӣ сохта, мақом ва нақши давлатро ба сифати субъекти фаъоли минтақа дар ҳалли мушкилиҳои минтақавӣ фаъол сохтан.

9) Мавқеи геополитикии давлат – таъсири фаъоли давлат дар доираи муносибатҳои геосиёсии минтақаю ҷаҳон ва истифодаи мавзеъҳои геополитикии ҳудудии худ ва давлатҳои ҳамсояю минтақаҳои дигар дар асоси манфиатҳои миллию давлатӣ.

10) Рамзҳои давлатӣ – таҷассуми таърихи миллӣ дар рамзҳои давлатӣ ва ифодаи имиҷи сиёсии давлат дар рамзҳо.

11) Навсозии низоми сиёсӣ вобаста ба пешрафти замон ва иҷтимоикунонии раванди идораи давлат, талабот ва навсозии раванди идораи давлат, ташкили устувории низоми сиёсӣ ҷузъҳои муҳимтарини имиҷи сиёсии давлатро ташкил менамоянд.

Маҷмуаи хоси имиҷи сиёсии давлат унсурҳои зеринро дар бар мегирад: ҳадафҳои иҷтимоии имиҷи сиёсӣ; мундариҷаи он; имкониятҳо, ҳуқуқҳо ва салоҳиятҳои мушаххасе, ки ҳангоми тағийр ёфтани имиҷи сиёсӣ нисбат ба дигар муассисаҳо ба миён меоянд; хусусияти муносибатҳои барқароршаванда бо ҷамъиятҳо, миллатҳо ва синфҳо.

Ҳамчун меъёри муваффақи мусбати давлат метавон самаранокии имиҷи сиёсии эҷодшудаи онро номид, ки чӣ гуна ба вазъи сиёсии кишвар, соҳаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҳаёти ҷамъиятӣ таъсир мерасонад. Ҳамзамон робитиаҳои хориҷиро бо давлатҳо муайян ва самаранок мегардонад. Ҳангоми ташаккул додани имиҷи сиёсии давлат бояд муносибати динамикӣ бо тағйироти дар соҳаи иҷтимоию сиёсӣ алоқаманд истифода шаванд. Барои қонеъ намудани талаботи замона бояд пайваста имиҷи сиёсии давлат бо рушди равандҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, геополитикӣ, технологию иттилоотӣ ва демографӣ тағйиру такмил дода шавад ва дорои хусусиятҳои муҳимми арзишӣ бошад [23, с.209].

Таъсири омилҳои дохилӣ ва хориҷии ба имиҷи сиёсии давлат пайваста назаррас буда, ба сифати ин ду омил метавон якчанд ҷузъҳоро номбар намуд. Ба омилҳои дохилӣ шомиланд:

- эътирофи бартарии мақоми олии халқ дар идораи давлат аз субъектҳои олии интихобшуда ва институтҳои давлатию ҷамъияитӣ новобаста аз шакли фаъолият;

- мақоми олии қонун ва қарорҳои қабулшуда дар идораи давлатӣ;

- самаранокии фаъолияти субектҳои сиёсӣ дар раванди ҳимояи манфиатҳои миллӣ;

- эътирофи ҳокимияти амалкунанда аз ҷониби халқ;

- истифода нагардидани зӯроварӣ ба сифати воситаи асосии танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ;

- сатҳи пасти ҷинояткорӣ;

- таъмини амнияти миллию давлатӣ;

- иҷтимоикунонии давлатӣ;

- сарнавишти таърхию сиёсии миллат ва фарҳанги миллӣ;

- таъмини рушд ва инкишофи иқтисодиёти миллӣ;

- таъмини самаранокии фаъолияти институтҳои системаи сиёсӣ ба хотири ҳалли мушкилиҳо ва дастрасии талаботи ҷомеа;

- таъмини адолати сиёсӣ, иҷтимоӣ ва судӣ;

- сохтори ташкилии давлат, тақсимоти функсияҳо дар байни институтҳои гуногуни давлатӣ дар самтҳои муайяншуда;

- пешниҳоду коркарди иттилоот таввассути ВАО-и давлатию ғайридавлатӣ дар нисбати мақоми институтҳои системаи сиёсӣ дар раванди авзои дохилии давлат;

- волоият ва таъмини баробарии одамон новобаста аз мақоми иҷтимоӣ;

- бартараф сохтани бегонагии мардум аз ҳокимияти давалатӣ;

- эътирофи субъекти олии интихобшуда ва институтҳои идораи давлат аз ҷониби ҷомеа;

- вобаста ба воқеияти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ қабули қонунҳо дар танзими самтҳо;

- дастгирии давлат ҳамчун ташкилоти сиёсӣ ва надстройкаи сиёсии асосии ҷомеа аз ҷониби халқ.

Ба омилҳои хориҷӣ дохил мешаванд:

- дарки давлат аз ҷониби давлатҳои ҳамсоя ва ташкилотҳои байналмилалӣ ба сифати давлати мутамаддин ва демократӣ;

- сармоягузорӣ ва пешниҳоди грантҳои давлатӣ нисбти давлатҳои қашшоқ ва бартараф намудани проблемаҳои умумиҷаҳонӣ;

- қувваи бузурги ҳарбӣ ва ҷавобгӯ ба стандартҳои байналмилалӣ дар самти техникаҳои ҳарбӣ;

- муносибати объективона ба хотири нобудии тамоми таҳдидҳо ба амнияти байналмилалию минтақавӣ;

- тарғибу ташвиқи боигариҳои таърихӣ дар хориҷи мамлакат ва ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба фарҳанги миллӣ;

- мавқеи геополитикии давлат ва истифодаи мавзеъҳои геополитикӣ дар ҳудуди мамлакат;

- ташаккули маориф ва ихтироъкориҳо дар соҳаи технология ва илмҳои дақиқ аз ҷониби шаҳрвандон ба сифатьи ихтирои беназир дар ҳалли мушкилиҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ;

- таъсири давлат дар ҳалли мушкилиҳои минтақа ва ҷаҳон;

- ба инобат гирифтани арзишҳои гумантирӣ дар идораи давлат;

- ба сифати субъекти фаъол иштироки давлат дар ҳалли мушкилиҳои минтақавию байналмилалӣ ва давлатҳои ҳамсоя;

- ҳимояи манфиатҳои миллӣ новобаста аз макон, замон, вақт, дар низоми муносибатҳои минтақавию байналмилалӣ;

- эҳтиром ва эътирофи арзишҳои манавию ахлоқӣ ва фарҳангии ҷомеаи ҷаҳонӣ;

- таваҷҷуҳи пайваста дар ҳалли хатарҳо ва таҳдидҳо ба амнияти байналмилалию минтақавӣ;

- субъекти фаъол ва мубориз дар нисбат ба таҳдидҳои замони муосир дар арсаи байналмилалӣ, аз қабили хатарҳои экологӣ, термоядроӣ, терроризм ва экстермизми байналмилалӣ;

- мавқеи давлат дар арсаи байналмилалӣ;

- махсусиятҳои миллию ҷуғрофӣ ва мақоми давлат дар замони гузаштаю имрӯза дар рушди муносибатҳои минтақавию умумисайёравӣ;

- хусусиятҳо ва хосиятҳои идораи давлат дар асоси режими сиёсии интихобшуда;

- рушди иқтисодиёт ва содироти молҳо аз саноати сабук ва вазнин ҷавобгӯ ба стандаратҳои байналмилалӣ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ;

- эътирофи истиқлолияти давлатӣ аз ҷониби давлатҳои ҳамсоя ва созмонҳои байналмилалӣ;

- таъмини рушди истиқлолияти хориҷӣ ва аз байн бурдани таҳдидҳо;

- дипломатияи муваффақ ва ҳамкориҳои созанда бо тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ;

- ташаккули стратегия ва тактикаи сиёсати хориҷӣ дар раванди ҳамкориҳои дипломатӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ бо давлатҳои ҷаҳон.

В.Г. Королко хусусиятҳои умуми имиҷро, ки воқеан дар амал ташаккул меёбанд, ҷамъбаст намуда, талаботи асосӣ ба имиҷи сиёсии давлатро муайян кардааст. Ба андешаи ӯ, имиҷи сиёсии давлат бояд чунин тарҳрезӣ шавад: хусусияти муайяни банақшагирифтаро соҳиб бошад, бо ёрии аломатҳо таассуроти муайян эҷод созад; боварибахш ва эътимоднок бошад, яъне имиҷи сиёсии давлат бояд як давлати муайянро муаррифӣ ва мушаххас намояд; равшан ва возеҳ бошад, барои таъсири фаъоли он ба талаботи ҷомеа ҷавобгӯй бошад, агар арзишҳои офаридаи имиҷи сиёсии давлат ба эҳсосоти мардум мурочиат намояд, зуд дарк мегардад ва хусусиятҳои хосси барои давлатро равшан ва возеҳ месозад ва самараноктар мегардад; то андозае байни интизориҳо ва воқеият мувофиқ бошад, яъне имиҷи сиёсии давлат бояд ба тағйирёбии афзалиятҳои сиёсӣ, ба хоҳишҳо ва интизориҳои одамони гуногун ҷавобгӯ бошад [23, с.303].

Имрӯз ҳар як давлат ба имиҷи мусбии ҳам хориҷӣ ва ҳам дохилӣ манфиатдор аст. Дар шароити муосир дилхоҳ ҳукумат пайваста таваҷҷуҳи асосиро ба имиҷи сиёсии дохилӣ равона сохта, пеш аз ҳама, ба шаҳрвандони худ аҳамият зоҳир менамояд, ки барои давлатҳои соҳибихтиёр падиди объективист. Дастгири пайвастаи ҷомеа аз раванди фаъолияти ҳукумат, ки имиҷи сиёсии давлатро бунёд месозад, дар назди шаҳрвандон метавонад ба сифати омили тавонои муттаҳидсозии миллат, таҳкими ҳувияти миллӣ, дастгирии сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ ва яке аз шартҳои амнияти сиёсӣ ва иҷтимоӣ гардад.

Таббист, ки ҷаҳонишавӣ дар шароити имрӯза майлонҳои навро дар низоми ҷаҳонӣ ва идораи давлатҳо ворид намуда истодааст ва дар ин раванд омилҳои беруна дар ҳаёти ҳар кишвар нақши афзояндаро соҳиб гардида, давлатҳоро водор менамояд, ки барои рушду инкишофи имиҷи сиёсии хориҷиашон муносибати ҷиддӣ намоянд. Зеро ҷаҳонишавӣ нақши имиҷи сиёсии хориҷии давлатро тадриҷан меафзояд ва элитаи сиёсии давлатҳоро водор менамояд, ки ба он на камтар аз имиҷи сиёсии дохилии давлат таваҷҷуҳ намоянд.

Мақсаднокӣ ҳамчун хусусияти муҳимми имиҷи сиёсии давлат дониста шуда, мувофиқи он имиҷи сиёсии давлат тасвири махсуси эҷодшуда, дидаю дониста ташаккулёфтаи сиёсӣ буда, барои ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда мебошад. Ба ин нуқтаи назар метавон андешаи О.Н. Гундаринаро пешниҳод кард, ки ӯ имиҷи сиёсии давлатро чунин шарҳ додааст: имиҷи сиёсии давлат ин натиҷаи тарроҳии бошуурона ва мақсаднок мебошад, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳо хизмат мекунад [139].

Сиёсати хориҷии давлат ҷузъи таркибии имиҷи сиёсии давлат буда, аҳамияти он дар имиҷи сиёсии давлат нақши махсусро соҳиб аст. Аҳамияти имиҷи сиёсати хориҷии давлат аз як қатор омилҳои объектвӣ ва субъективӣ вобаста буда, муайянсозии имиҷи сиёсии давлатро дар асоси омилҳои зерин инкишоф медиҳад: раванди рушдёбандаи ҷаҳонишавӣ ва тавсеаи муносибатҳои байналмилалӣ, зарурати ҳамгироӣ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ дар соҳаи

иқтисодӣ, зарурати эмин доштани кишвар аз сиёсати хориҷӣ ва фишори низомӣ аз берун, хоҳиши элитаи ҳукумрон барои дастгирии ҷомеаи ҷаҳонӣ, барои истифодаи он ҳамчун манбаъ дар мубориза бо таҳдидҳои муосир, хоҳиши доираҳои ҳукумрони ҷомеа ба истифодаи имиҷи сиёсии мусбати хориҷии давлат барои мустаҳкам намудани мавқеи худ дар муборизаи рақобати сиёсӣ ва иқтисодӣ бо кишварҳои дигар.

Ташаккули бомуваффақияти сиёсати хориҷии давлат имиҷи сиёсии онро дар хориҷа самаранок ташаккул дода, дар рушди муносибатҳои байналмилалӣ бо давлатҳои дигар, намояндагони тиҷоратӣ ва иқтисодӣ, сармоягузорӣ, баррасии ин ё он давлат ҳамчун таъминкунандаи боъэтимоди молҳои босифат ва маркази ҷаззоби сайёҳӣ таъсири мусбат мерасонад. Имиҷи сиёсии мусбии давлат дар арсаи байналмилалӣ омили мувафақияти кишвар буда, кафолати ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва ташкили гуфтушунидҳои муассирро дар бастани созишномаҳои фоидаовари сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҳарбӣ фароҳам месозад. Вобаста ба моҳияти иҷтимоии фаъолияти давлат дар ҷомеа бояд ёдовар гардид, ки танҳо вақте фаъолият карда метавонад, ки ҷомеаро пайваста аз тамоми самти фаъолияти институтҳои давлатӣ хабардор намояд ва дар мавриди дигар ҷомеаи ҷаҳонӣ дар бораи ин давлат хабарҳои мусбат паҳн намояд.

Имиҷи сиёсии давлат падидаи пур аз ихтилофҳо мебошад, зеро он дар тули солҳову асрҳо офарида шуда, дар як лаҳза хароб мегардад. Имиҷ ҳудуди замон ва замонсозӣ дорад, имиҷи манфӣ нисбат ба мусбӣ дар вақт ва замон таъсири бештар дорад, имиҷи байналмилалии давлат нисбат ба динамикаи равандҳои ҷорӣ бештар ба муносибатҳои ҳукумронӣ тобеъ мебошад. Ҳамзамон эҷоди имиҷи сиёсии давлат ҳамеша ва пайваста ба самаранокии раванди идораи давлатӣ дар мавқеи ҷуғрофӣ, татбиқи режими сиёсӣ ва нишондиҳандаи демографӣ асос меёбад. Инчунин раванди ташаккули имиҷи сиёсии давлатро ба омилҳои объективӣ низ метавон вобаста намуд: иқтисодиёти бузург, сатҳи баланди иҷтимоӣ, маданияти сиёсӣ ва иқтидори бузурги ҳарбӣ.

Имиҷи сиёсии давлат омили муҳимми некуаҳволии он мебошад. Имиҷи мусбии сиёсии дохилии давлат ба устувории ҷомеа, паст гардидани шиддати таҳдидҳои дохилӣ ва афзоиши эътимоди шаҳрвандон ба оянда мусоидат менамояд. Он эътимод ва дастгирии мақомот, сиёсати пешгирифта ва ислоҳотро муайян мекунад, ки ин шарти муҳимми ба итмом расонидани онҳост.

Имиҷи манфии сиёсии давлат метавонад ба низоми муайяни арзишҳо байни шаҳрванду давлат ва кишварҳои ҳамсоя дар раванди ҳамкорҳои мутақобила монеа эҷод намояд. Дар ин вазъият давлат бояд тамоми захираҳои худро барои ҳамвор кардани ҷанбаҳои манфии имиҷи сиёсии давлат равона намояд. Махсусан, мустаҳкамсозии мақоми қонун дар раванди идораи давлатӣ, бартарафсозии муносибатҳои канорӣ, ҷалби шароити мусоиди тиҷоратӣ, аз ҷумла имтиёзҳои гумрукӣ, раванди азназаргузаронии гумрукӣ, осон намудани ҳуҷҷатгӯзорӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ равона созад. Дар навбати дигар ба таври кофӣ вокуниш нишон додан ба тағйирёбии шароити беруна ва шароити дохилӣ, зуд мутобиқ шудан ба онҳо ҳангоми бартарафсозии ҷиҳатҳои манфии имиҷи сиёсии давлат, шароит фароҳам сохтан барои рушди паҳлуҳои мусбии имиҷи сиёсии давлат, ба таври динамикӣ устувории имиҷи сиёсии давлатро нишон додан [14, с.11].

Ҳамин тариқ, таъсири фаъоли имиҷи сиёсии давлат ҳамчун субъекти системаи корпоративӣ вобаста аст аз сохтори ташкилии давлат, тақсимоти функсияҳо байни мақомоти гуногуни давлатӣ, сохтори ташкилии ҳокимият, сохти дохилӣ ва тавозуни муассисаҳои давлатӣ, усулҳои ташаккули низоми расмии арзишҳо ва идеологияҳои миллии ҳамарофарогир, ки аз ҷониби мақомоти дахлдор иҷозат дода шудааст, самаранокии иҷтимоии қонун, таркиби дастгоҳи маъмурӣ, нақши гурӯҳҳои хурд дар сиёсат ва рафтори сиёсии омма, ки дар рушди мақоми сиёсии давлат дар низоми қонунигардонии назорати сиёсӣ, фаъолияти сиёсӣ ва идоракунии сиёсию давлатӣ шароити фароҳам менамояд.

Дар баробари ташаккули имиҷи сарвари сиёсӣ мақоми имиҷи сиёсии давлат низ меафзояд. Дар шароити муосир ташаккули имиҷи сиёсии давлат масъалаи рӯз мебошад. Қувваҳои сиёсие, ки ҳамчун воситаи асосии имиҷи сиёсӣ дониста мешаванд, ҳамчун ҷузъи умумии таркиби давлат низ шуморида мешаванд. Мувофиқи имиҷи сиёсии давлат шаҳрвандон ва ҷомеаи ҷаҳонӣ фикру ақидаҳои худро дар бораи сиёсати давлатӣ ва низоми миллию иҷтимоӣ баён менамоянд. Меарзад ба таври муфассал дар бораи моҳият, сохтор ва вазифаҳои иҷтимоию сиёсие, ки имиҷи сиёсии давлатро муайян менамоянд, ибрози андеша намоем. Дар доираи имиҷи сиёсии давлат тасаввуротҳою идеяҳо дар бораи дастгоҳи давлатӣ фаҳмида мешавад. Дар заминаи чунин системаи сиёсӣ давлат бо сохторҳои гуногуни сиёсию ҷамъиятӣ фаъолона ҳамкорӣ мекунад, ки на танҳо ба имиҷи сиёсии он шакл медиҳад, инчунин пуштибони сиёсии системаи сиёсӣ ва ҳаёти сиёсии ҷомеа мегардад. Иштирокчиёни дигаре, ки ба истиснои худи давлат омили ташаккули имиҷи сиёсии он мегарданд, сохторҳои ҷамъиятии ғайридавлатӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва иштирокчиёни байналмилалӣ мебошанд. Ҷалби субъектҳои иҷтимоию сиёсӣ ва иштирокчиёни раванди фаъоли симои сиёсӣ, асосан, аз режими сиёсии мавҷуда вобаста буда, шакли ташкил ва фаъолияти неруҳои сиёсӣ аз хусусиятҳои он маншаъ мегиранд. Масалан, ба андешаи Яковлев В.В., асосан дараҷаи ихтилофот дар давлат, хусусиятҳои робитаи онҳо, принсипҳо, усулҳо ва роҳҳои ташаккул додани мақомоти давлатӣ, усулҳои идоракунии равандҳои сиёсӣ дар ҷомеа, сатҳи салоҳиятҳои системаи сиёсӣ, вазъи легитимияти ҳокимияти сиёсӣ, инчунин фарҳанги сиёсӣ ва анъанаҳои сиёсӣ дар ҷомеа аз режими сиёсӣ вобаста буда, онҳо омили муҳимми ташаккул ва инкишофи имиҷи сиёсии давлат мебошанд [53, с.14].

Омили дигаре, ки дар шароити имрӯза асоси ташакули имиҷи сиёсии давлат дониста мешавад, волоияти қонун дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ мебошад. Қонуни асосии давлат Конститутсия буда, моҳияти асосиаш дар он аст, ки асосҳои сохтори конститутсионии давлат ва принсипҳои муҳимми идораи ҳаёти ҷамъиятиро муайян менамояд. Конститутсия модели умумии

қонунҳои давлат буда, тамоми қонунҳои дигар аз он сарчашма мегиранд. Қудрати қонун ва, пеш аз ҳама, Конститутсия низоми пурраи ҳуқуқии қонуниро меомӯзад ва устувории тартиботи ҳуқуқии ҷомеа ва волоияти қонунро дар давлат кафолат медиҳад, ки чунин хосияти муайянкунандагии он яке аз шартҳои зарурии имиҷи сиёсии давлат дониста мешавад. Омили дигаре, ки асоси инкишофи имиҷи сиёсии давлат мебошад, воқеияти ҳуқуқҳои шахсӣ ва кафолати он аст. Дар ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсии ҷомеаи муосир озодии инсон ҳуқуқи он аст. Дар доираи қонун мустақилияти фард, ки соҳаи муайяни озодиро соҳиб аст, эътироф мешавад. Коркарди дахлнопазирии ҳокимияти давлатӣ, ки ба ҳуқуқи шахси алоҳида мувофиқанд, барои риояи ин муқаррарот кафолат дода мешаванд. Ҳангоми вайрон гардидани ин ҳуқуқ бояд кафолати ҳимояи судӣ дода шавад.

Хусусиятҳои ҳуқуқии озодии инфиродӣ дар соҳаҳои гуногуни иҷтимоӣ зоҳир мегардад, ки дар давлатҳои демократии муосир ҳуқуқ ё ҳаққи озодӣ дар заминаи ҳуқуқҳои субъекти инфиродӣ, ки мундариҷаи онҳо гуногунанд, муайян шудааст. Аммо хосияти муайянкунандагӣ дар он аст, ки ҳуқуқи шахс ба амалҳои мусбати давлат дар асоси манфиатҳои худ, ба монанди ҳуқуқи дахлнопазирӣ, ҳуқуқи таҳсил, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ҳимояи судӣ ва ҳаракати озод дар ҳудуди давлат амалӣ карда шаванд, то ки ин хусусияти асосии давлати ҳуқуқбунёд бошад, нишонаи муҳим ва муассири давлати муосири демократӣ ба шумор равад. Ҷомеаи инсонӣ ҳамеша ба унсурҳои нав дар сиёсати давлат ба хотири дастрасии манфиатҳо ва талаботҳояш рӯй оварда, андешаи ҷомеаро оиди имиҷи сиёсии давлат, ки ба он таъсир мерасонад, баён медорад.

Омили дигар вобаста аст ба сатҳи инкишофи ҷомеа, давраи мушаххаси таърихӣ, шакли ҳукумат, сиёсати давлат, ки аксари онҳо ба сатҳи маданияти сиёсии шаҳрвандон ва манфиатҳои ҳаётии онҳо муофиқат менамояд. Дар ин маврид пайвастани равобити сиёсии давлат бо имиҷи сиёсии кишвар мебошад. Масалан, Рубан Л.С. менависад, ки ҳаёти инсоният таърихи ҷангҳои шадиду моҷароҳоро дар бар мегирад. Ҳамзамон, ҷомеаи инсонӣ аллакай дар марҳилаи

ибтидоии рушд танзим карда шуда буд. Дар ин фазои муносибат мафҳуми «давлат» бо мафҳуми «кишвар» ҳамчун муродиф дар низоми муносибатҳои байналхалқӣ истифода мешавад [143]. Имиҷи сиёсии давлат доираи имиҷи сиёсию хориҷии онро фаро мегирад.

Сохтори  сиёсии давлатро метавон аз ҷузъҳои зерин иборат донист:

- маълумоти расмӣ дар бораи давлат ва муассисаҳои он;

- ақидаҳои умумӣ дар бораи давлат;

- маълумоти ҳаррӯза дар бораи давлат, фаъолияти мушаххаси маъмурони мақомоти давлатӣ ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ [119, с.13].

Вазифаи имиҷи сиёсии давлатро дар ҷомеаи муосир ба таври зайл фаҳмидан мумкин аст: бе давлат муассисаҳои асосии он вуҷуд надоранд ва давлат мақоми асосии системаи сиёсии ҷомеаро соҳиб буда, он ҳамеша хоҳад буд. Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, хусусиятҳои муҳимми имиҷи сиёсии давлатро метавон чунин нишон дод:

- муайянкунӣ вазифаи коммуникатсионии имиҷи сиёсии давлат буда, ба аҳолӣ имконияти дарки маълумотҳоро дар бораи ҷанбаҳои мусбати давлат фароҳам менамояд;

- идеализатсия хусусияти муҳимми ин раванд буда, дар бораи имиҷи сиёсии давлат тарзи беҳтарини тасаввуротҳоро ба аҳолӣ нишон медиҳад ва ин хусусиятҳое мебошанд, ки ба гурӯҳи муайян хосанд;

- пешниҳоднамоӣ вазифае мебошад, ки хусусиятҳои имиҷи сиёсии давлатро ба миён мегузорад;

- муҳиммияти асосияш дар он аст, ки мақоми давлатро дар шароити кунунии геополитикӣ дар муҳити дигар давлатҳо муайян менамояд;

- мақсадҳо нишон медиҳад, ки алоқаи байни имиҷи сиёсии давлат ва ҷомеа муносибатҳое мебошанд, ки ба якдигар алоқамандfestanд ва ба он ниёз доранд [119, с.111-112].

Имиҷи сиёсии давлат як қатор вазифаҳои худро соҳиб аст, ки ба сифати вазифаи аввалиндараҷа ташаккул додани имиҷи сиёсии давлат, сохторҳои он ва самаранокии он дар ҷомеа ба ҳисоб меравад. Вазифаи дуюми имиҷи сиёсии

давлат ба хизмати давлатӣ ва муассисаҳои давлатӣ нигаронида шудааст. Ба сифати функсияи сеюми имиҷи сиёсии давлат бошад баланд бардоштани мақоми давлат ва қарорҳои он дар назди ҷомеаи тоҷикистонӣ дар соҳаҳои сиёсӣ, амният, молия ва иттилоот дониста мешавад. Сохторҳои сиёсии давлатӣ бояд ба роҳбарони давлат иттилооти зарурӣ, дақиқ ва ҳадафмандро дар бораи татбиқи воқеии нақшаҳои сиёсӣ асоснок намояд ва барои ташаккули имиҷи сиёсии давлат дар назди ҷомеа саҳмгузор бошанд. Ҳамин тариқ, ба таври дақиқ, мувофиқи мақсад ва салоҳиятҳои базиммабуда дар асоси тартиби муқарарнамудаи Конститутсия ва қонунҳои кишвар амал намоянд ва бетарафиро нисбати қарорҳо ва қонунҳои қабулшудаи расмигардонида зоҳир нанамоянд. Зеро ба инобат нагирифтани тартиботи муайяншуда, махсусан, аз ҷониби корманди ҳифзи ҳуқуқ ноустувории муносибатҳоро байни ҷомеа ва элитаи сатҳи олии сиёсии кишвар ва ҳокимияти амалкунанда инкишоф дода, боиси ҷиҳати манфӣ касб кардани муносибатҳои мутақобилаи ҷомеа ва ҳокимияти сиёсӣ гардида, коҳишёбии имиҷи сиёсии давлатро истисно намекунад. Муносибати мазкур раванди муносибат байни мақомоти давлатӣ ва назорати шаҳрвандиро дар назар дорад.

Дар равандҳои иҷтимоӣ ин назорат системаи тадбирҳои таъмини саривақтӣ, ошкоршавии зуҳуроти номатлуб ва тамоюлҳо дар давлат буда, ба фаъолияти баъзе объектҳо ва ташкилоту муассисаҳо вобаста мешавад. Ҷиҳати муҳимми ин доираи муносибат на танҳо барои ҳалли мушкилиҳо равона шудааст, балки барои ҷамъоварии иттилооте, ки онҳо мавҷудияти имконпазири муносибатро бо пайдо гардидани сабабҳои асосӣ нишон медиҳанд ва дар навбати дигар, пешбурди иттилоотро ба мақомоти дахлдор иҷро менамоянд, ки вазифаи худро мақомоти давлатӣ дар доираи мақомаш дар системаи сиёсии ҷомеа анҷом медиҳанд. Дар зери мафҳуми назорати шаҳрвандӣ фаъолияти шаҳрвандон дар ассотсиатсияҳо, кумитаҳо ва ҳизбҳои сиёсӣ фаҳмида мешавад, ки муқаррароти муайяннамудаи давлат асоси фаъолияти онҳо дарк мегардад ва ҳамзамон хосияти иртиҷоӣ надоштани муносибати онҳо ба мақомоти давлатӣ, муассисаҳои сиёсӣ муайян мешаванду

дар асоси манфиатҳои ҷамъиятӣ, эҳтиёҷот ва талаботашон муносибат менамоянд [119, с.112].

Ҳамин тариқ, имиҷи сиёсии давлати муосири Тоҷикистонро бояд шакли асосии таъмини муомилоти озод бо тамоми иттилооте, ки бо қонуни давлат, ҷомеаю шаҳрвандони он ва созмонҳои иҷтимоӣ иҷозат дода шудааст, ташкил намоянд. Зеро асоси имиҷи сиёсии давлат дар шароити дохилӣ ва хориҷии он иттилоот ба ҳисоб меравад. Фаъолияти дигаре, ки воситаи дигари инкишофи имиҷи сиёсии давлат дониста мешавад, ин тарбияи ватандӯстонаи шаҳрвандон мебошад. Ин фазои муносибат маънои онро дорад, ки аз хидмати давлатӣ бояд аксарияти элитаи ҳукмрон, аҳолии кишвар, ВАО ва сохторҳои дигари ҷамъиятӣ бахравар бошанд. Махсусан, аҳолии мамлакат бояд бидонад, ки маблағҳои буҷети давлатӣ ба кадом самт равона карда мешаванд, дар куҷо сарф мешаванд ва камбудиҳои системаи иҷтимоии ҷомеа, аз қабили кафолати амнияти иттилоотии шахс дар кадом сатҳ бартараф карда мешаванд. Яке аз ҷиҳатҳои муҳим, ки вазифаи асосии имиҷи сиёсии давлат мебошад, ба фарҳанги сиёсии шаҳрвандон аҳаммият додан аст. Дар ин доираи муносибат на танҳо арзишҳо ва садоқат ба як идеология дар назар аст, балки раванди тарбияи шаҳрвандон дар бораи роҳбарияти сиёсӣ, яъне элитаи сиёсӣ дар назар аст.

Ҳамзамон бояд қайд намоем, ки имиҷи сиёсии давлат манбаи муҳимми субот дар ҷомеа буда, бо кумаки он некуаҳволии шаҳрвандон ва нуфузи давлат дар арсаи байналмилалӣ таъмин мегардад ва инчунин як омили ҷолибияти сармоягузории давлат, муносибгардонии ҳамкориҳои иқтисодӣ ва мавқеъ дар фазои геополитикӣ мебошад. Тавассути имиҷ афкори ҷамъиятӣ дар як самти муайян ташаккул меёбад, ки дарки муносиби давлат ва сарвари сиёсиро таъмин менамояд, шаҳрвандони хориҷӣ ва давлатҳои хориҷиро барои ҳамкориҳои муассир ҳавасманд менамояд. Аз ин рӯ, ташаккули имиҷи сиёсии давлат дар шароити муосир вазифаи ҳар як ҳукумат мебошад. Роҳу воситаҳои ташаккули имиҷи сиёсии давлат, ки тавассути он танзим ва идораи ҷомеа ба роҳ монда мешавад, масъалаи мубрами рӯз аст. Дар замони муосир яке аз

роҳҳои асосии инкишофи имиҷи сиёсии давлат истифодаи технологияҳои муосир ба ҳисоб меравад, ки таснифоти технологияҳо дар заминаҳои мухталиф барои ташаккул ва идоракунии имиҷи сиёсии давлат истифода мешаванд. Дар системаи таснифоти технологияҳо, имиҷи сиёсии давлат ҷойгоҳи муҳимро соҳиб аст, то онро ба самти манипулятивӣ ва оқилона мувофиқи дараҷаи самти шуур ва ҳиссиёт тақсим намоянд.

Дар ин раванд хулоса бароварда мешавад, ки асоси иттилооти манипулятивӣ хосияти тағйирёфта мебошад ва барои афкори ҷамъиятӣ пӯшидаанд ва онро тавре роҳнамоӣ месозанд, ки ба иштирокчиёни раванди сиёсӣ фоидаовар бошанд. Навъи оқилона ба маълумотҳои объективии шаҳрвандон асос ёфта, имиҷи сиёсии давлатро ба воқеият наздик менамояд ва тамоми технологияҳои иттилоотии сиёсӣ барои эҷоди имиҷи сиёсии давлат истифода мешаванд. Ҳар қадаре, ки маълумот дар бораи давлат ва инчунин муносибати мутақобилаи он бо ҷомеа камтар бошад, тахминҳо, овозаҳо, яъне иттилооти субъективӣ, ки вазъияти воқеиро инъикос намекунанд ва аксар вақт мундариҷаи манфӣ доранд, ташаккул меёбанд. Дар фазои иттилоотӣ тамоюли пур кардани ҷойҳои “холӣ” бо мифҳо вуҷуд дорад, зеро фазои бештар барои фикр дар доираи бозии хаёлот ва овозаҳо боқӣ мемонад. Аз ин рӯ, кор дар самти дастгирии иттилооти давлат қадами муҳиммест барои тоза кардани фазои иттилоотӣ аз мифҳою иттилооти манфӣ ва пур кардани он бо иттилооти зарӯрӣ. Дар ташаккули имиҷи сиёсии давлат маълумоти ҷорӣ дар асоси руйдодҳои дохилӣ ва хориҷӣ нақши муҳимро мебозад.

Сарфи назар аз зарурияти иттилоотӣ метавон онро ташаккул дод ва он метавонад хусусияти рангорангиро дар худ инъикос намояд. Инро бо истифодаи технологияҳои гуногуни иттилоотӣ ва усулҳои психологие, ки дар асоси онҳо имиҷи сиёсии давлат бунёд мешавад, иҷро кардан мумкин аст. Имиҷи сиёсӣ як тасвири рангоранги эҳсосотие мебошад, ки ҳадафмандона аз ҷониби субъекти сиёсӣ дар асоси объекти сиёсӣ бо мақсадҳои муайян тавассути технологияҳои махсуси иттилоотӣ ташаккул ёфтааст [135, с.213].

Ҳамин тавр, аз рӯйи дараҷаи объективии иттилооти интиқолшуда он метавонад саҳеҳ ва носаҳеҳ бошад. Ҳадафи аввал барои интиқоли иттилооти мавҷуда бо мақсади огаҳкунии ҷомеа аз вазъи кунунӣ истифода мешавад. Ин метавонад иттилоот дар бораи афзалиятҳои давлат, ҷиҳатҳои қавӣ ва мусоиди сиёсати давлат бошад. Аксари технологияҳои иттилоотӣ на танҳо барои ҷараёни ташаккули имиҷи сиёсии давлат равона шудаанд, балки барои соҳаҳои гуногуни сиёсати иттилоотии давлат дар соҳаи таблиғот ва шуури оммавию идеологӣ низ истифода мешаванд. Илова бар ин, бо дарназардошти дараҷаи фарогирии обрӯ, ки маҷмуи хусусиятҳои воқеии давлатро дар бар мегирад, метавон аксари технологияҳои сиёсиро технологияи имиҷи сиёсии давлат номид. Бояд гуфт, ки қисми ҷудонопазиру муҳимми имиҷи сиёсии давлатро имиҷи сарвари сиёсӣ ташкил менамояд, ки дар натиҷаи он технологияи махсуси эҷоди он ва технологияи имиҷи сиёсии давлат қобили истифодаанд. Технологияҳо метавонанд ба рӯйдодҳои ҷорӣ ва махсус эҷодшуда тақсим шаванд ва ҳардуи ин навъи технология дар раванди ташаккули имиҷи сиёсии давлат фаъолона истифода мешаванд [25, с.80].

Бояд гуфт, ки дар эҷоди имиҷи сиёсии давлат тавассути технологияҳои иттилоотӣ воситаҳои техникӣ ва усулҳои психологии баровардасозии иттилооти коркардшудаи ҷориро амалӣ намуд. Дар доираи чунин муносибат аз ҳама навъи шаклҳои таъсиррасонӣ истифода намуда, ҳамоҳангии дарк ва дараҷаи зуҳуроти сифатҳои объектро дигар сохта, дар навбати дигар, вобаста аз муносибати субъекти сиёсӣ метавонад тағийр ёбад, ки ин барои эҷоди имиҷи сиёсии давлат роҳи устувор нест. Яке аз роҳҳои муваффақи ташаккули имиҷи сиёсии давлат ин на тағйир додани иттилоот нисбати вазъи кунунии ҷомеа ва ба омма пешниҳоди он дониста мешавад, балки воқеияти идораи давлат дар  соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ тағйир кардан аст, ки ниёз ба ислоҳот доранд. Масалан, ислоҳоти соҳаҳои дахлдори ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии ҷомеа вобаста ба талабот ва манфиатҳои миллӣ дар асоси воқеияти муносибатҳо ва дараҷаи рушду инкишофи кишвар амалӣ карда шавад [123].

Хулоса, имиҷи сиёсии давлат ҳамчун як унсури муҳимми муносибатҳои сиёсӣ ва байналмилалӣ таъсири бузург ба рушди устувори сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии кишварҳо дорад. Таҳлили илмӣ нишон медиҳад, ки имиҷи сиёсии давлат аз ду паҳлӯ - дохилӣ ва хориҷӣ ташаккул меёбад. Омилҳои дохилӣ, аз ҷумла сатҳи шуури сиёсӣ, устувории низоми сиёсӣ, фаъолии элитаи ҳукумрон ва робитаи ҷомеа бо ҳукумат, ба имиҷи сиёсӣ таъсири мустақим мерасонанд. Омилҳои хориҷӣ, аз қабили муносибатҳои дипломатӣ, эътирофи байналмилалӣ ва саҳмгузории кишвар дар ҳалли мушкилоти глобалӣ имиҷи давлатро дар сатҳи ҷаҳонӣ муайян месозанд.

Раванди ташаккули имиҷи сиёсии давлат бояд системавӣ, ҳадафманд ва мутобиқ ба арзишҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ бошад. Ҳамзамон, барои ташаккули имиҷи мусбии давлат, бояд сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ бо ҳам мувофиқ ва ба манфиатҳои миллӣ равона карда шавад. Бозёфтҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки имиҷи манфии давлат метавонад ба коҳиши эътимоди шаҳрвандон, коҳиши сармоягузорӣ ва заъфи мавқеи байналмилалӣ оварда расонад.

Дар натиҷаи омузиши илмии имиҷи сиёсии давлат, омилҳои дохилӣ ва хориҷии он пешниҳодҳои зерин ҷиҳати боз ҳам баланд бардоштани таъсири он зарур шуморида мешаванд.

1. Баланд бардоштани самаранокии идораи давлатӣ. Барои таҳкими имиҷи мусбии сиёсии давлат бояд сатҳи шаффофият ва масъулиятнокии ниҳодҳои давлатӣ боло бурда шавад. Ин ба рушди эътимоди шаҳрвандон ва ҷомеаи ҷаҳонӣ мусоидат мекунад.

2. Рушди дипломатияи фаъол. Давлат бояд сиёсати хориҷии фаъоли дипломатиро роҳандозӣ намуда, мавқеи худро дар арсаи байналмилалӣ тақвият бахшад. Иштироки фаъолона дар созмонҳои байналмилалӣ ва ҳалли мушкилоти глобалӣ метавонад имиҷи байналмилалии давлатро беҳтар созад.

3. Мустаҳкам намудани робитаи давлат бо ҷомеа. Пешбурди механизми муколамаи самаранок байни ҳукумат ва шаҳрвандон ба беҳтар шудани имиҷи дохилии давлат мусоидат менамояд. Ин метавонад тавассути ВАО, шабакаҳои иҷтимоӣ ва вохӯриҳои бевосита бо ҷомеа амалӣ гардад.

4. Таҳкими волояти қонун ва адолати иҷтимоӣ. Риояи баробарии шаҳрвандон, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва мубориза бо падидаҳои номатлуб барои ташаккули имиҷи мусбии дохилӣ ва хориҷии давлат зарур аст.

5. Рушди иқтисодиёти рақобатпазир. Иқтисодиёти устувор ва рақобатпазир метавонад ба беҳтар шудани имиҷи давлат дар сатҳи ҷаҳонӣ мусоидат намояд. Ҷалби сармояи хориҷӣ ва рушди технологияҳои муосир дар ин раванд нақши муҳим доранд.

6. Истифодаи технологияҳои муосир барои пешбурди имиҷи давлат. Ҳукумат бояд стратегияи пешбурди имиҷи давлатро дар фазои рақамӣ ва воситаҳои иттилоотии муосир татбиқ намояд.

7. Ҳифзи фарҳанг ва арзишҳои миллӣ. Ҳифзи фарҳанг, таърих ва арзишҳои миллӣ метавонад дар эҷоди имиҷи мусбати давлат нақши муҳим бозад. Ташвиқ ва муаррифии фарҳанги миллӣ дар сатҳи байналмилалӣ муҳим аст.

8. Баланд бардоштани сатҳи маърифати сиёсӣ ва шаҳрвандии ҷомеа. Тавассути таълим ва маърифати сиёсӣ шаҳрвандон метавонанд дар идоракунии давлатӣ фаъолона иштирок намуда, саҳми худро дар ташаккули имиҷи мусбии давлат гузоранд.

Бо дарназардошти аҳамияти имиҷи сиёсии давлат, татбиқи ин пешниҳодҳо метавонад ба ташаккули имиҷи сиёсии мусбӣ ва таҳкими мавқеи давлат дар арсаи байналмилалӣ мусоидат намояд. Хулоса, имиҷи сиёсии давлат ҳамчун як падидаи мураккаби иҷтимоӣ-сиёсӣ дар заминаи робитаҳои мутақобилаи давлат ва ҷомеа, инчунин таъсири муҳити байналмилалӣ ташаккул меёбад. Дар доираи таҳлили илмии муосир он на танҳо ба сифати як тасвири визуалӣ ё таблиғотии ҳокимият, балки ҳамчун самари робитаҳои муназзами сиёсии дохилӣ ва хориҷӣ баррасӣ мегардад. Муаллиф бо ҷудо намудани ду гурӯҳи омилҳои таъсиргузор: дохилӣ ва хориҷӣ ба таври мантиқӣ ва таҳқиқотӣ равандҳои шаклгирии имиҷи сиёсии давлатро шарҳ медиҳад.

Омилҳои дохилӣ ба муҳити сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии дохилии кишвар вобаста буда, ҷойгоҳи марказӣ дар ташаккули имиҷи давлат дар шуури шаҳрвандон доранд. Муаллиф омилҳои зеринро муҳим арзёбӣ мекунад:

Механизми идоракунӣ ва шакли ҳокимият, ки зоҳири демократии ҳокимиятро инъикос мекунад. Давлате, ки принсипҳои волоияти қонун, тақсимоти салоҳият ва шаффофияти фаъолияти муассисаҳои давлатиро риоя мекунад, дар ҷомеа имиҷи устувор ва мусбат ба вуҷуд меорад.

Сатҳи адолати иҷтимоӣ ва рушди иқтисодӣ муайян месозад, ки то куҷо ҳокимият қодир аст ниёзҳои аслии иҷтимоии шаҳрвандонро қонеъ созад. Зуҳури нобаробарӣ, фасод ва дигар падидаҳои номатлуб боиси эрозияи имиҷи дохилӣ мегардад.

Мавҷудият ва амалишавии ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандӣ, ки ҳамчун нишондиҳандаи сатҳи демократия ва ҳуқуқбунёдии давлат амал мекунад. Нақши ВАО ва муошимрати муассир, ки тасвири сиёсиро барои омма таҳия мекунад. Муассирияти сиёсати иттилоотӣ, ки ба фазои боз ва дастрасии озоди иттилоот такя мекунад, муҳити боэътимодро шакл медиҳад.

Омилҳои хориҷӣ ба он ҷанбаҳое иртибот доранд, ки дар фазои байналмилалӣ имиҷи давлатро дар назди ҷомеаи ҷаҳонӣ ва дигар давлатҳо ташаккул медиҳанд:

Сиёсати хориҷӣ ва муносибатҳои дипломатӣ, ки давлат тавассути онҳо мавқеи худро дар низоми геополитикии ҷаҳон муайян месозад. Ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ, ҳалли мусолиматомези муноқишаҳо ва иштироки фаъол дар ташаббусҳои минтақавӣ заминаи ташаккули имиҷи мусбати байналмилалист.

Мавқеи давлат дар фазои иттилоотии ҷаҳонӣ, ки тавассути ВАО-и байналмилалӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ ташаккул меёбад. Агар давлат дар ВАО бо барномаву иқдомҳои созанда муаррифӣ шавад, имиҷи он дар сатҳи ҷаҳонӣ устувортар мегардад. Фаъолияти диаспора ва намояндагиҳои расмӣ дар хориҷа, ки метавонад ҳамчун пули иттилоотӣ байни давлат ва ҷомеаи ҷаҳонӣ амал кунад.

Ихтилоф ё номувофиқатӣ байни имиҷи сиёсии дохилӣ ва хориҷии давлат метавонад боиси коҳиши легитимият, беэътимодии шаҳрвандон ва паст гардидани мавқеи байналмилалӣ гардад. Аз ин рӯ, стратегияи рушди имиҷи сиёсӣ бояд дуҷониба, яъне бо дарназардошти муҳити дохилӣ ва равандҳои берунӣ амалӣ гардад. Истифодаи оқилонаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, пешбурди шаффофияти идоракунӣ ва эҳтироми меъёрҳои байналмилалӣ аз ҷумлаи василаҳои муҳимми ташаккули имиҷи устувори сиёсии давлатанд.

# БОБИ 3. ХУСУСИЯТҲОИ МУҲИММИ ТАШАККУЛЁБИИ ИМИҶИ СИЁСИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 3.1. Заминаҳои ташаккулёбии имиҷи сиёсии Ҷумҳури Тоҷикистон

Дар шароити тағйирёбии низоми ҷаҳонӣ Осиёи Марказӣ ҳамчун минтақае, ки дар он манфиатҳои қудратҳои ҷаҳонӣ ба ҳам бархӯрд менамоянд, аҳамияти стратегӣ пайдо мекунад. Чунин вазъ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб мекунад, ки худро ҳамчун як бозингари устувори минтақавӣ фаъолона муаррифӣ кунад. Кишвар дар сиёсати хориҷии худ пайваста прагматизмро нишон медиҳад ва байни марказҳои гуногуни қудрат мувозинатро нигоҳ медорад. Бо назардошти марзи тулонии кишвар бо Афғонистон ва таҳдиди экстремизми фаромиллӣ, ба масъалаҳои амниятӣ таваҷҷӯҳи махсус зоҳир карда мешавад. Обрӯи сиёсии Тоҷикистон ҳамчун шарики боэътимод тавассути ташаббусҳои мушаххас, аз дипломатияи об то иштирок дар созмонҳои амниятии минтақавӣ тақвият меёбад. Лоиҳаҳои байналмилалии таҳти роҳбарии Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон амалишуда, ба монанди пешбурди идоракунии захираҳои об дар форумҳои СММ, ба омили ташаккул ёфтани симои мусбати кишвар табдил ёфтаанд.

Фурупошии Иттиҳоди Шуравӣ яке аз омилҳои ноустувор гардидани вазъи сиёсӣ дар минтақа ва заминаи ба амал омадани низоъҳои сиёсии дохилӣ дар Тоҷикистон гардид. Солҳои аввали истиқлолият бо парокандашавии босуръати ниҳодҳои марказӣ ва шиддат гирифтани низоъҳои маҳаллӣ тавсиф мешавад. Ҷомеаи байналмилалӣ ин ҳодисаҳоро ҳамчун нишонаҳои давлати заиф ва нозук қабул кард, ки ба имиҷи аввалияи ҷумҳурӣ таъсири манфӣ расонид. Бар болои ин мушкили деринаи сарҳадҳои номуайян ва шиддат гирифтани зӯроварӣ илова гардид. «Дар тули беш аз се даҳсола, набудани хатти марзии қонунан эътирофшуда, ки аз тақсимоти маъмурии худсаронаи давраи шуравӣ мерос монда буд, боиси ба амал омадани шиддати гуногун дар миқёси муносибатҳои байнидавлатӣ гардид - аз низоъҳои дохилии байни

сокинони деҳаҳои марзӣ то задухӯрдҳои мусаллаҳонаи байнидавлатӣ. Вазъият дар солҳои 2021-2022, вақте ки минтақаҳои марзии вилояти Боткени Қирғизистон ва вилояти Суғди Тоҷикистон ба макони амалиёти шадиди низомӣ бо истифода аз техникаи вазнин, артиллерия ва ҳавопаймоҳои бесарнишин табдил ёфт, ки боиси даҳҳо қурбонӣ, харобшавии инфрасохтори шаҳрвандӣ ва муҳоҷирати оммавии аҳолӣ гардид» [96, с.15].

Ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 захмҳои амиқи демографӣ, иҷтимоӣ ва сиёсиро, аз ҷумла кӯчонидани аҳолӣ дар дохили кишвар ва аз даст додани эътимод байни гурӯҳҳоро боқӣ гузошт. Ҳалли мусолиматомези ҷанги шаҳрвандии таҳмилӣ дар соли 1997 ба суботи расмӣ оварда расонид, аммо пас аз хушунат муддати тӯлонӣ баҳодиҳии байналмилалии кишварро ташаккул дод. Ин таъсирҳо тасаввуроти манфӣ нисбат ба Тоҷикистонро ҳамчун кишвари дорои хатари баланд барои сармоягузорӣ ва ҳамкорӣ ба вуҷуд овард. Ин тасвири ибтидоии манфӣ ба афзалиятҳои сиёсати хориҷӣ ва механизмҳои ҷалби кумаки байналмилалӣ таъсир расонид. Дар ин давра таъкид ба барқарорсозии амният ва дастгирии башардӯстона равона карда шуд, ки имконияти ташаккули тасвири мусбатро тавассути дастовардҳои иқтисодӣ имконпазир гардонид.

Раванди миллатсозӣ барои ташаккули ҳувияти нави сиёсӣ, ки бар решаҳои таърихӣ ва мероси фарҳангӣ асос ёфтааст, равона карда шуд. Дар заминаи суботи баъдиҷангӣ таваҷҷӯҳи мақомот ва муассисаҳои давлатӣ ба муттаҳид кардани рамзҳое равона шуд, ки қодир ба муттаҳид кардани аҳолӣ буданд. Ин чаҳорчӯбаи ҳувият ба як воситаи муҳим дар талошҳои тағйир додани тасаввуроти беруна дар бораи кишвар табдил ёфт. Дар ин амалияҳо ҷойгоҳи махсус ба муроҷиат ба мероси Сомониён ҳамчун асоси таърихӣ ва фарҳангии таърихи миллӣ дода шуд. Муаррифии дастовардҳои давраи Сомониён барои таъкид кардани идомаи таърихи тамаддунии тоҷикон истифода мешуданд. Ин эҳёи таърихӣ ҳамчун манбаи қонунӣ кардани давлати нав хидмат кард ва ҳамбастагии дохилиро тақвият дод. Ташаккули ҳувияти сиёсӣ тавассути мероси таърихӣ ҳамзамон барои қонунӣ кардани ҳокимияти

дохилӣ ва брендинги беруна хизмат кард. Мурочиат ба давраҳои шукуфоии таърихӣ Тоҷикистонро ҳамчун давлате бо масири фарҳангии худ, ки аз ҳамсоягонаш фарқ мекунад, муаррифӣ кард.

Дар шароити муосири идораи давлатӣ ҷустуҷӯи заминаҳо ва роҳу усулҳои амалигардонии ташаккули имиҷи сиёсӣ дар Ҷумҳури Тоҷикистон зарур дониста мешавад. Имиҷи сиёсӣ ҳамчун як падидаи мураккаб, на танҳо имиҷи сиёсии давлат ва институтҳои сиёсии системаи сиёсиро дар арсаи байналмилалӣ муайян мекунад, инчунин муносибати дохилии он бо шаҳрвандонро низ инъикос месозад. Таҳқиқоти сиёсӣ нишон медиҳанд, ки барои ташаккули имиҷи сиёсии мустаҳкам ва устувор татбиқи тадбирҳои якдафъаина кофӣ нест, балки механизми институтсионалии мунтазам зарур аст.

Дар ин замина, таҳия ва татбиқи стратегияи мушаххаси имиҷсозӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба арзишҳои миллӣ, анъанаҳои фарҳангӣ ва ҳадафҳои стратегии пешрафти кишвар мувофиқ бошад, аҳамияти вижа пайдо мекунад. Ин стратегия бояд самтҳои асосии ташаккули имиҷи мусбатро дар дохил ва хориҷи кишвар муайян намуда, технологияҳои муосири иттилоотӣ ва коммуникатсиониро барои тарғиби дастовардҳо ва имкониятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода барад. Муҳимтарин ҷузъи ташаккули имиҷи сиёсӣ ин таъмини шаффофият ва ҳисоботдиҳии мақомоти давлатӣ, мубориза бо коррупсия ва таъмини волоияти қонун мебошад. Омилҳои мазкур на танҳо эътимоди шаҳрвандонро дар муносибат ба ҳукумат беҳтар мекунанд, балки барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва таҳкими обрӯи байналмилалии кишвар заминаи мусоид фароҳам меоранд [90]. Ҳамзамон, рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва фаъолияти озоди воситаҳои ахбори омма дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ ва муаррифии воқеии вазъи кишвар нақши муҳим мебозанд.

Илова бар ин, ташаккули имиҷи сиёсӣ аз тарғиби фарҳанги миллӣ, таърихи ғанӣ ва мероси маънавии халқи тоҷик вобаста аст. Баргузории чорабиниҳои фарҳангӣ дар сатҳи байналмилалӣ, иштирок дар намоишгоҳҳо ва фестивалҳо, инчунин дастгирии лоиҳаҳои фарҳангӣ ва илмӣ ба муаррифии

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари дорои фарҳанги қадима ва имкониятҳои бузурги сайёҳӣ мусоидат мекунанд. Институтҳои давлатӣ бояд дар ин раванд нақши калидӣ бозанд, зеро бидуни иштироки фаъолонаи онҳо ислоҳоти устувори имиҷсозии сиёсӣ имконнопазир хоҳад буд. Вале ин маънои онро надорад, ки дигар субъектҳои раванди сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар ин самтд бояд фаъол набошанд. Баръакс, ҷомеаи шаҳрвандӣ, расонаҳо ва ҳизбҳои сиёсӣ низ метавонанд ба ташаккули фазои демократӣ ва легитимияти сиёсӣ саҳм гузоранд. Дар чунин шароит заминаҳои бунёдии имиҷи сиёсӣ омили асосии шаклгирии он мегардад.

Бояд гуфт, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккули имиҷи сиёсии кишвар нақши барҷаста ва беназире дорад. Роҳбарии хирадмандона, сиёсати сулҳҷӯёна, талошҳои пайваста дар роҳи ваҳдати миллӣ ва пешрафти иқтисодиву иҷтимоии кишвар аз ҷумлаи омилҳое мебошанд, ки дар арсаи байналмилалӣ обрӯ ва эътибори Тоҷикистонро баланд бардоштанд. Ибтикороти ҷаҳонии Президенти кишвар дар масъалаҳои об, энергетика ва мубориза бо терроризм мисоли равшани ин гуфтаҳост. Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо сиёсати хориҷии мутавозин ва созанда тавонист Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун шарики боэътимод дар арсаи ҷаҳонӣ муаррифӣ намояд. Густариши ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба бо кишварҳои ҳамсоя ва дигар давлатҳои ҷаҳон, фаъолона ширкат варзидан дар кори созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва минтақавӣ, мизбонӣ кардани ҳамоишҳои сатҳи баланд – ҳамаи инҳо ба таҳкими мавқеи Тоҷикистон дар ҷаҳон мусоидат мекунанд [100].

Илова бар ин, Президенти кишвар ба масъалаи рушди фарҳанг ва маънавиёти миллӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамоянд. Баргузории ҷашнҳои таърихӣ, эҳёи ҳунарҳои мардумӣ, дастгирии аҳли илму фарҳанг ва дигар иқдомот дар ин самт ба ташаккули имиҷи мусбати Тоҷикистон ҳамчун кишвари дорои фарҳанги ғанӣ ва тамаддуни бостонӣ мусоидат мекунанд. Ҳамчунин, саъйи пайвастаи Президенти кишвар дар роҳи таъмини сулҳу субот, ваҳдати миллӣ, рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва баланд бардоштани

сатҳи зиндагии мардум дар бунёди имиҷи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши арзанда дорад [141]. Ин омилҳо Тоҷикистонро ҳамчун кишвари мутамаддин ва боэътимод дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ менамоянд.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар шароити имрӯзаи ҷаҳонӣ давлатҳоро зарур меояд, ки ба заминаҳои асосии ташакули имиҷи сиёсӣ ва роҳу воситаҳои таъсиррасони ташаккули он муносибати мушаххаси сиёсӣ зоҳир намоянд, зеро яке аз омилҳои муассири ҷонибдории ҳокимияти сиёсӣ ва субъектҳои идораи давлатиро новобаста аз сатҳ ва рушди инкишофи давлат маҳз таъсири фосилавии имиҷи сиёсӣ муайян менамояд. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон механизмҳои зерин ҳамчун замина ва роҳу усулҳои амалигардонии минбаъдаи ташаккули имиҷи сиёсӣ пешниҳод мегарданд: минбаъд низ идома додани корҳо дар самти баланд бардоштани самаранокии давлати ҳуқуқбунёд ва иҷтимоӣ, низоми интихобот ва раванди демократикунонии ҷомеа, ҳамоҳангсозии манфиатҳои гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ, низоми ҳизбӣ ва иштироки ҳизбҳо дар ҳаёти сиёсӣ, рушди қонунгузорӣ ва низоми ҳуқуқӣ, тобеи манфиатҳои миллӣ намудани фаъолияти расонаҳои хабарӣ, рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва иштироки шаҳрвандон дар равандҳои сиёсӣ.

Дар ин замина, таҳкими минбаъдаи волоияти қонун, таъмини адолати судӣ ва мубориза бо коррупсия аҳамияти аввалиндараҷа пайдо мекунад. Ин вазифаҳо на танҳо тақозои иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалӣ, балки заминаи муҳимми таъмини субот ва пешрафти устувори ҷомеа ба шумор мераванд. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва афзоиши рақобат, рушди қонунгузорӣ ва низоми ҳуқуқӣ бояд ба мутобиқсозии қонунгузории миллӣ ба меъёрҳои байналмилалӣ, инчунин ба эҳтиёҷоти воқеии ҷомеа ва иқтисодиёт равона гардад. Ин имкон медиҳад, ки фазои мусоиди сармоягузорӣ фароҳам оварда шуда, ҳуқуқ ва манфиатҳои шаҳрвандон ва соҳибкорон ҳифз карда шаванд.

Дар самти тобеи манфиатҳои миллӣ намудани фаъолияти расонаҳои хабарӣ, муҳим аст, ки плюрализми афкор таъмин карда шавад. Расонаҳои хабарӣ бояд дар инъикоси воқеияти иҷтимоӣ, таблиғи арзишҳои миллӣ ва

мубориза бо ифротгарой саҳмгузор бошанд. Рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва иштироки шаҳрвандон дар равандҳои сиёсӣ аз муҳимтарин шартҳои таъмини шаффофият ва масъулияти давлатӣ мебошад. Ин тақозо мекунад, ки механизмҳои муассири ҳамкорӣ байни давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, фаъол намудани нақши ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар ҷомеа ба амал бароварда шавад.

Татбиқи самараноки ин механизмҳо на танҳо барои ташаккули имиҷи сиёсии мусбати Тоҷикистон замина мегузорад, балки барои татбиқи босамари вазифаҳои конститутсионии давлат низ аҳамияти назаррас дорад. Муносибатҳои амалии мушаххас дар раванди идораи давлатӣ ҷиҳати татбиқгардии давлати ҳуқуқбунёд ҳамчун замина ва роҳу усулҳои амалигардонии ташаккули имиҷи сиёсӣ таъсири устувор дорад. Файласуфи маъруфи немис Карл Ясперс таъкид мекард: «Озодии инсон аз он лаҳза оғоз меёбад, ки дар давлате, ки ӯ зиндагӣ мекунад, қонунҳои қабулшуда мавриди иҷро қарор мегиранд. Чунин озодӣ, озодии сиёсӣ ном дорад. Давлате, ки дар он озодӣ бар асоси қонунҳо татбиқ мегардад, давлати ҳуқуқбунёд номида мешавад» [57, с.214].

Дар ин радиф, таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ, ҳифзи арзишҳои фарҳангӣ ва таърихии халқи тоҷик, ҳимояи фазои иттилоотии ҷомеа барои рушди маънавии ҷомеа низ аз ҷумлаи самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ ба шумор меравand. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки тавассути татбиқи барномаҳои мушаххас ва дастгирии ибтикороти ҷомеаи шаҳрвандӣ дар пешрафти ин самтҳо саҳмгузор бошад. Баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ва таъмини дастрасии онҳо ба хизматрасониҳои давлатӣ низ аз ҷузъҳои муҳимми сохтмони давлати ҳуқуқбунёд аст. Дар ин самт, тақвияти нақши адвокатура, таъмини фаъолияти шаффоф ва самараноки ниҳодҳои судӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин, таҳия ва нашри адабиёти ҳуқуқӣ ва ба аҳолӣ дастрас намудани онҳо аҳамияти калон дорад [58]. Ҳамзамон, рушди низоми ҳуқуқии мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ ва таъмини ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз вазифаҳои муҳимми давлат ба ҳисоб меравад.

Инчунин, ҷалби шаҳрвандон ба равандҳои идоракунии давлатӣ ва қабули қарорҳо, тавассути тавсеаи иштироки онҳо дар интихоботҳо, раъйпурсиҳо ва дигар шаклҳои ифодаи иродаи демократӣ, заминаи мустаҳками эътимоди халқ ба ҳукумат ва таҳкими сулҳу суботи сиёсӣ дар кишвар мегардад. Дастгирии созмонҳои ҷамъиятӣ ва иттиҳодияҳои дигари шаҳрвандӣ, ки дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ саҳм мегузоранд, низ аз ҷумлаи самтҳои муҳимми ҳамкории давлат ва ҷомеа ба шумор меравад.

Воқеан ҳам барои ташаккули минбаъдаи имиҷи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон идома додани татбиқи принсипҳои давлати ҳуқуқбунёд аҳамияти калидӣ дорад. Давлати ҳуқуқбунёд ба раванди ташаккули эътимоди ҷомеа ба ҳокимият мусоидат намуда, кафолати риояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандонро таъмин месозад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди давлати ҳуқуқбунёд бо се самти асосӣ марбут аст, ки замина ва роҳу усулҳои амалигардонии ташаккули имиҷи сиёсӣ дар кишвар דониста мешавад:

1. Ислоҳоти қонунгузорӣ ва татбиқи принсипи волоияти қонун, пешбурди қонунгузории муосир ва мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ яке аз муҳимтарин омилҳои таҳкими имиҷи сиёсӣ мебошад.
2. Шаффофияти низоми судӣ ва риояи адолати ҳуқуқӣ дар шароити муосир, сатҳи эътимоди мардум ба низоми додгоҳӣ яке аз нишондиҳандаҳои асосии устувории давлати ҳуқуқбунёд дониста мешавад.
3. Тақвияти низоми ҳифзи ҳуқуқ, ҳимояи озодиҳои шаҳрвандон ва мавҷудияти механизмҳои муассири ҳифзи ҳуқуқи инсон омили калидии эътимоди шаҳрвандон ба ҳокимият маҳсуб меёбад.

Заминаҳо ва роҳу усулҳои амалигардонии ташаккули имиҷи сиёсии давлат дар Тоҷикистон, мисли дигар кишварҳо рӯзмарра буда, он дар асоси муносибатҳои объективӣ дар шароити муосири давлатдорӣ расидан ба ҳадафҳои стратегию геополитикӣ ва манфиатҳои миллиро талаб менамояд. Заминаҳо ва роҳу усулҳои амалигардонии ташаккули имиҷи сиёсӣ барои Тоҷикистон аз фаъолияти воқеии ҳукумат, эътимоди мардум ва механизмҳои

идоракунии давлатӣ вобаста аст. Барои ташаккули имиҷи сиёсии устувори ҳокимият механизми мукаммали сиёсиву ҳуқуқӣ бояд амал намояд.

Дар ин замина, ташаккули имиҷи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун як масъалаи муҳимми сиёсӣ ва стратегӣ арзёбӣ мегардад. Он на танҳо дар дохили кишвар, балки дар арсаи байналмилалӣ низ мавқеъ ва нуфузи Тоҷикистонро муаррифӣ менамояд. Имиҷи мусбати сиёсӣ, инъикоси вазъи воқеии иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсии кишвар буда, ҳамчунин шароити мусоидро барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ, таҳкими ҳамкориҳои иқтисодӣ ва густариши робитаҳои дипломатӣ фароҳам месозад. Яке аз вазифаҳои асосии ташаккули имиҷи сиёсӣ, ин пеш аз ҳама, муаррифии дастовардҳои давлат дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт, аз ҷумла таъмини сулҳу субот, рушди иқтисодиёт, беҳтар намудани сатҳи зиндагии мардум, таҳкими демократия ва волоияти қонун мебошад. Барои расидан ба ин ҳадафҳо истифодаи васеи технологияҳои иттилоотӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма муҳим аст. Ҳамчунин, ташкили чорабиниҳои гуногуни фарҳангӣ, варзишӣ ва илмӣ, ки ба муаррифии Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ мусоидат мекунанд, аҳамияти калон дорад.

Танҳо тавассути татбиқи ин стратегияҳо имконпазир аст, ки эътимоди мардум ба ҳокимият боло равад ва симои Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун давлати ҳуқуқбунёд ва демократӣ боз ҳам бештар муаррифӣ гардад. Тасодуфӣ нест, ки дар баҳсҳои илмӣ, хусусан дар солҳои охир, мафҳуми давлати ҳуқуқбунёд ҳамчун як мафҳуме, ки ба таври оптималӣ ҳамбастагии диалектикии давлат ва ҳуқукро инъикос менамояд ва имконияти таъсири самараноки ин ҳамбастагӣ ба рушди иҷтимоии муосирро фароҳам меорад, мавриди таваҷҷуҳи ҷиддӣ қарор гирифтааст. Бо мушаххастар кардани ин мавқеъ, Юзвиков В.А. дар таҳқиқоти диссертатсионии худ таъкид менамояд: «...дар шуури ҷамъиятӣ андешае торафт бештар қавӣ мегардад, ки давлати ҳуқуқбунёд, ки бар асоси принсипҳои демократӣ ташкил меёбад, метавонад ба абзори самараноки танзими низоъҳои иҷтимоӣ, таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ дар ҷомеа табдил ёбад» [136, с.11].

Мутобиқи моддаи 1-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвари мо ҳамчун давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва иҷтимоӣ бо шакли идораи ҷумҳуриявӣ эътироф мешавад. Ин муқаррарот ҳамчун самти стратегии рушди ҷомеа ва давлатдории миллӣ хизмат менамояд. Аз ин рӯ, ин мафҳум на танҳо мақсади олии сиёсӣ, балки инчунин хусусияти бунёдии имиҷи сиёсии давлат буда, замина ва роҳу усулҳои амалигардонии ташаккули имиҷи сиёсии Тоҷикистон ба шумор меравад. Сарфи назар аз тағйироти пайваста дар нақши давлат дар низоми иҷтимоӣ ва сиёсии ҷомеа, аксари муҳаққиқон таъкид менамоянд, ки дар шароити муосир нақши давлат дар ҷаҳон босуръат афзоиш меёбад. Дар чунин шароит вазифаҳои асосии ҳар як давлати миллӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, иборатанд аз идора ва ҳифзи сарватҳои табиӣ, таъмини кафолатҳои зарурӣ барои рушди устувори миллӣ ва ҳифзи манфиатҳои стратегӣ.

Ин маънои онро дорад, ки ҳокимияти давлатӣ ба халқ тааллуқ дорад ва халқ онро бевосита ё ба воситаи намояндагони худ амалӣ мегардонад. Ҳуқуқбунёд будани давлат кафолати волоияти қонун, ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро таъмин менамояд. Давлати иҷтимоӣ бошад, барои фароҳам овардани шароити зиндагии арзанда ба ҳар як шаҳрванд равона гардидааст. Шакли идораи ҷумҳуриявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маънои онро дорад, ки Президент сарвари давлат буда, аз тарафи халқ интихоб мешавад. Мақоми олии қонунгузор – Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ду палата – Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон иборат аст. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми иҷроия буда, сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлатро амалӣ мегардонад.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро эътироф ва кафолат медиҳад. Ҳар шахс ҳуқуқ дорад, ки шаъну шарафи ӯ ҳифз карда шавад, ба ҳаёти шахсӣ дахолат накунанд, озодии виҷдон ва эътиқод дошта бошад, озодона ҳаракат кунад ва маҳалли зисти худро интихоб намояд, дар ҳаёти сиёсӣ ва ҷамъиятӣ иштирок кунад. Давлати Тоҷикистон кафолати баробарии ҳама дар назди қонунро таъмин намуда,

ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро, новобаста аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ ва молумулкӣ, ҳимоя мекунад. Ин принсипҳои конститутсионӣ асоси бунёди ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёдро дар кишвари мо ташкил медиҳанд.

Илова бар ин, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои амалкунандаи давлат дар тамоми қаламрави кишвар қувваи олии ҳуқуқиро доро мебошанд. Дар сурати фаъол ва самаранок амал кардани давлати ҳуқуқбунёд, ҳуқуқ бояд ба қонуни ҳатмӣ ва меъёри ҳатмии танзимкунандаи ҷомеа табдил ёфта, таҳти назорати қонунии ҳокимияти давлатӣ қарор гирад, ки иҷрои онро барои ҳамаи шаҳрвандон ҳатмӣ месозад.

Ҳамин тавр, аломати аввал ва асосии давлати ҳуқуқбунёд – волоияти қонун дар тамоми соҳаҳои зиндагии ҷомеа мебошад [59]. Маҳз қонун бояд ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ҳамаи иштирокдорони муносибатҳои ҷамъиятиро муайян намояд ва кафолат дода шаванд. Чунин ҳолат заминаи устовории ташаккули имиҷи сиёсии Тоҷикистон ба шумор меравад. Дар қонунҳо ҳатман бояд тамоюлҳои асосии рушди иҷтимоӣ ва талаботи бунёдии баробарӣ ва адолат инъикос ёбанд. Илова бар ин, арзишҳои ахлоқии ҷомеа низ бояд ҳифз ва ҳимоя карда шаванд.

Аломати дуюми давлати ҳуқуқбунёд – кафолати ҳуқуқҳои шахс ва рушди озоди он мебошад, ки ҳамчун замина ва роҳу усулҳои амалигардонии ташаккули имиҷи сиёсӣ дар шароити муосири идоракунии ҷомеа дониста мешавад [142]. Дар шакли идеалӣ, татбиқи ин кафолатҳо тавассути дахолат накардани давлат ба корҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ таъмин мегардад.

Аломати сеюми давлати ҳуқуқбунёд – масъулияти муштараки давлат ва шахсони алоҳида мебошад [60]. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳз муносибатҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ нисбати ин аломат воқеӣ ва рӯзмарра мегарданд. Хусусияти ҳуқуқии ин масъулияти муштарак дар он зоҳир мегардад, ки ҳам давлат ва ҳам шаҳрвандон бояд ба қонун итоат кунанд ва бе таҳти чораҳои ҳуқуқӣ вайрон кардани меъёрҳои онро раво набинанд. Ин маънои онро дорад, ки ҳарду ҷониб барои иҷрои ӯҳдадориҳои гирифтаи худ

масъулияти баробар доранд ва ташкили ҳамин фазои муносибатҳои мутақобилаи давлату ҷомеа заминаҳо ва роҳу усулҳои амалигардонии ташаккули имиҷи сиёсӣ дар Тоҷикистон ба шумор меравад.

Азбаски мафҳуми давлати ҳуқуқбунёд ҳам дар назария ва ҳам дар амалия бо давлати иҷтимоӣ робитаи зич дорад, муаллиф бар он назар аст, ки давлати иҷтимоӣ инчунин метавонад ҳамчун замина ва роҳу усулҳои амалигардонии ташаккули имиҷи сиёсӣ дар Тоҷикистон баррасӣ шавад. Ин робитаи байни давлати иҷтимоӣ ва моҳияти ҳуқуқии он як қадами муҳим дар мустаҳкам намудани нақши иҷтимоии давлат ва амалигардонии ташаккули имиҷи сиёсӣ дар давлат мебошад.

Функсияҳои иҷтимоии давлат на танҳо асоси ҳуқуқӣ пайдо кардаанд, балки дар асри XX ба вазифаҳои асосии он табдил ёфта, дар навбати худ, сохтори ҳуқуқии давлатро тағйир дода, замина ва роҳу усулҳои амалигардонии ташаккули имиҷи сиёсӣ барои Тоҷикистон ба шумор меравад. Эътирофи асоси ҳуқуқӣ доштани давлати иҷтимоӣ ба вазифаҳои иҷтимоии давлати Тоҷикистон хусусияти ҳатмӣ мебахшад ва вазифаҳои асосии иҷтимоӣ аз ҷомеа ба давлат пурра интиқол дода мешаванд.

Дар шароити муосир давлати иҷтимоӣ вазифадор аст, ки барои ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандон, фароҳам овардани имкониятҳои баробар барои ҳамагон ва коҳиш додани нобаробарии иҷтимоӣ тадбирҳо андешад [44]. Ин вазифаҳо ба воситаи сиёсати иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ амалӣ карда мешаванд, ки ҳадафи онҳо беҳтар намудани шароити зиндагии аҳолӣ, дастгирии қишрҳои осебпазири ҷомеа ва таъмини рушди устувори иҷтимоӣ мебошад. Таъмини иҷрои вазифаҳои иҷтимоӣ аз ҷониби давлат на танҳо масъулияти ҳуқуқӣ, балки вазифаи ахлоқӣ низ мебошад. Ин масъулият талаб мекунад, ки давлат мунтазам сиёсати иҷтимоии худро такмил диҳад, захираҳои заруриро ҷудо кунад ва механизмҳои самараноки татбиқи онҳоро таъмин намояд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кушиш ба харҷ медиҳад, ки тавассути татбиқи барномаҳои иҷтимоӣ, ислоҳоти иқтисодӣ ва дастгирии қишрҳои

ниёзманди аҳолӣ шароити зиндагии шаҳрвандонро беҳтар созад. Аммо, барои расидан ба ҳадафҳои давлати иҷтимоӣ, зарур аст, ки саъю кушишҳо дар самти беҳтар намудани идоракунии давлатӣ, ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва рушди соҳибкорӣ тақвият дода шаванд. Муваффақияти минбаъдаи ташаккули давлати иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз омилҳои гуногун, аз ҷумла аз иродаи сиёсӣ, сиёсати иқтисодии самаранок, иштироки фаъолонаи ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳамкории байналмилалӣ вобаста аст.

Азбаски давлати муосири Тоҷикистон худро ҳамчун давлати иҷтимоӣ муаррифӣ мекунад, муҳим аст, ки на танҳо дар сатҳи назариявӣ, балки пеш аз ҳама дар амал нишонаҳои асосии он риоя шаванд. Муаллиф давлати иҷтимоиро ҳамчун замина ва роҳу усулҳои амалигардонии ташаккули имиҷи сиёсӣ дар Тоҷикистон бар асоси нишонаҳои асосии он баҳогузорӣ менамояд. Зеро нишонаҳои асосии давлати иҷтимоӣ моҳиятан ин фазои ташкилиро мураттаб менамояд ва онҳоро чунин тавсиф намудан мумкин аст.

1. Дастрасии кумакҳои иҷтимоии давлат барои тамоми аъзои ҷомеа.
2. Табиатан ҳуқуқӣ будани татбиқи сиёсати иҷтимоӣ ва ҳуқуқи давлат барои назорат ва танзими равандҳои иҷтимоӣ.
3. Мавҷудияти пардохтҳои буҷавии иҷтимоӣ.
4. Фаъолияти низомҳои давлатӣ оид ба ҳифзи иҷтимоӣ, таъминоти иҷтимоӣ ва таъмин намудани шуғли аҳолӣ.
5. Эътирофи масъулияти давлат барои сатҳи некӯаҳволии шаҳрвандон [69].

Агар вазъи воқеии давлати муосири Тоҷикистонро бо ин нишонаҳо муқоиса кунем, метавон ба хулосае омад, ки дар бисёр самтҳо давлат то андозаи зарурӣ ба иҷрои вазифаҳои иҷтимоии худ ноил шудааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони муосир ба таври расмӣ ҳамчун давлати иҷтимоӣ эътироф шудааст. Аз ин рӯ, дигар сухан дар бораи бунёди давлати шукуфои умумиҷамъиятӣ намеравад. Бинобар ин, имиҷи сиёсии воқеии он пеш аз ҳама аз рӯи пурра ва самарабахш амалӣ гардидани сиёсати иҷтимоӣ ташаккул меёбад. Шарти асосии татбиқи самараноки сиёсати иҷтимоӣ мавҷудияти

иродаи қавии сиёсӣ, қабули барномаи воқеии рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ва таъмини таҳлили илмии қарорҳои қабулшуда мебошанд.

Дар раванди ташаккули имиҷи сиёсии кишвар давлати ҳуқуқбунёд ва иҷтимоӣ аҳамияти зиёд дорад. Зеро маҳз тавассути фаъолияти давлат ҳамчун институти асосии сиёсӣ дар ҷомеа раванди ташаккули принсипҳои ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ ва такмили низоми ҳуқуқии танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ сурат гирифта, замина ва роҳу усулҳои амалигардонии ташаккули имиҷи сиёсиро фароҳам менамояд. Яке аз вазифаҳои ҳатмии давлат таҳияи меъёрҳо ва маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки тавассути эҷоди як низоми самараноки ҳуқуқии миллӣ амалӣ мегардад (масалан, қонунҳо, қарорҳои роҳбари давлат ва ҳукумат, дигар мақомоти олии қонунгузор, иҷроия ва судӣ, инчунин дигар санадҳои зерқонунӣ ва ғайра). Дар ҳар як давлат мақомоти махсус (ҳокимияти намояндагӣ) мавҷуд аст, ки вазифаи ташаккули низоми ҳуқуқиро ба зимма дорад, дар ҳоле ки дигар ниҳодҳои давлатӣ ва сиёсӣ танҳо метавонанд ташаббуси қонунгузорӣ дошта бошанд.

Аз ин рӯ, низоми ҳуқуқии мукаммал ва барои ҷомеа қобили қабул низ ҳамчун замина ва роҳу усулҳои амалигардонии ташаккули имиҷи сиёсии давлати муосири Тоҷикистон хизмат мекунад. Дар илми ҳуқуқшиносӣ мафҳуми "низоми ҳуқуқӣ" дар се маънои асосӣ истифода мешавад:

1. Дар маънои иҷтимоию иқтисодӣ, ки бо мафҳуми "навъи иҷтимоию иқтисодии ҳуқуқ" мутобиқ мебошад.
2. Дар маъное, ки он бо қонунгузории як кишвар ҳаммаъно аст.
3. Дар маънои "воҳиди ҳуқуқии кишварҳои гуногун".

Ба назар мерасад, ки низоми ҳуқуқиро метавон ҳамчун модели воқеияти ҳуқуқӣ арзёбӣ кард, ки на танҳо мубодилаи иттилооти ҳуқуқӣ, рушд, ҳамкорӣ бо муҳити атроф ва мутобиқшавӣ ба он, балки ҳам статика (ҳолати устувори низоми ҳуқуқӣ) ва динамика (ҳаракат ва рушди он)-ро дар бар мегирад [63]. Аз ин рӯ, низоми ҳуқуқӣ на танҳо тамоми падидаҳои ҳуқуқиро фаро мегирад, балки инчунин робитаҳои байни онҳоро низ фарогир аст. Дар айни замон, зиёда аз 10 таърифи гуногун барои мафҳуми "низоми ҳуқуқӣ" мавҷуд аст.

Таҳлили онҳо нишон медиҳад, ки ин мафҳум на танҳо хусусияти сохтории воқеияти ҳуқуқиро тавсиф мекунад ва сохтори умумии онро муайян месозад, балки инчунин нақш ва таносуби эҷоди қонун ва татбиқи онро низ дар бар мегирад. Яъне, низоми ҳуқуқӣ мустақиман ба фаъолияти муассисаҳои давлатӣ (қонунгузорӣ ва судӣ), ки вазифаҳои ҳуқуқиро иҷро мекунанд, дахл дорад. Бе шубҳа, низоми ҳуқуқӣ аз низоми қонунгузорӣ ҷудонашаванда мебошад. Он ҳуқуқ ва уҳдадориҳои воқеии субъектҳоеро, ки муносибатҳои ҳуқуқиро ташкил медиҳанд, дар бар мегирад. Илова бар ин, санксияҳои ҳуқуқӣ - яъне тадбирҳои таъсири маҷбурии давлатӣ низ ҷузъи он мебошанд [56, с.32].

Низоми ҳуқуқӣ ва хусусиятҳои татбиқи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки замина ва роҳу усулҳои амалигардонии ташаккули имиҷи сиёсии он даниста мешаванд, аз унсурҳои асосии зерин иборат мебошад: системаи меъёрҳои ҳуқуқи анъанавӣ, системаи меъёрҳои ахлоқӣ, системаи меъёрҳои динӣ, системаи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва системаи меъёрҳои корпоративӣ. Дар солҳои охир, низоми ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври фаъол тағйир ёфта, ба тавсеаи меъёрҳои ҳуқуқии муосир равона шудааст. Ба назар мерасад, ки чунин муносибат ба қонун метавонад ба муносибати шаҳрвандон ба ҳокимияти сиёсӣ низ таъсир расонад.

Барои ташаккули низоми ҳуқуқии самаранок Тоҷикистонро зарур аст, ки муносибатҳои зеринро дида барояд: баланд бардоштани сатҳи қонунгузорӣ, таъмини дастрасӣ ва баробарӣ дар татбиқи қонунҳо барои ҳамаи шаҳрвандон, баланд бардоштани эътимоди ҷомеа ба низоми судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ. Танҳо бо таъмин намудани ин омилҳо, Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад низоми ҳуқуқии мустаҳкам ва самаранокро бунёд намуда, татбиқи меъёрҳои давлати ҳуқуқбунёд ва иҷтимоиро боз ҳам беҳтар намояд, аз ҳама муҳим онро ба сифати заминаҳо ва роҳу усулҳои амалигардонии ташаккули имиҷи сиёсӣ истифода барад.

Яке аз муҳимтарин замина ва роҳу усулҳои амалигардонии ташаккули имиҷи сиёсӣ таҳияи сиёсати самараноки ҳокимияти сиёсӣ ва муаррифии он ба ҷомеа мебошад. Дар ин раванд, ҳокимият бояд манфиатҳои асосии қишрҳои

иҷтимоии гуногунро муттаҳид ва ифода намояд ва роҳҳои амалигардонии онҳоро пешниҳод кунад. Таъмини самаранокии ҳокимияти сиёсӣ, ки замина ва роҳу усулҳои амалигардонии ташаккули имиҷи сиёсӣ дар Тоҷикистон мебошад, ҳалли масъалаҳои зеринро имконпазир мегардонад: таҳияи самти асосии стратегияи давлат ва сиёсати мутобиқи он, ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли низоъҳои иҷтимоию сиёсӣ ва муайян кардани самтҳои рушди иҷтимоиву иқтисодӣ ва ҳуқуқии кишвар. Аз ин рӯ, меҳвари замина ва роҳу усулҳои амалигардонии ташаккули имиҷи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи сиёсӣ ва ҳуқуқӣ мувофиқсозии самараноки манфиатҳои иҷтимоию сиёсӣ мебошад.

Таҳлили муносибати ҷомеа ба ҳокимияти сиёсӣ ва таъмини манфиатҳои шаҳрвандон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки масъалаи марказии таъмини самаранокии ҳокимияти сиёсӣ мебошад, муносибати мушаххасро дар раванди татбиқи он талаб менамояд. Таҳияи сиёсати давлатӣ оид ба таъмини самаранокии ҳокимияти сиёсӣ дар ҳамоҳангсозии манфиатҳои гурӯҳҳои иҷтимоӣ фаъолона таъсир расонида, замина ва роҳу усулҳои амалигардонии ташаккули имиҷи сиёсӣ дар Тоҷикистонро муайян менамояд. Таъмини мувозинат дар нобаробарии иҷтимоӣ ва иқтисодӣ метавонад муносибати аксарияти шаҳрвандонро дар шароити мушаххаси иҷтимоӣ бо ҳокимияти амалкунанда танзим намояд. Ба андешаи олимони соҳа, «Эҳтимоли ба вуҷуд омадани низоъҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ метавонанд манфиатҳои шаҳрвандонро халалдор намояд ва сабаби ихтилофоти иҷтимоиву сиёсӣ гардида, роҳу усулҳои амалигардонии ташаккули имиҷи сиёсии кишварро зери суол қарор диҳад» [47, с.115].

Аксарияти шаҳрвандон ҳокимияти сиёсиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҳимоятгари манфиатҳои асосан табақаи  гуногуни иҷтимоии ҷомеа дарк мекунанд. Чунин арзёбӣ аз ҷониби аксари шаҳрвандони кишвар, новобаста аз мансубияти этникии онҳо, дода мешавад. Аз ин рӯ, шаҳрвандони Тоҷикистон, инчунин сокинони дигар кишварҳо, давлати Тоҷикистонро ҳамчун як ҳукумати амалкунандаи самаранок муаррифӣ менамоянд.

Мувофиқсозии манфиатҳо ва нақши он дар идораи давлатӣ ҳамчун замина ва роҳу усулҳои амалигардонии ташаккули имиҷи сиёсӣ дар Тоҷикистон дониста шуда, воситаи асосии артикулятсияи онҳо мебошад. Артикулятсияи манфиатҳо – ин равандест, ки тавассути он шахсони алоҳида ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ талаботи худро ба шахсоне, ки қарорҳои сиёсӣ қабул мекунанд, мерасонанд. Ин раванд метавонад тавассути сохторҳои гуногун ва усулҳои мухталиф амалӣ гардад. Аз ин рӯ, ин масъала аҳамияти махсус дошта, маҳз тавассути он марзи байни ҷомеа ва системаи сиёсӣ муайян карда мешавад.

Гурӯҳҳои созмонёфта ва ассотсиатсияҳо одатан манфиатҳои худро тавассути каналҳои расмӣ ва қонунӣ баён менамоянд. Ба андешаи Г. Алмонд ва Д. Пауэлл, гурӯҳҳои манфиатдор – ин гурӯҳи одамоне мебошанд, ки бо манфиатҳои муштарак ё фоидаи мутақобил муттаҳид шудаанд ва инро дарк мекунанд [105]. Хусусиятҳои асосии гурӯҳҳои манфиатдор, ки замина ва роҳу усулҳои амалигардонии ташаккули имиҷи сиёсӣ дар Тоҷикистони муосирро муайян мекунад, барои дарк кардани механизми артикулятсияи манфиатҳо муҳим аст, зеро дар чунин шароит хусусиятҳои муҳимми гурӯҳҳои манфиатдор муайян карда мешаванд. Хусусиятҳои муҳимми гурӯҳҳои манфиатҳоро метавон чунин шарҳ дод:

1. Миқёс ва мураккабии дархостҳо ва талаботи дохилӣ.
2. Мустақилияти нисбии гурӯҳ, бахусус дар ҷалби ҷонибдорон.
3. Тақсимоти қудрат дар дохили гурӯҳ [10, с.64].

Дар кишвари мо рейтинги баланди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун замина ва роҳу усулҳои амалигардонии ташаккули имиҷи сиёсии давлатӣ баромад менамояд. Дар кишвар шумораи зиёди шаҳрвандон ба давлат эътимод доранд ва омодаанд барои татбиқи манфиатҳои давлатӣ фидокорӣ кунанд. Механизми муҳимми дигаре, ки замина ва роҳу усулҳои амалигардонии ташаккули имиҷи сиёсии Тоҷикистонро ташкил медиҳад, ин интихоботи демократӣ мебошад. Дар шароити муосири давлатдорӣ раванди баргузори интихобот ҳамчун замина ва роҳу усулҳои дигари амалигардонии

ташаккули имиҷи сиёсии Тоҷикистон буда, таъсири он ба имиҷи сиёсии ҳокимияти давлатӣ зарурӣ мебошад. Масъалаи интихобот ва иштироки шаҳрвандон дар раванди идоракунии давлатӣ яке аз муҳимтарин нишондиҳандаҳои сохтори сиёсии кишвар ба шумор меравад. Раванди интихобот асоси низоми демократии давлатро ташкил медиҳад. Дар Тоҷикистон раванди интихобот дар сатҳҳои гуногун мегузарад ва он метавонад ҳамчун як воситаи муассир барои ташаккули эътимоди ҷомеа ба ҳокимият истифода гардида, роҳу усулҳои амалигардонии ташаккули имиҷи сиёсӣ дониста шавад.

Тағйирёбии системаи интихоботӣ дар Тоҷикистон, ки дар солҳои охир мушоҳида мешавад, нишондиҳандаи объективӣ ва самаранокии амалҳои ҳокимият аст. Интихоботи сиёсӣ яке аз нуқтаҳои марказӣ ва муҳимтарини ҳаёти сиёсӣ дар аксари кишварҳои ҷаҳон мебошад. Дар шароити муосир, дар Тоҷикистон на танҳо мақомоти ҳокимият, ҳизбҳои сиёсӣ ва сиёсатмадорони алоҳида, балки воситаҳои ахбори омма, шуъбаҳои робита бо ҷомеа, соҳибкорони калон ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ низ ба инфрасохтори сиёсати интихоботӣ фаъолона ҷалб шудаанд [89, с.9]. Дар айни замон ҳокимияти сиёсӣ дар Тоҷикистон ба ташаккули фаъоли системаи интихоботӣ машғул аст. Маълум аст, ки дар интихоботи парлумонии соли 2025 ин вазифа иҷро шуд.  Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун замина ва роҳу усулҳои амалигардонии ташаккули имиҷи сиёсӣ дар Тоҷикистон дониста мешавад.

Бояд гуфт, ки имиҷи сиёсӣ на танҳо ба эътибори байналмилалии давлат, балки ба муносибати шаҳрвандон бо ҳокимият таъсиргузор аст. Барои ташаккули чунин имиҷ татбиқи механизми мукаммали ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ лозим аст, ки аз ҷумла фаъолияти самараноки давлати ҳуқуқбунёд, иштироки фаъоли ҷомеаи шаҳрвандӣ ва иштироки халқ дар равандҳои сиёсиро дар бар мегирад. Давлат ҳамчун унсури асосии ташаккулдиҳандаи имиҷи сиёсӣ ба шумор рафта, амалисозии қонуният, адолати иҷтимоӣ ва ҳимояи ҳуқуқи инсонро таъмин менамояд. Дар баробари ин, мавҷудияти плюрализми

сиёсӣ, рушди ҳизбҳои сиёсӣ, муназзамсозии равандҳои интихоботӣ ва иштироки фаъоли мардум дар ҳаёти сиёсӣ омили муҳимми таҳкими имиҷи мусбат ҳисобида мешавад. Илова бар ин, дар ташаккули имиҷи сиёсӣ ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ВАО нақши калидӣ доранд ва набояд аз ин раванд канор монанд. Бо назардошти гуфтаҳои боло, бо такя ба таҷрибаи кишварҳои дигар ва дар асоси таҳқиқоти илмӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки танҳо тавассути таъмини волоияти қонун, баробарии иҷтимоӣ ва мувофиқсозии манфиатҳои гурӯҳҳои гуногун метавон ба ташаккули минбаъдаи имиҷи сиёсӣ дар шароити муосир ноил шуд.

Ҳамин тариқ, ташаккули имиҷи сиёсӣ раванде мебошад, ки ба назар гирифтани хусусиятҳои таърихӣ, фарҳангӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии кишвари мушаххасро талаб мекунад. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ин раванд аҳамияти хоса пайдо мекунад, зеро он ҳам бо хусусиятҳои низоми сиёсӣ ва ҳам бо ҳадафҳои таҳкими давлатдории миллӣ вобаста аст. Ҷумҳурии Тоҷикистон таъриху фарҳанги ғание дорад, ки онҳо реша дар тамаддунҳои қадимии Осиёи Марказӣ доранд. Ташаккули имиҷи сиёсии кишвар бояд ин меросро инъикос кунад ва ба риояи арзишҳои анъанавӣ, эҳтиром ба насли калонсол, меҳмоннавозӣ ва хоҳиши сулҳу субот такя намояд. Истифодаи рамзҳое, ки бо шахсиятҳо ва рӯйдодҳои таърихӣ алоқамананданд ва ифтихори давлатдорию ваҳдати миллиро тақвият медиҳанд, муҳим аст.

Ҷанги шаҳрвандии солҳои 1990-ум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири амиқе гузошт. Дар давраи баъдиҷангӣ рушди имиҷи сиёсии кишвар ба рафъи оқибатҳои низоъ, тақвияти ҳамоҳангии байни миллатҳо ва фароҳам овардани фазои эътимод ва ҳамкорӣ байни гурӯҳҳои гуногуни ҷомеа нигаронида шуд. Унсури калидӣ дар ин ҷо таблиғи идеяи Тоҷикистони қавӣ, муттаҳид ва шукуфон аст, ки дар он ҳар як шаҳрванд худро ҳимояшуда ҳис мекунад ва имкони амалӣ кардани иқтидори худро дорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Осиёи Марказӣ мавқеи муҳимми стратегӣ дорад ва бо Афғонистон, Чин, Ӯзбекистон ва Қирғизистон ҳамсарҳад аст. Ин зарурати ташаккули имиҷи сиёсиро ҳамчун шарики боэътимод, ки ба нигоҳ доштани субот ва амният дар

минтақа манфиатдор аст, ба миён меорад. Муҳим аст, ки садоқат ба принсипҳои дипломатияи бисёрҷониба нишон дода шавад, дар равандҳои ҳамгироии минтақавӣ иштирок карда, омода бошанд, ки бо дигар кишварҳо дар мубориза бо таҳдидҳои умумӣ, аз қабили терроризм, экстремизм ва қочоқи маводи мухаддир ҳамкорӣ кунанд.

ВАО дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ ва эҷоди имиҷи сиёсӣ нақши калидӣ мебозанд. Барои таблиғи имиҷи мусбати кишвар ва роҳбарияти он, истифодаи фаъолонаи шабакаҳои телевизионии давлатӣ ва хусусӣ, радиостансияҳо, рӯзномаҳо ва порталҳои онлайнӣ муҳим аст. Таъмини инъикоси объективӣ ва мутавозини рӯйдодҳо, пешгирӣ аз таблиғот ва таҳрифи иттилоот муҳим аст. Фарҳанг як воситаи пуриқтидор барои ташаккули имиҷи мусбати кишвар аст. Дастгирӣ ва рушди фарҳанги тоҷик, ташкили фестивалҳо, намоишгоҳҳо, консертҳо ва дигар чорабиниҳои фарҳангӣ дар хориҷа муҳим аст. Таблиғи забон ва адабиёти тоҷик ва дастгирии фаъолияти диаспораи тоҷикон дар хориҷа муҳим аст.

Иқтидори фарҳангӣ ва дипломатии Тоҷикистон барои бартараф кардани стереотипҳои муқарраршуда ба навсозии системавӣ ниёз дорад. Мероси таърихии кишвар, аз ҷумла анъанаҳои фарҳанги миллӣ метавонад асоси шаклҳои нави муколамаи байналмилалиро ташкил диҳад. Ҳамгироии ташаббусҳои фарҳангӣ ба стратегияи дипломатияи ҷамъиятӣ эътирофи бренди миллиро афзоиш медиҳад. Таҳияи барномаҳои дарозмуддати мубодилаи фарҳангӣ бо назардошти хусусиятҳои минтақавӣ, махсусан муҳим аст. Таблиғи забони тоҷикӣ ҳамчун унсури муҳимми мероси фарҳангии миллат бояд афзалият дошта бошад. Таъсиси марказҳои байналмилалии таълимӣ барои омӯзиши забон ва адабиёт ба рушди робитаҳои илмӣ мусоидат хоҳад кард. Ҳамзамон, рушди инфрасохтори сайёҳии фарҳангӣ, ки ёдгориҳои таърихӣ ва дастовардҳои муосирро намоиш медиҳад, зарур аст. Чунин чораҳо шароитро барои ҳамкории бисёрҷанба бо аудиторияи байналмилалӣ фароҳам меоранд. Тақвияти фаъолияти созмонҳои ғайриҳукуматӣ дар бартараф кардани монеаҳои имиҷ нақши калидӣ мебозад. Ташаббусҳои шаҳрвандӣ дар

соҳаҳои экология, маориф ва муколамаи байнидинӣ роҳҳои расмии дипломатиро пурра мекунанд. Ҳамоҳангсозии талошҳои мақомоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ ба эҷоди як низоми ҳамаҷонибаи дипломатияи фарҳангӣ мусоидат хоҳад кард. Ин барои дарки объективии кишвар дар ҷомеаи ҷаҳонӣ шароит фароҳам меорад.

Такмили воситаҳои дипломатияи ҷамъиятӣ густариши ҳамкории байналмилалиро дар соҳаи иқтисодӣ тақозо мекунад. Рушди долонҳои нақлиётӣ ва лоиҳаҳои энергетикӣ Тоҷикистонро ҳамчун иштирокчии масъули ташаббусҳои минтақавӣ муаррифӣ мекунад. Истифодаи самараноки омезиши имкониятҳои дохилӣ ва беруна, аз ҷумла ҳамкории мутақобилан судманди иқтисодӣ, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дурнамои воқеиро барои ҳамгироӣ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ, ноил шудан ба рушди иқтисодӣ ва тақвияти таъсири он ба рушди низоми иқтисодии ҷаҳонӣ фароҳам меорад. Ин равиш имиҷи кишварро ҳамчун шарики боэътимод тақвият медиҳад. Рақамӣ кардани василаҳои муошират ба омили муҳимтарини беҳтар кардани сиёсати имиҷсозӣ табдил меёбад. Таъсиси платформаҳои иттилоотии бисёрзабона имкон медиҳад, ки хабарҳои ҷорӣ мустақиман ба аудиторияи хориҷӣ пахш карда шаванд. Истифодаи технологияҳои муосири ВАО барои инъикоси дастовардҳои иҷтимоию иқтисодӣ тасаввуроти мусбатро дар бораи кишвар афзоиш медиҳад.

## 3.2. Дурнамои такмили имиҷи сарвари сиёсӣ ва ниҳодҳои давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Яке аз хусусиятҳои асосии ташаккули имиҷи сарвари сиёсӣ ва мақомоти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро принсипи таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ва хусусиятҳои амалии татбиқи он дар идораи давлатии кишвар ташкил менамояд. Принсипи таҷзияи ҳокимияти давлатӣ бори аввал дар асарҳои файласуфони сиёсии асри XVIII, аз ҷумла Монтескё, ба таври муфассал шарҳ дода шудааст. Ӯ бар он ақида буд, ки ҳокимият бояд ба се шоха: қонунгузор, иҷроия ва судӣ тақсим карда шавад [31].

Дар заминаи таҷрибаи ҷаҳонӣ татбиқи ин принсип ҳамчун омили устувории сиёсӣ ва кафили рушди демократия пазируфта шудааст. Ҳар як шохаи ҳокимият бояд на танҳо аз лиҳози сохторӣ, балки аз ҷиҳати функсионалӣ ва муассирии фаъолияти худ мустақил бошад. Дар амал татбиқ намудани ин принсип ба муҳити сиёсӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии кишвар вобаста мебошад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамзамон роҳбари давлат ва ҳокимияти иҷроия буда, дар идоракунии кишвар нақши калидӣ дорад. Ин омил ба таври мустақим ба ташаккул ва таҳкими имиҷи сиёсии сарвар таъсир мерасонад. Имиҷи сиёсии сарвар ва ташкилотҳои сиёсӣ на танҳо дар фазои иттилоотӣ, балки дар зеҳни шаҳрвандон ҳамчун тасаввури маҷмуӣ шакл мегирад. Ба андешаи муҳаққиқон, имиҷи сиёсии сарвар метавонад боиси тақвияти эътимоди ҷамъиятӣ гардад [95].

Дар шароити Тоҷикистон, ки ҷомеа аз системаи сиёсии тоталитарӣ ба системаи сиёсии демократӣ гузашт, нақши сарвари сиёсӣ дар сиёсати давлатӣ хеле назаррас боқӣ мондааст. Мардуми тоҷик бештар ба шахсияти сарвари сиёсӣ назар менамоянд. Аз ин рӯ, сарвари сиёсӣ ҳамчун омили муттаҳидкунанда ва кафили субот дар маркази таваҷҷуҳи мардум қарор дорад. Ин падида хоси аксари кишварҳои пасошӯравӣ ва ҷомеаҳои дар давраи гузариш қарордошта мебошад [148]. Дар чунин шароит, шахсияти Сарвари давлат ба ҳайси рамзи субот, муттаҳидкунандаи миллат ва кафили якпорчагии сиёсӣ пазируфта мешаванд. Онҳо ҳамчун маркази нигоҳи афкори умум ва манбаи асосии эътимод ба ҳокимият баромад мекунанд [152].

Имиҷи сарвар ва услуби роҳбарии Сарвари давлат ба сифати яке аз муҳимтарин сарчашмаҳои ташакулдиҳии имиҷи сиёсӣ амал мекунад. Онро метавон ҳамчун намунаи харизматикӣ шарҳ дод, ки он бар асоси эътимоди мардум ба шахсият ва сарвари мушаххас аст [156]. Ин падида, барои таъмини субот дар давраҳои буҳронӣ ва гузариши сиёсӣ мусоидат менамояд.

Сиёсати мусолиҳаи миллӣ пас аз ҷанги шаҳрвандӣ дар барқарор кардани суботи иҷтимоӣ-сиёсӣ нақши муҳим бозид. Тадбирҳо оид ба муттаҳид кардани мухолифони собиқ, таъмини авф ва бозгардонидани гурезагон ба коҳиши

парокандагии сиёсӣ ва барқарор кардани робитаҳои иҷтимоӣ мусоидат карданд. Дар натиҷа, замина барои таҳкими минбаъдаи давлатдорӣ ва афзоиши эътимод ба ниҳодҳои ҳокимият гузошта шуд. Тадбирҳои иқтисодӣ барои рафъи оқибатҳои харобиовари низоъ ва гузоштани замина барои рушди дарозмуддат равона шуда буданд. Татбиқи барномаҳои барқарорсозии инфрасохтор, барқарор кардани шуғл ва барқарор кардани хизматрасонии иҷтимоӣ ба устувор шудани шароити зиндагии аҳолӣ ва коҳиш додани хатари ноороми мусоидат кард. Эҳёи пояи иқтисодӣ барои таҳкими давлатдорӣ ва афзоиши муқовимати кишвар ба зарбаҳои дохилӣ муҳим ҳисобида мешавад.

Дар заминаи низоъҳои минтақавии Осиёи Марказӣ, имиҷи сиёсии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун роҳбари сулҳҷӯ бо иштироки фаъолонаи ӯ дар ҳалли баҳсҳои марзӣ ва низоъҳои обу энергетика ташаккул ёфт. Ин амалҳо, ки ба коҳиш додани шиддати танишҳо нигаронида шуда буданд, ба унсури калидии имиҷи сиёсати хориҷии ӯ табдил ёфтанд. Ҳамин тариқ, дар соли 2012, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъсиси Фонди байналмилалии наҷоти баҳри Аралро оғоз кард ва садоқати ӯро ба ҳамкорӣ дар ҳалли мушкилоти умумии минтақавӣ таъкид намуд. Кӯшишҳои ӯ дар ин самт ба тақвияти обрӯи Тоҷикистон ҳамчун иштирокчии масъули равандҳои минтақавӣ мусоидат карданд. Мавқеи Тоҷикистон дар масъалаҳои танзими об, бахусус сохтмони нерӯгоҳи барқи обии Роғун, инчунин дар ташаккули симои роҳбаре, ки аз манфиатҳои миллӣ ҳимоят мекунад ва бо риояи принсипҳои некҳамсоягӣ нақши муҳим бозид. Ин ташаббусҳо, ки ба таъмини рушди устувор дар минтақа нигаронида шуда буданд, омодагии худро барои муколама ва ҷустуҷӯи созишҳо нишон доданд. Чунин амалҳо ба ташаккули симои Президент ҳамчун сиёсатмадори дурандеш, ки қодир ба ёфтани роҳҳои ҳал дар шароити мураккаби геополитикӣ аст, мусоидат карданд.

Нақши фаъоли Тоҷикистон дар ташаббусҳои дипломатии бисёрҷониба, аз қабили Созмони Ҳамкории Шанхай (СҲШ) ва Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ (СААД), ба таҳкими имиҷи раҳбари сулҳҷӯ саҳми назаррас

гузоштааст. Иштирок дар ин сохторҳо ба Президенти кишвар имкон дод, ки Тоҷикистонро ҳамчун бозингари муҳим дар низоми амнияти минтақавӣ муаррифӣ кунад. Суханрониҳои ӯ дар нишастҳои ин созмонҳо, ки дар онҳо борҳо масъалаи мубориза бо терроризм ва экстремизмро матраҳ карда буданд, садоқати ӯро ба субот ва амният дар Осиёи Марказӣ таъкид карданд.

Фаъолияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун омили субот дар Осиёи Марказӣ эътирофи васеи байналмилалӣ пайдо намудааст. СММ ва САҲА борҳо нақши калидии Тоҷикистонро дар маҳдуд кардани бӯҳронҳо қайд кардаанд. "Тоҷикистон равиши намунавӣ барои идоракунии хатарҳои амнияти минтақавиро нишон медиҳад", - изҳор дошта буд Намояндаи махсуси Дабири кулли СММ дар соли 2023. Ин арзёбӣ обрӯи Сарвари давлатро ҳамчун иштирокчии масъули муносибатҳои байналмилалӣ тақвият додааст. Иштироки фаъоли ӯ дар ҳалли вазъияти Афғонистон эътибори сиёсати хориҷии Президентро афзоиш додааст. Ташаббусҳо барои таъсиси минтақаҳои коҳиши таниш ва долонҳои башардӯстона дар форумҳои СҲШ ва СҲИ баррасӣ шудаанд. Баргузории конфронси байналмилалӣ оид ба Афғонистон дар Душанбе дар соли 2022 кишварро ҳамчун маркази талошҳои дипломатӣ муаррифӣ кард. Ин қадамҳо ба ташаккули обрӯи Президент ҳамчун довари амнияти минтақавӣ мусоидат кардаанд. Идоракунии муваффақонаи бӯҳронҳо қонунияти дохилӣ ва эътимодро ба ниҳоди президентӣ тақвият додааст. Тибқи арзёбиҳои коршиносон, 78% шаҳрвандон суботи кишварро бо хислатҳои шахсии Сарвари давлат алоқаманд медонанд. Эътирофи байналмилалии нақши Тоҷикистон тавассути расонаҳои давлатӣ пахш мешавад, ки тасаввуроти Президентро ҳамчун кафили амнияти миллӣ тақвият медиҳад.

Таҳлили муқоисавӣ нақши беназири имиҷи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро нишон медиҳад, ки дар он раванди иҷтимоикунонии пас аз низоъ механизмҳои махсуси бозҳамгироии ҷомеаро талаб мекард. Коршиносон таъкид мекунанд, ки омезиши унсурҳои анъанавии легитимият бо технологияҳои муосири сиёсӣ модели муассири идоракунии шуури ҷамъиятиро ба вуҷуд овардааст. Бомуваффақият бартараф кардани оқибатҳои

ҷанги шаҳрвандӣ ва безарар гардонидани таҳдидҳои экстремистӣ имиҷи Президентро ҳамчун довари низоъҳои байнигурӯҳӣ тақвият додааст. Ин таҷриба барои таҳқиқоти соҳаҳои психологияи сиёсӣ ва омӯзиши низоъҳо аҳамияти илмӣ дорад.

Таъсири принсипи таҷзияи ҳокимият ба дурнамои ташаккулдиҳии имиҷи сиёсии сарвар ва ташкилотҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чанд самт таъсир мерасонад:

- Самаранокии фаъолияти давлатӣ: Вақте шохаҳои ҳокимият мустақил амал мекунанд, натиҷаи фаъолияти ҳар як ниҳод ба таври алоҳида арзёбӣ мешавад. Ин имконият медиҳад, ки сарвар ва ташкилотҳои сиёсӣ бо фаъолияти мушаххас дар назди ҷомеа баромад намоянд.

- Механизми посухгӯӣ ва ҳисоботдиҳӣ: Татбиқи принсипи таҷзияи ҳокимият шароити ҳуқуқӣ ва сиёсиро барои талаб кардани ҳисобот аз мақомоти давлатӣ фароҳам меорад. Ин раванд имиҷи шахсиятҳоро ҳамчун роҳбарони масъул ва қонунмеҳвар тақвият мебахшад.

- Мавқеи сарвар дар сиёсати хориҷӣ ва дохилӣ: Дар заминаи нақши фаъоли Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ӯ ҳамчун чеҳраи асосии дипломатияи давлатӣ низ баромад мекунад. Ин омил ба таҳкими имиҷи байналмилалии сарвар мусоидат менамояд.

- Истифодаи васоити ахбори омма ва технологияҳои рақамӣ: Системаи муосири сиёсӣ, ки бар асоси гуногунандешӣ таҳия мешавад, барои ташаккули имиҷи мусбати сарвар ва ташкилотҳои сиёсӣ имконияти васеъ фароҳам меорад.

Принсипи таҷзияи ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо ба сифати меъёри ҳуқуқӣ, балки ба унвони омили муҳимми сиёсӣ дар дурнамои ташаккулдиҳии имиҷи сиёсии сарвар ва ташкилотҳои сиёсӣ таъсиргузор аст. Дар шароити гузариш ба системаи демократӣ он шароити мусоид барои таъмини посухгуӣ ва тақвияти эътимоди мардумро фароҳам меорад. Дар натиҷа, чунин системаи сиёсӣ на танҳо ба таҳкими давлатдории

ҳуқуқбунёд мусоидат менамояд, балки фазои мусоиди рушди имиҷи устувори сиёсиро ба вуҷуд меорад.

Азбаски тасаввурот дар бораи сохтори воқеӣ ва дилхоҳи ҳокимият бо дарки рисолати функсионалии он сахт алоқаманд аст, метавон гуфт, ки муносибати шаҳрвандони Тоҷикистон ба принсипи таҷзияи ҳокимияти давлатӣ яке аз нишондиҳандаҳои муҳим ва умумиҷаҳонӣ мебошад, ки сатҳи трансформатсияи асосҳои иҷтимоӣ ва сиёсии тафаккури оммаро муайян намуда, муносибат ва фаъолияти фосилавии ҷомеаро дар асосии дурнамои ташаккулдиҳии имиҷи сиёсии сарвар ва ташкилотҳои сиёсӣ фарогир мешавад.

Меҳвари дигари асосие, ки дар ташаккули имиҷи сиёсии сарвар ва ташкилотҳои сиёсӣ замина мегузорад, шаклгирии низоми муносибатҳои шаҳрвандон ба қонун ва нақши он дар низоми ҳокимияти давлатӣ аст. Маҳз ҳамин муносибат муайянкунандаи эътимоди ҷомеа ба сохторҳои давлатӣ ва манбаи асосии легитимияти сарвари сиёсӣ ва ташкилотҳои сиёсӣ мегардад. Дар ҳар як ҷомеаи ҳуқуқбунёд, муносибати шаҳрвандон ба қонун на танҳо ҳамчун итоат ба меъёрҳои ҳуқуқӣ, балки ҳамчун шинохти дараҷаи инкишофи фарҳанги сиёсӣ, эътимод ба ҳокимият ва дидгоҳи шаҳрвандон ба адолати иҷтимоӣ арзёбӣ мешавад. Дар ҷомеаҳои дар давраи гузариш қарордошта, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз системаи сиёсии шуравӣ ба низоми демократии ҳуқуқмеҳвар ҳаракат дорад, ин раванд аҳамияти хоса касб мекунад. Дар чунин шароит тарзи муносибати мардум ба қонун ва иҷрои он ҳамчун зуҳуроти ҷамъиятӣ баромад мекунад.

Дар ҳамин замина баланд бардоштани мақоми қонун як рукни асосии дурнамои рушди имиҷи сиёсии сарвар ва ташкилотҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Вақте ки сарвар ва ташкилотҳои сиёсӣ қонуният, адолат ва риояи баробарии ҳуқуқиро дар амал татбиқ мекунанд, онҳо ба сифати намунаи риояи ҳуқуқ ва масъулияти шаҳрвандӣ дар назди ҷомеа зуҳур менамоянд. Ин гуна муносибат, ба гуфтаи сиёсатшиноси маъруф Ф. Фукуяма, «заминаи сохтори иҷтимоии устувор ва давлатдории қонуниятгароёна мебошад» [151, с.130].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки институтҳои демократӣ дар раванди ташаккулёбии минбаъдаи худ қарор доранд, муносибати элитаи сиёсӣ ба қонун  ва ҳуқуқмеҳварии сарвари сиёсӣ дар шаклгирии имиҷи онҳо нақши калидӣ мебозад. Ташаккул ёфтани маърифати ҳуқуқӣ ва эҳтиром ба қонун аз тарафи шаҳрвандон, инчунин амалу рафтори қонунӣ решаҳои эътимоди сиёсиро мустаҳкам мегардонад. Муносибати шаҳрвандон ба қонун ва дарки мақоми қонун дар системаи сиёсии кишвар яке аз омилҳои калидии ташаккулдиҳии имиҷи сиёсии сарвар ва ташкилотҳои сиёсӣ, ба шумор меравад. Қонун ҳамчун заминаи танзими расмии муносибатҳои иҷтимоӣ ва кафолати амнияти ҳуқуқӣ дар тасаввури омма метавонад ҳамчун нишонаи адолат, қонуният ва самаранокии идоракунии давлатӣ қабул гардад.

Дар заминаи сиёсатшиносӣ ва антропологияи сиёсӣ қонун на танҳо як маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқӣ, балки як рамзи фарҳангӣ ва воситаи таъсиргузории идеологӣ низ ба шумор меравад. Тавре Дуглас Норт таъкид кардааст, ниҳодҳои расмии давлатӣ, аз ҷумла қонун, вақте эътибори иҷтимоӣ пайдо мекунанд, ки бо қоидаҳои ғайрирасмии фарҳанг ва арзишҳои иҷтимоӣ ҳамоҳанг бошанд [97]. Аз ин ҷост, ки муносибати шаҳрвандон ба қонун дар ҷомеаҳои посошуравӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, на танҳо нишондиҳандаи сатҳи маърифати ҳуқуқӣ ва сиёсист, балки меъёре барои арзёбии легитимият ва эътибори сиёсати амалкунанда, аз ҷумла ташаккулдиҳии имиҷи сиёсии сарвар ва ташкилотҳои сиёсӣ мебошад.  Маҳз тавассути дарки он, ки то кадом андоза қонун барои ҳама баробар татбиқ мешавад, оё он аз тарафи мақомоти давлатӣ эҳтиром мешавад, ва то кадом ҳад мардум худро дар назди он муҳофизатшуда эҳсос мекунанд ташаккулдиҳии имиҷи сиёсии сарвар ва ташкилотҳои сиёсӣ шакл мегирад. Агар қонун танҳо ҳамчун абзори ҳифзи манфиатҳои элита дарк шавад, он гоҳ ҳатто сарвари дорои дастовардҳои иқтисодӣ ва ташкилотҳои сиёсии фаъол низ наметавонад эътимоди устувори мардумро соҳиб гардад.

Дар шароити кунунии Тоҷикистон, ки ҷомеа дар раванди гузариш ба системаи ниҳодгароёна қарор дорад, масъалаи муносибати шаҳрвандон ба қонун, беш аз пеш, ҳамчун омили муайянкунандаи имиҷи сиёсӣ аҳаммият

пайдо мекунад. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҷомеа аз давлатдории шуравӣ ба низоми ҳуқуқмеҳвари демократӣ ҳаракат дорад, бологузории қонун аз тамоми ниҳодҳои ҷамъиятӣ кафили суботи сиёсӣ ва пешрафти ҷомеа ба ҳисоб меравад. Дар ин раванд шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қонун ё қонунмандӣ эҳтироми баланд гузошта муносибати фаъоли фосилавии худро бо институтҳои сиёсӣ таъмин менамоянд ва онро дар сатҳи олии низоми арзишҳои худ ҷой медиҳанд. Агар аз нуқтаи назари маъмулӣ назар намоем, эҳтиром ба қонун ва донистани он метавонад далели шакл гирифтани маърифати ҳуқуқӣ ва сиёсии шаҳрвандон бошад.

Дар назарсанҷиҳои гуногун аҳамияти мафҳуми "қонун" ҳамчун далели ниёзи ҷомеа ба қоидаҳои устувор ва универсалӣ таъкид мешавад. Аммо, бетаваҷҷуҳии шаҳрвандон ба пайдоиши ин қоидаҳо ва майли онҳо барои супоридани ин вазифа ба ҳокимияти иҷроия нишон медиҳад, ки барои қисми зиёди шаҳрвандон "қонун" бо "тартибот" ҳаммаъно шудааст. Ин фаҳмиш комилан бо фаҳмиши анъанавии муносибати байни давлат ва ҷомеа дар фарҳанги сиёсӣ мутобиқат мекунад, ки дар он давлат ҳамчун танзимгари асосии муносибатҳои иҷтимоӣ аз боло амал мекунад. Дар муқоиса бо ин, фаҳмиши ҳуқуқӣ дар бораи қонун бо мустақилияти ҳокимияти қонунгузор, ки бо иродаи мардум ташаккул мeёбад ва метавонад ба ҳокимияти иҷроия таъсир расонад, зич алоқаманд аст.

Таҳаввулоти фарҳанги сиёсӣ ва низоми ҳуқуқӣ яке аз хусусиятҳои асосии дар боло зикршудаи муносибати шаҳрвандони Тоҷикистон ба давлат ва ҳокимияти сиёсӣ мебошад. Ислоҳоти сиёсие, ки аз соли 1994 баъд аз қабули Конститутсияи амалкунандаи давраи истиқолият оғоз ёфт, тағйироти назаррасро ба фарҳанги сиёсӣ ва шуури ҳуқуқии шаҳрвандон ворид кард, махсусан муносибатҳои зерини танзимшаванда дар қонуни асосӣ боиси қайданд: Конститутсия дигар давлатро ҳамчун сотсиалистӣ ва шуравӣ намешиносад ва демократию ҳуқуқбунёд, соҳибихтиёр, ягона ва дунявӣ эълон менамояд. Принсипи якҳизбӣ бо низоми бисёрҳизбӣ ва плюрализми сиёсӣ иваз карда шуд, системаи ҳокимияти сиёсӣ, ки бар асоси ҳокимияти ягонаи шуроҳо

(Советҳо) буд, бо эълони таҷзияи ҳокимият иваз гардид, монополияи моликияти давлатӣ аз байн рафт ва низоми арзишҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ куллан тағйир ёфт, ки татбиқи амалии ин низоми арзишҳоро метавон ҳамчун яке хусусиятҳои асосии дурнамои ташаккулдиҳии имиҷи сиёсии сарвар ва ташкилотҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвон кард.

Дар Конститутсияи амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон мутобиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии муосир танзим шудаанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба Президент, Маҷлиси Миллӣ ва Маҷлиси Намояндагон, Ҳукумат, маҷлиси вакилони халқи ВМКБ дода шудааст. Парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон – Маҷлиси Олии кишвар ҳамчун мақоми намояндагӣ ва қонунгузор вазифаи қабули қонунҳо ва ташаккули низоми ҳуқуқиро бар душ дорад [1]. Сохтори ҳуқуқӣ ва фарҳанги сиёсии муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маншаъ гирифта, гузариш ба як системаи нав ва принсипи асосии ташкили мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар он муқаррар шудааст. Чунончи:

- Мақоми Президент ҳамчун сарвари давлат ва шахси олии мансабдор эътироф шудааст.

- Идоракунии маҳаллӣ (мақомоти худидоракунӣ) ҳамчун низоме муайян карда шудааст, ки ба системаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ дохил намешавад.

- Талошҳо барои ислоҳоти низоми додгоҳӣ бо мақсади ҳифзи бештари ҳуқуқи инсон анҷом дода мешаванд.

Ҳамин тариқ, таҳлили тағйироти калидие, ки дар Конститутсия ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудаанд, нишон медиҳад, ки фарҳанги сиёсии кишвар ба стандартҳои демократии муосир пайваст гардидааст. Фазои муносибатҳои зикргардида дурнамои рушду инкишофи имиҷи сиёсии сарвар ва ташкилотҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил намуда, ба шаклгирии он дар низоми муносибатҳои дохилӣ ва хориҷӣ мусоидат менамояд.

Татбиқи амалии давлати демократӣ ва иҷтимоӣ асосҳои бунёдии низоми давлатдории Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил намуда, дурнамои рушди имиҷи сиёсии сарвар ва ташкилотҳои сиёсии кишвар аз онҳо вобастагии зиёд дорад. Ин меъёр, ки дар моддаи якуми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр шудааст, на танҳо хосияти қонунгузорӣ, балки фалсафаи давлатдорӣ ва рамзи ормонҳои сиёсии миллат мебошад Эълон гардидани Тоҷикистон ба сифати давлати демократӣ ва иҷтимоӣ нишондиҳандаи ҳадафи сиёсати расмии кишвар аст, ки дар баробари сохтори ниҳодӣ, ба ташаккули имиҷи мусбати сиёсии сарвар ва ташкилотҳои сиёсӣ, ҳам дар дохили кишвар ва ҳам дар ҷомеаи байналмилалӣ равона шудааст. Ин гуна эъломияҳо, ки хосияти рамзӣ ва стратегию сиёсӣ доранд, омили муҳим дар ташаккули легитимият ва эътимоди оммавӣ мебошанд [147].

Тибқи таълимоти сиёсатшиносони муосир, ташаккули имиҷи сиёсӣ дар кишварҳое, ки дар марҳилаи гузариш қарор доранд, асосан бар ду поя устувор мешавад:

- аз як тараф, ба воситаи унсурҳои расмӣ ва конститутсионӣ (масалан, демократия, ҳокимияти қонун, давлати иҷтимоӣ);

- аз ҷониби дигар, таҷрибаи воқеии шаҳрвандон, ки ин арзишҳоро дар ҳаёти ҳаррӯза то кадом андоза эҳсос мекунанд ва эҳтиром менамоянд. Агар ин ду поя ба ҳам мутобиқат кунанд, яъне, меъёрҳои эълоншуда бо амалия мувофиқ бошанд, дурнамои ташаккулдиҳии имиҷи сиёсии сарвар ва ташкилотҳои сиёсӣ тадриҷан беҳтар мегардад.

Масъалаҳои номбаргардида дар заминаи тафаккури сиёсии шаҳрвандони Тоҷикистон аҳамияти хос дорад. Зеро дар муҳити пасошуравӣ, ки дар он фаҳму дарки мафҳумҳои демократия ва дунявият ҳанӯз ҳам дар раванди ташаккулёбӣ қарор доранд, имиҷи сиёсӣ бештар аз ҳама тавассути таҷриба ва иртибот бо сохторҳои давлатӣ ва расонаҳо ташаккул меёбад. Аз ин рӯ, нақши Конститутсия ҳамчун ҳуҷҷате, ки арзишҳо ва ормонҳои миллиро таҷассум мекунад, дар раванди ташаккули имиҷи сиёсӣ ниҳоят муҳим аст. Он на танҳо санади ҳуқуқӣ, балки воситаи созиши иҷтимоӣ ва нақшаи муаррифии

давлат ба ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад. Эълон гардидани Тоҷикистон ҳамчун давлати демократӣ ва иҷтимоӣ на танҳо ба таври расмӣ ҳувияти сиёсии кишварро муайян мекунад, балки дар амал бояд ҳамчун дурнамои ташаккулдиҳии имиҷи сиёсии сарвар ва ташкилотҳои сиёсӣ хизмат намояд. Танҳо дар сурати мутобиқати арзишҳои эълоншуда бо таҷрибаи иҷтимоии шаҳрвандон ва рафтори воқеии элитаи сиёсӣ, чунин муносибат метавонад ҳам дар дохили кишвар ва ҳам дар ҷомеаи байналмилалӣ устувор ва эътимоднок гардад.

Ғайр аз ин, бояд гуфт, ки фарҳанги сиёсӣ ва ҳуқуқие, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст, яке аз омилҳои асосии модернизатсияи сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоии кишвар мебошад. Заминаи шаклгирии онро дар доираи муносибатҳои мутақобилаи давлату ҷомеа ба сифати заминаҳои ташаккули имиҷи сиёсии сарвар ва ташкилотҳои сиёсӣ мавриди таваҷҷуҳи хос қарор додан мумкин аст. Ин гуна фарҳанг на танҳо ҳамчун маҷмуи арзишҳо ва принсипҳои ҳуқуқии расмӣ зоҳир мешавад, балки ҳамчун зербинои маънавӣ ва сиёсие мебошад, ки муносибатҳои байни давлат ва ҷомеа, эътимоди шаҳрвандон ба низоми ҳокимият ва имиҷи сиёсии сарвари сиёсӣ ва ташкилотҳои сиёсиро ташаккул медиҳад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки соли 1994 қабул ва баъдан бо тағйиру иловаҳои муҳим дар солҳои 1999, 2003 ва 2016 такмил гардид, рамзи ҳувияти давлатӣ ва низоми арзишии кишвар ба шумор меравад. Он аз як тараф, давлатро ҳамчун давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва иҷтимоӣ муаррифӣ мекунад, ва аз ҷониби дигар, заминаҳои ҳуқуқӣ ва сиёсиро барои ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳокимияти қонунӣ фароҳам месозад.

Фарҳанги сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, тибқи таърифи сиёсатшиносони америкоӣ Г. Алмонд ва С. Верба аз маҷмуи эътиқод, рафтор ва интизориҳои одамон иборат мебошад, ки нисбат ба ҳокимият ва нақши онҳо дар ҳаёти сиёсӣ зоҳир мегардад [146]. Дар шароити Тоҷикистон гузариш ба фарҳанги нави сиёсӣ як раванди мураккаб ва тулонӣ мебошад. Аммо, маҳз муқаррароти конститутсионӣ, ки ормонҳои адолат, баробарӣ ва ҳимояи ҳуқуқи инсонро

тақассум мекунанд, метавонанд заминаи интиқоли сиёсии арзишҳо гардад. Дар доираи муносибатҳои мутақобилаи давлат ва ҷомеа фарҳанги сиёсӣ метавонад ба унвони воситаи дурнамои ташаккулдиҳии имиҷи сиёсии сарвар ва ташкилотҳои сиёсии Тоҷикистон шароити мусоид муҳайё намояд.

Масалан, агар арзишҳое чун волоияти қонун, интихоботи демократӣ, масъулияти иҷтимоӣ ва ҳифзи озодиҳои сиёсӣ дар амал татбиқ шаванд, пас фарҳанги сиёсӣ ба тадриҷ ҳамчун қисми ҷудонашавандаи эътимоди сиёсӣ ва имтиёзи ахлоқӣ пазируфта мешавад**.** Фарҳанги сиёсие, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст, на танҳо як воситаи ҳуқуқӣ, балки як пояи маънавии давлатдорӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Муносибати мутақобилаи давлат ва ҷомеа вақте ки бар пояи арзишҳои конститутсионӣ устувор мешавад, метавонад ҳамчун заминаи муассир барои навсозии сиёсию ҳуқуқии кишвар хизмат намояд ва дурнамои ташаккулдиҳии имиҷи сиёсии сарвар ва ташкилотҳои сиёсиро дар Тоҷикистон муайян созад.

Инъикоси фарҳанги ҳуқуқӣ дар Конститутсия ба таъмини асосҳои қонунии ислоҳоти сиёсӣ ва иқтисодӣ такя менамояд. Давлат ба ташаккули иқтисоди бозаргонии иҷтимоӣ, сиёсати иҷтимоӣ ва муҳимтарин кафолатҳои ҳуқуқи инсон равона шудааст. Хусусияти фарҳанги сиёсии Тоҷикистон дар он аст, ки кишвар аз низоми сиёсии шуравӣ ба демократияи сиёсӣ гузашт ва чунин тамоюлот заминаҳои фарҳанги ҳуқуқии навро фароҳам менамояд. Фарҳанги ҳуқуқии Тоҷикистон принсипҳои асосии демократияро дар бар мегирад, ки ба чунин унсурҳо асос ёфтаанд: авлавияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва эҳтиром ба шаъну шарафи ӯ, иштироки мустақими халқ дар идораи давлатӣ, на танҳо тавассути интихобот, балки бо системаи мақомоти давлатӣ ва институтҳои ҳуқуқӣ, ки принсипҳои демократия, ҳуқуқи инсон ва таъсири мардум ба низоми сиёсиро таъмин мекунанд. Инчунин, механизмҳои самарабахши ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, назорати фаъолияти мақомоти давлатӣ ва идоракунии давлатӣ, зарурати эҳтироми Конститутсия ва риояи ҳатмии қонунҳо аз ҷониби тамоми мақомоти давлатӣ, мақомоти

маҳаллӣ ва шаҳрвандон низ механизмҳое мебошанд, ки тавассути онҳо шаҳрвандони кишвар дар ҳаёти сиёсӣ ширкат меварзанд.

Мақоми байналмилалии Тоҷикистон ва таъсири он ба вазъи муносибатҳои байналмилалӣ заминаи устувори дурнамои ташаккулдиҳии имиҷи сиёсии сарвар ва ташкилотҳои сиёсии кишвар буда, фазои муассири фаъолиятро дар дохили давлат ва хориҷи кишвар муайян намуда, имконоти нави ҳамкории сиёсӣ, иқтисодӣ ва амниятиро фароҳам месозад

Баъди ба даст овардани истиқлолият Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як қатор созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ пайваст, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид (СММ), Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА), Созмони Ҳамкории Шанхай (СҲШ), Созмони ҳамкории исломӣ ва дигарон. Ин мавқеъгирӣ ба давлат имкон дод, ки дар сиёсати ҷаҳонӣ ва минтақавӣ ҳамчун субъекти фаъол шомил гардад ва имконоти сиёсати хориҷии мутавозин миёни Русия, Чин, кишварҳои ғарбӣ ва ҷаҳони исломро бунёд намояд[2]. Ин мавқеъ ва иштироки фаъолона дар арсаи байналмилалӣ, бевосита ба имиҷи сиёсии сарвари сиёсӣ, ки ҳамчун чеҳраҳои намоён ва намояндаи манфиатҳои миллӣ дар арсаи байналмилалӣ баромад мекунанд, таъсир расонида, дурнамои ташаккулдиҳии имиҷи сиёсии Тоҷикистонро таъмин менамояд. Дар чунин шароит ҳузури сарвари сиёсӣ дар конфронсҳо, ташаббусҳои дипломатӣ (мисли масъалаи об ва экология), ҳамкории дуҷониба ва бисёрҷониба бо кишварҳои таъсиргузор, ба шеваи шинохти онҳо дар дохили кишвар низ таъсири мусбат мерасонад.

Аз дидгоҳи назарияи дипломатияи муосир соҳиб шудан ба мақоми фаъоли байналмилалӣ танҳо амали сиёсати хориҷӣ нест, он воситаи таъсиррасонии дохилӣ, яъне таҳкими қудрати сиёсӣ, боло бурдани эътибори элитаи сиёсӣ ва густариши дастгирии иҷтимоист [150]. Ҳамин тариқ, мақоми байналмилалии Тоҷикистон дар арсаи сиёсати ҷаҳонӣ метавонад ба устувории дохилии системаи сиёсӣ ва эътирофи фаъолияти сарвари сиёсӣ ва ташкилотҳои сиёсӣ мусоидат намояд. Ба таври хос дар шароити тағйирёбии низоми ҷаҳонӣ ва рақобати геополитикӣ кишварҳое чун Ҷумҳурии

Тоҷикистон нақши давлатҳои созандаро пайдо мекунанд. Аз ин рӯ, дурнамои ташаккулдиҳии имиҷи сиёсии сарвар ва ташкилотҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон ба таври мустақим ба қобилияти онҳо дар нигоҳ доштани тавозуни манфиатҳои миллӣ дар миёни фишорҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ вобастагӣ зиёд дорад [155].

Мақоми байналмилалии Тоҷикистон дар сиёсати ҷаҳонӣ ва минтақавӣ на танҳо барои таъмини манфиатҳои стратегии хориҷӣ муҳим аст, балки ҳамчун самтдиҳандаи сиёсати дохилӣ ва ташаккули имиҷи сиёсии сарвар ва ташкилотҳои сиёсӣ хизмат мекунад. Ҳузур ва иштироки фаъоли кишвар дар равандҳои байналмилалӣ боиси тавсеаи фаҳмиши ҷомеаи ҷаҳонӣ дар бораи нақши давлат ва раҳбаронаш мегардад ва барои таҳкими эътибори сиёсӣ дар дохил ва хориҷ шароити мусоид фароҳам месозад.

Сатҳи зиндагӣ ва имконияти дарёфти даромадҳои иҷтимоии мадум заминаи устувори ташаккули имиҷи сиёсии сарвар ва ташкилотҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон буда, фазои муассири фаъолиятро дар дохили давлат муайян мекунад. Сиёсате, ки ба беҳбуди зиндагии воқеии шаҳрвандон равона шудааст, на танҳо сиёсати иҷтимоист, балки воситаи асосии эътирофсозии эътибори сиёсӣ дар фазои дохилии кишвар низ мебошад. Тавре ки дар назарияи сиёсати оммавӣ ва идоракунии давлатӣ таъкид мешавад, маъмурияти муваффақи сиёсӣ на танҳо бо натиҷаҳои сиёсии худ, балки пеш аз ҳама бо қобилияти таъмини шароити зиндагии арзанда ба аҳолӣ ва фаъолияти сиёсии онҳо муваффақ арзёбӣ мегардад [154]. Дар ин раванд сарвари сиёсӣ ва ташкилотҳои сиёсие, ки метавонанд механизми самарабахши ҳифзи иҷтимоӣ, кӯмак ба қишрҳои осебпазир ва рушди иқтисодии фарогирро фароҳам созанд, дар тафаккури омма имиҷи сиёсии фаъол, масъул ва наздик ба мардумро ба даст меоранд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки қисми зиёди аҳолӣ дар деҳот зиндагӣ мекунад [145], масъалаи дастрасии шаҳрвандон ба кумакҳои иҷтимоӣ ва хизматрасониҳои давлатӣ ҷанбаи калидии муносибати шаҳрвандон ба давлатро ташкил медиҳад. Агар сиёсати иҷтимоӣ эҳтиёҷоти ҷомеаро пурра фаро гирад, он метавонад заминаи муҳимми эътимоди сиёсӣ ва устувории

мақоми савари сиёсӣ гардад. Илова бар ин, сатҳи зиндагӣ на танҳо нишондиҳандаи сатҳи иқтисодӣ, балки меъёри маънавии адолат ва масъулияти мақомоти давлатӣ дар назди мардум низ мебошад. Чунин омил ба муносибати мардум дар шаклгирии дурнамои ташакулдиҳии имиҷи сиёсии сарвар ва ташкилотҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон таъсир мерасонад.

Этирофи фаъолияти сарвари сиёсӣ ва ташкилотҳои сиёсиро дар раванди идораи давлатӣ метавон ба сифати заминаҳои ташаккули имиҷи сиёсии сарвар ва ташкилотҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон мавриди таваҷҷуҳи хос қарор дод. Дар ҷомеаи муосир, ки равандҳои сиёсӣ бо талаботи иштироки шаҳрвандон ҳамбаста шудаанд, эътирофи иҷтимоии фаъолияти сарвар ва ташкилотҳои сиёсӣ яке аз механизмҳои асосии ташаккули имиҷи сиёсӣ маҳсуб меёбад. Ин эътироф, ба истилоҳи Дэвид Истон, «эътирофи легитимии оммавӣ ба фаъолияти элитаҳои сиёсӣ» мебошад[1].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки системаи сиёсӣ дар давраи гузариш қарор дорад, эътирофи фаъолияти сиёсӣ муҳимтар аз ҳар замони дигар аст. Зеро эътибори сарвари сиёсӣ ва ташкилотҳои сиёсӣ бештар аз ҳама тавассути арзёбии амалӣ ва натиҷаи идоракунӣ аз сӯи мардум муайян мешавад. Ба ибораи дигар, шаҳрвандон тавассути меъёрҳое чун: қобилияти ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, назорати амният ва суботи миллӣ, иҷрои ваъдаҳои пешазинтихоботӣ, ва сифати хизматрасониҳои давлатӣ фаъолияти сарвар ва ташкилотҳои сиёсиро баҳо медиҳанд.

Имиҷи сиёсии сарвар ва ташкилотҳои сиёсӣ дар чунин шароит на танҳо як имиҷи сиёсии сохташуда аз ҷониби ВАО ё стратегҳои сиёсист, балки натиҷаи маҷмуии арзёбиҳои оммавӣ, таҷрибаи мустақими мардум ва иртиботи иҷтимоӣ мебошад. Бо ин ҳама, вазифаи аслии сарвар ва ташкилотҳои сиёсӣ, дар доираи сиёсати муосир аз он иборат аст, ки тавассути идоракунии муассир, муназзам ва самаранок сатҳи эътирофро дар ҷомеа бояд боло баранд. Агар шаҳрвандон эҳсос созанд, ки сарвар ва ташкилотҳои сиёсӣ дар доираи манфиат ва эҳтиёҷоти онҳо фаъолият мекунанд, ва барои беҳбудии зиндагии воқеии онҳо мекушанд, эътироф ба даст меояд, ва бо он заминаҳои дурнамои

ташакулдиҳии имиҷи сиёсии устувори онҳо низ фароҳам гардида, муносибати мутақобила меафзояд.

Эътирофи фаъолияти сиёсӣ метавонад дар се сатҳ зоҳир гардад:

1. Эътирофи расмӣ-тавассути иштирок дар интихобот, таъйини мақом ва дастгирии қонунӣ.
2. Эътирофи иҷтимоӣ-тавассути тасдиқи умумии оммавӣ, маъруфият ва эътибор.
3. Эътирофи рамзӣ-вақте ки роҳбар ба сифати рамзи миллӣ ё пуштибони арзишҳо пазируфта мешавад [149].

Бояд қайд намоем, ки ин се шакли эътирофи сиёсӣ дар дурнамои ташаккулдиҳии имиҷи сиёсии сарвар ва ташкилотҳои сиёсии Тоҷикистон нақши муҳимму муайянкунанда мебозанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шеваи амалкарди сарвар ва ташкилотҳои сиёсӣ аз ибтидои солҳои истиқлолият то имрӯз тавассути меъёрҳои амният, субот, рушди инфрасохтор ва сиёсати иҷтимоӣ ба ҷомеа муаррифӣ шудааст. Иштироки доимии сарвар ва ташкилотҳои сиёсӣ дар ҳаёти иҷтимоӣ, аз ҷумла сафари корӣ ба ноҳияҳо, суханрониҳои оммавӣ, ташаббусҳои миллӣ (масалан, обу иқлим, муҳоҷират, омӯзиш), фаъолияти байналмилалӣ ҳама ҳамчун воситаҳои таҳкими эътироф ва ташаккули имиҷи сиёсии мусбати онҳо истифода мешаванд. Аммо, барои устувории ин имиҷ, лозим аст ки он на танҳо дар сатҳи расонаҳо, балки дар зеҳни ҷомеа бо таҷриба ва натиҷаҳои воқеӣ ҷойгир карда шаванд. Танҳо дар чунин ҳолат, имиҷи сиёсии сарвар ва ташкилотҳои сиёсӣ на ҳамчун шабакаи таблиғотӣ, балки ҳамчун сармояи сиёсӣ дар раванди фаъолият аз ҷониби ҷомеа пазируфта мешавад [153].

Таъмини амнияти миллӣ ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар низоми муносибатҳои дохилӣ ва хориҷии кишвар, бахусус дар шароити мураккаби геополитикии муосир, яке аз омилҳои калидии идоракунии давлатӣ ва дурнамои ташаккулдиҳиии имиҷи сиёсии сарвар ва ташкилотҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон ба шумор меравад. Дар шароити асри XXI, ки хатарҳои амниятӣ дар шаклҳои нав - аз терроризм, радикализми динӣ то ҷангҳои иттилоотӣ ва

иқтисодӣ зоҳир мешаванд, амнияти миллӣ дигар на танҳо як масъалаи низомӣ, балки бахше аз сохтори мансубияти сиёсии давлат гардидааст. Аз ин рӯ, мавқеи сарвар ва ташкилотҳои сиёсӣ дар масъалаҳои таъмини субот, ҳифзи истиқлолият ва пешгирии таъсирҳои манфии хориҷӣ ба таври мустақим ба имиҷи сиёси онҳо ҳамчун ҳомии манфиатҳои миллӣ таъсир мерасонад.

Дар кишварҳое, ки ҷараёниислоҳоти демократӣ бо ниёз ба устувории сиёсӣ баробар меоянд (монанди Тоҷикистон), мувозинат миёни озодиҳои сиёсӣ ва талаботи амниятӣ аҳамияти стратегӣ дорад. Сиёсатмадороне, ки метавонанд дар сатҳи баланди сиёсатгузорӣ амниятро бо эҳтиром ба ҳуқуқу озодиҳо мутаносиб созанд, ҳамчун шахсиятҳои боэътимод ва коршиноси амалӣ дар тафаккури омма ҷой мегиранд. Ҳамзамон, ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар равобити хориҷӣ низ омили муассирест дар шаклгирии имиҷи сиёсии сарвар ва ташкилотҳои сиёсии Тоҷикистон, ки байни абарқудратҳо (масалан, Чин, Русия, ИМА) ва иттиҳодияҳои минтақавӣ қарор дорад. Мавқеъгирии дурандешона ва мутавозин дар сиёсати хориҷӣ метавонад таассуроти байналмилалии сарвар ва ташкилотҳои сиёсиро таҳким бахшад.

Дар ин замина имиҷи сиёсии сарвар ва ташкилотҳои сиёсӣ на танҳо бар асоси қонунҳо ва суханрониҳо, балки пеш аз ҳама, аз рӯйи қобилияти ҳалли амалии масъалаҳои амниятӣ, ҳифзи истиқлолият ва пуштибонӣ аз манфиатҳои миллии стратегӣ ташаккул меёбад. Яъне, амният ва истиқлолият на фақат меъёри сиёсати давлатӣ, балки унсури асосии сохти идеологии дурнамои ташакулдиҳии имиҷи сиёсии сарвар ва ташкилотҳои сиёсӣ мебошанд.

Волоияти қонун ва таъмини амнияти шахсӣ заминаҳои ташаккулдиҳии имиҷи сиёсии сарвар ва ташкилотҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон мебошанд. Дар низоми давлатдории муосир, ки ба принсипҳои ҳуқуқбунёдӣ, адолат ва ҳимояи озодиҳои шахсӣ асос ёфтааст, волоияти қонун ва таъмини амнияти шахсӣ на танҳо вазифаҳои асосии давлат, балки меъёрҳои муайянкунандаи имиҷи сиёсии сарвар ва ташкилотҳои сиёсӣ мебошанд. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар давраи гузариш аз давлатдории шуравӣ ба низоми

ҳуқуқбунёд қарор дорад, ин ду унсур яъне волоияти қонун ва амнияти шахсӣ аҳамияти махсус касб менамоянд.

Волоияти қонун ҳамчун дурнамои ташаккулдиҳии имиҷи сиёсии сарвар ва ташкилотҳои сиёсӣ бартарии қонун бар иродаи шахсӣ ва гурӯҳӣ, масъулияти баробар барои ҳама шаҳрвандон ва фаъолияти ниҳодҳои давлатиро дорад. Дар ҷомеаҳои демократӣ волоияти қонун ба таври мустақим ба боварӣ ба адолати судӣ, ҳисси амнияти ҳуқуқӣ ва эътимод ба сохтори давлатдорӣ пайванд мегардад. Механизмҳои таъмини волоияти қонун ба монанди истиқлоли судҳо, назорати конститутсионӣ, пешгирии дахолати ҳизбӣ ва маъмурӣ ба адолати судӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқии шахсони масъул вақте дар амал татбиқ мешаванд, ба ташаккули имиҷи устувори сиёсӣ мусоидат мекунанд. Ба ибораи дигар, волоияти қонун на танҳо нишондиҳандаи фазои ҳуқуқист, балки воситаи арзёбии сифатнокии роҳбарии сиёсӣ низ мебошад.

Амнияти шахсӣ: нишондиҳандаи масъулияти иҷтимоии давлат, ки фарогири амнияти ҷисмонӣ, равонӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқии фард мебошад, аз муҳимтарин талаботи шаҳрвандон ба давлат дар ҷомеаи муосир аст. Сарвари сиёсие, ки метавонад муҳити амн ва бетаҳдидро барои зиндагии шаҳрвандон фароҳам оварад, ба таври табиӣ дар зеҳни мардум ҳамчун «муҳофиз, пуштибон ва сарпарасти миллӣ» шинохта мешавад. Таҷрибаи Тоҷикистон, ки дар даҳаи 1990 аз ҷанги шаҳрвандӣ ва солҳои баъдӣ аз таҳдидҳои амниятии минтақавӣ гузашт, нишон дод, ки мардум ба роҳбароне бовар мекунанд, ки таъмини субот ва оромиро ба авлавият қарор медиҳанд. Ҳамин суботи нисбии ду даҳсолаи охир (дар муқоиса бо кишварҳои ҳамсояи ноором) низ яке аз сабабҳои таҳкими имиҷи сиёсии сарвар ва ташкилотҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон мебошад. Яке аз заминаҳои муҳимтарини ташаккулёбии имиҷи сиёсии Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҳамин масъала вобастагӣ дорад. Сарвари давлат баъди ба сари қудрат омадан ба мардум ваъда доданд, ки ман ба шумо сулҳ меоварам. Воқеан ҳам муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷанги шаҳрвандиро хотима бахшиданд, давраи баъдиҷангиро дар муддати хеле

кутоҳ ба марҳилаҳои нави давлатдорӣ табдил доданд, на танҳо рушди соҳаҳои гуногунро ба амал баров催данд, балки аз ҳама муҳим амният ва суботи сиёсиро дар саросари кишвар таъмин намуданд. Бинобар ин, дар дилу дидаи мардум маҳбубияти хосса доранд.

Волоияти қонун ва амнияти шахсӣ ҳамчун воситаи дурнамои ташакулдиҳии имиҷи сиёсии сарвар ва ташкилотҳои сиёсии Тоҷикистон дар амал татбиқ мешаванд, на танҳо принсипҳои ҳуқуқӣ зуҳур менамоянд, балки муносибати шаҳрвандон ба сарвар ва ташкилоҳои сиёсӣ низ тағйир меёбад. Мардум дарк мекунанд, ки давлат ба онҳо посухгӯст; роҳбарият манфиатҳои онҳоро дифоъ мекунад; озодӣ ва бехатарии шахсӣ арзишҳои муҳофизатшавандаанд. Дар чунин муҳит дурнамои ташаккулдиҳии имиҷи сиёсии сарвар ва ташкилотҳои сиёсӣ на бо таблиғот, балки бо натиҷаҳои воқеӣ ва таҷрибаи зиндагии мардум амалӣ мешавад. Ва ин, ба гуфтаи назариячиёни сиёсӣ, устувортарин шакли имиҷсозии сиёсист [153].

Салоҳиятҳои Президент, ваколатҳои ташкилотҳои сиёсӣ ва интизориҳои мардум заминаҳои дигари дурнамои ташаккулдиҳии имиҷи сиёсии сарвар ва ташкилотҳои сиёсии Тоҷикистон мебошад. Ташаккули имиҷи сиёсӣ дар ҳама гуна низоми давлатӣ ҷараёни хеле мураккаб, бисёрқабата ва таъсирпазир аз маҷмӯи омилҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аст. Тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти кишвар Сарвари давлат ва Роҳбари ҳокимияти иҷроия мебошад. Дар чунин низом Президент ҳамчун намояндаи иродаи давлатӣ, нигоҳи стратегӣ ба миллат ва рамзи ягонагии миллӣ пазируфта мешавад.

